М. КАБИРОВ, Ф. ИСОМИДДИНОВ,
А. ЗОҲИДОВ

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Нашри чорум

*Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон барои донишомӯзони синфҳои 9-уми мактабҳои таълими умумии миёна ба сифати китоби дарсӣ ба нашр тавсия намудааст*

ТОШКАНД
«ӮЗБЕКИСТОН»
2014

УЎК: 811.512.222(075)
КБК: 81. 2 Тад
К 13

**Муқарризон:**

1. **Ҳасанқул Солиев** — омӯзгори мактаби миёнаи рақами 89-уми ноҳияи Китоби вилояти Қашқадарё, аълочии таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон;

2. **Майсара Баҳронова** — омӯзгори мактаби миёнаи рақами 5-уми ноҳияи Ургути вилояти Самарқанд.

## Аломатҳои шартӣ

☑ — машқи эҷодӣ

✍ — машқи умумӣ

Δ — шарҳи мавзӯъ

◉ — супориш оид ба мавзӯъ

**Кабиров М ва диг.** Забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои
К 13 9-уми мактабҳои миёнаи таълими умумӣ. Нашри чорум — Т, ХЭТН «Ўзбекистон», 2014, 128 саҳифа.
ISBN 978-9943-01-514-2

**УЎК: 811.512.222(075)**
**ББК. 81.2.Тад**

*O'quv nashri*

**Malik Kabirov, Farhod Isomiddinov, Abdunabi Zohidov**

**TOJIK TILI**

*Umumiy o'rta maktablarning 9-sinfi uchun darslik*

To'rtinchi nashr

Original-maket «O'zbekiston» nashriyot-matbaa ijodiy uyida tayyorlandi.
100129, Toshkent, Navoiy ko'chasi, 30.

Муҳаррир *З. Тоҳириён*. Муҳаррири техникӣ *Т. Харитонова*.
Муҳаррири бадеӣ *Ҳ. Қутлуқов*. Саҳифабанди компютерӣ *Л. Абкеримова*

Литсензияи нашриёт AI № 158, 14.08.09. Ба чопаш 4 майи соли 2014 имзо гардид. Андозаи 70x90 $^1/_{16}$. Чопи офсетӣ.
Гарнитураи «Times TAD». Ҷузъи чопии шартӣ 9,36. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 8,67. Адади нашр 6740 нусха.
Супориши № 131-14.

Дар ХЭТН «O'qituvchi»-и Агентии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон,
100129, ш. Тошканд, Юнусобод кӯчаи Янги шаҳар, 1,А чоп шудааст.

ISBN 978-9943-01-514-2

© Нашриёти «ЎЗБЕКИСТОН», 2004.
© ХЭТН «ЎЗБЕКИСТОН», 2010, 2014.

# МУҚАДДИМА

Аз он рӯзгоре, ки забони гӯё чун воситаи мухобира (ба ҳамдигар хабар расонидан) дар олами воқеӣ падид омад, одамон ба илму маърифат майл намуданд, зеро ки забон бо тафаккур алоқаи бевосита дорад. Ҳар фикре, ки дар майнаи мо пайдо мешавад, тавассути маводи забон шакл мегирад ва бо воситаи он ифода мегардад.

Забон дар ҳаёти ҷомеа аҳамияти бузург дорад. Вай оинаи фарҳанг, пояи миллат, инкишофдиҳандаи кори тафаккур буда, дар айни ҳол, гузаротарин силоҳи мубориза барои сулҳу салоҳ низ мебошад.

Мақсад ва мароми мардуми сарзамини Ӯзбекистон ҳам бунёд намудани давлати соҳибистиқлол буд. Баъд аз заволи салтанати шӯроҳо дар қатори дигар давлатҳои соҳибистиқлоли Осиёи Марказӣ давлати Ӯзбекистон — Республикаи Ӯзбекистон низ ташкил ёфт.

Забон омили асосии эҷоди фарҳанг, нахуствасилаи тараққии ҷамъият ва пояи миллат мебошад. Ин буд, ки 21 октябри соли 1989 Қонуни забони давлатии Ӯзбекистон қабул карда шуд ва забони ӯзбекӣ соҳиби мақоми давлатӣ гардид.

Давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёди Ӯзбекистон нисбат ба намояндагони миллатҳои дигаре, ки дар қаламрави Ӯзбекистон ҳаёт ба сар мебаранд, муносибати эҳтиромона зоҳир менамояд. Сиёсати одилонаи давлати Ӯзбекистон дар Қонуни забони давлатии он низ ифода ёфтааст. Забони давлатии Ӯзбекистон забони ӯзбекӣ аст. Дар қонун ғайр аз муайян гаштани вазъу мароми забони ӯзбекӣ мавқеъ ва мавридҳои амали забонҳои ғайридавлатии ин сарзамин низ мувофиқи талаби тамаддуни умумибашарӣ муқаррар гаштааст: **«Дар Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар ҳаққи забони ҷамъи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар қаламрави он зиндагӣ доранд, муносибати эҳтиромона таъмин гашта, бароиривоҷу равнақи ин забонҳо шароит муҳайё карда мешавад** (Тошкент, «Адолат», соли 1996, саҳ. 50).

Кафолати давлат дар ҳолати зуҳури беэътиноӣ нисбат ба забони давлатӣ ва забони халқиятҳои дигаре, ки дар қаламрави Ҷумҳурияти Ӯзбекистон амал мекунанд, дар моддаи охирин — моддаи 24 қонуни мазкур ба таври зерин оварда шудааст: **«Дар Республикаи Ӯзбекистон зуҳури муносибати назарногирона ё душманона нисбат ба забони давлатӣ, ё ки забонҳои дигар манъ аст. Касоне, ки дар соҳаи интихоби забон аз ҷониби шаҳрвандон дар муомилоти байниҳамдигарӣ, гирифтани таълиму тарбия мамониат мерасонанд, мувофиқи санадҳои қонунгузорӣ ҷавобгар хоҳанд шуд»** (Тошкент, «Адолат», соли 1996).

Ҳукумати ҷумҳурӣ дар қатори забонҳои дигари ғайридавлатӣ барои пешрафт ва инкишофи забони тоҷикӣ, ки забони яке аз халқҳои таҳҷоӣ ва асосии ин мамлакат —тоҷикон маҳсуб мегардад, пайваста ғамхорӣ зоҳир менамояд.

# ТАКРОР

## ИБОРА, ҶУМЛА ВА АЪЗОҲОИ ҶУМЛА

### § 1. Ибора ва ҷумла

**Ба саволҳо посух диҳед:**

1. Ибора чист?
2. Ибора воҳиди сарфист ё наҳвӣ?
3. Ибора аз калима чӣ фарқ дорад?
4. Ибораҳо аз чанд ҷузъ иборатанд?
5. Ибораҳо дар асоси кадом ҷузъ ба хелҳо ҷудо мешаванд?
6. Кадом хелҳои ибораро медонед?
7. Ибораҳо аз ҷиҳати сохт чанд хел мешаванд?

**Машқи 1.** Аввал номи чизҳо, баъд аломату хусусияти онҳоро гӯед. Аз номи чизҳо ва аломатҳояшон ибора созед. Аз ибораҳо ҷумла тартиб диҳед. Фарқи калима, ибора ва ҷумларо шарҳ диҳед.

**Машқи 2.** Сохти ибораҳои зеринро муайян кунед ва ба дафтаратон нависед.

Дарахти олу, себи сурхи бобоӣ, китобро хондан, падари ӯро дидан, падари талаба, аз шаҳр тез омадан, дарёи калон, моҳи майи Тошканд, сарзамини Ӯзбекистон, хонаи аз ҳама калон, кӯчаи Самарқанд, ҳафтаи гузашта омадан, шаҳри Бухоро, қисми якуми бозӣ, ранги зард, хонданро дӯст доштан, писари калони амаки ман, деги мис, соати тилло.

**Машқи 3.** Хелҳои ибораро муайян кунед ва бо кадом ҳиссаи нутқ ифода ёфтани ҷузъи тобеъкунандаи онҳоро шарҳ диҳед.

Гули бодом, ҳамон китоб, рӯйи чун анор сурх, боми аз ҳама баланд, аз шаҳр омадан, тири аз камон ҷаста, мани нодон, бо дигарон гапзанон, нонро пазондан, ба гӯсфанд об додан, мани бечора, туи берӯзӣ, кадоми шумоён, сухан гуфтан, тоза рӯфташуда, ночор гирякунон, беҳуда нолакунон, панҷи ту.

**Машқи 4.** Аз ҷумлаҳои хулласи зерин ҷумлаҳои тафсилӣ тартиб диҳед.

Тирамоҳ расид. Офтоб баромад. Борон борид. Замин лой шуд. Меваҳо пухтанд. Ҳаким месарояд. Гулҳо мешукуфтанд.

**Машқи 5.** Ҷумлаҳои яктаркибаи зеринро ба хелҳо ҷудо карда, ба дафтаратон нависед.

Ӯро ҷеғ зада як пиёла чой додам. Чӣ мегӯӣ? Дарди худ пеши дардмандон бигӯ (*Зарб*). Ба гапи душман фирефта набояд шуд (*Зарб*). Шаб. Боғистон. Аспу ароба базӯр дида мешуд (*С. Улуғзода*). Шутурро бо кафлес об намедиҳанд (*Зарб*). Хестан даркор (*Ҳ. Карим*). Туро беҳуда Наврӯзи зӯр намегӯянд (*С. Айнӣ*). Кабӯтари дубома машав (*Зарб*). Дар он замон ин шаҳрро Бухорои Шариф меномиданд (*Ҷ. Икромӣ*). Як боғ. Атрофаш бо девори пастаке иҳота шудааст (*С. Айнӣ*).

**Машқи 6.** Ҷумлаҳои зеринро таҳлили наҳвӣ кунед.

1. Риши кулӯлаи сиёҳаш ба худаш мезебид (*Ҷ. Икромӣ*). 2. Дигарон низ аз ҷойи худ хеста, рӯй ба тарафи Рӯдакӣ истоданд (*Р. Ҳодизода*). Хишова ва обдориашро ҳам бо нишондоди падарам худам кардам (*С. Айнӣ*).

## § 2. Аъзоҳои ҷумла

**Ба саволҳо посух диҳед:**

1. Кадом аъзоҳои ҷумларо медонед?
2. Кадом аъзоҳои ҷумларо сараъзо меноманд? Чаро?
3. Мафҳуми ибораи «аъзои пайрави ҷумла» чист?
4. Ба аъзоҳои пайрави ҷумла кадом аъзоҳои ҷумла мансубанд?
5. Фарқи сараъзоҳо аз аъзоҳои пайрав дар чист?
6. Аъзоҳои пайрав бо кадом хусусиятҳояшон фарқ мекунанд?

**Машқи 7.** Аз рӯйи нақшаи зерин дутоӣ ҷумла тартиб диҳед.



**Машқи 8.** Ҷумлаҳоро нависед, сараъзо ва аъзоҳои пайрави онҳоро нишон диҳед.

1. Дар кӯҳсорони мо паррандаю даррандаҳо хеле бисёранд. 2. Ҷавон ду чашми худро аз дар наканда менишаст. 3. Мо имрӯз ба сайри кӯҳсор меравем. 4. Ман чӣ будани он чизҳоро намедонистам. 5. Мо ҳам ба онҳо наздиктар рафтем. 6. Ин гапҳои муйсафедро баъзеҳо сар ҷунбонда тасдиқ карданд. 7. Ростӣ, бобояш ба ӯ меҳрубон буд. 8. Маҷлис сар шуд. 9. Кӯҳ аз қишлоқи мо дур нест.

**Машқи 9.** Аз рӯйи нақшаи зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед ва фарқи онҳоро муайян кунед.



**Машқи 10.** Ҷумлаҳое тартиб диҳед, ки дар онҳо калимаҳои зерин ба вазифаи мубтадо омада бошанд.

Дарсҳо. Талабаҳо. Ҳаво. Офтоб. Ҳавопаймо. Чархбол. Рӯзнома. Ҷумҳурият. Тошканд. Самарқанду Бухоро. Сайёра.

**Машқи 11.** Ба ҷойи нуқтаҳо аз даруни қавсайн хабарҳои мувофиқро ёфта гузоред.

Ҳар ду хомӯшона ба майдони ҳавлӣ... Аз молхона овози гӯсола ба гӯш... Қобилҷон ба он ҷо... Вай лампаи барқиро .... Молхона ..... Гӯсолаҳо..... (*расид, ором буданд, дохил шуданд, даргиронд, рафт, равшан шуд*).

**Машқи 12.** Латифаро ифоданок хонед, сараъзою аъзоҳои пайрави ҷумлаҳои онро муайян кунед ва гӯед, ки онҳо бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода шудаанд.

## ДУМАШ ДАР ХӮРҶИН

Мулло Насриддин маркаби худро барои фурӯхтан ба бозор бурд. Роҳ лой буд. Дар роҳ думи хар лойолуд шуд. Мулло Насриддин худ ба худ фикр кард:

Аҷаб нест, бо чунин думи лойолуд маркабро ҳеҷ кас нахарад. Ӯ думи маркабро бурида ба хӯрҷин андохт. Шахсе харидори маркаб шуд. Хар дум надошт. Харидор ба соҳиби хар гуфт:

— Хари бедум фоида надорад.

Мулло Насриддин бо шитоб ҷавоб дод:

— Шумо савдо кардан гиред, аз бобати думи вай хотиратон ҷамъ бошад. Думаш — дар хӯрҷин.

**Машқи 13.** Ҷумлаҳои зеринро таҳлили наҳвӣ кунед.

1. Ман аз куҷо донам? (*Ҷ. Икромӣ*). 2. Ҳамаи ин қиссаро ба вай ҳам ҳикоят хоҳам кард (*Ф. Муҳаммадиев*). 3. Фикру хаёлаш дар гӯшаҳои гуногуни орзу такопӯ менамуд (*Ҳ. Карим*). 4. Аспу ароба базӯр дида мешуд (*С. Улуғзода*.) 5. Шутурро бо кафлес об намедиҳанд (*Зарб*).

## САВОЛҲОИ ТЕСТӢ

**1. Офаридгор ва зоҳиргари забон кист?**

А) омӯзгорон
Б) мутафаккирон
В) халқ
Г) адибон
Д) олимон

**2. Забони ӯзбекӣ кай соҳиби мақоми давлатӣ гардид?**

А) 20 сентябри соли 1988
Б) 21 октябри соли 1989
В) 22 ноябри соли 1990
Г) 23 августи соли 1990
Д) 20 декабри соли 1991

**3. Дар кадом ҷавоб ибораи содда оварда шудааст?**

А) бинои баланди деҳа
Б) нури Офтоби оламтоб
В) садбарги тар
Г) замини ҳосилхези водӣ
Д) лафзи гуворои дарӣ

**4. Кадом ибора ибораи исмист?**

А) кадоми шумоён
Б) панҷи ту
В) хоби гарон
Г) аз шаҳр омадан
Д) ночор гирякунон

**5. Кадом ибора аз як ҳиссаи нутқ таркиб ёфтааст?**

А) оби соф
Б) боми баланд
В) соати тилло
Г) шоми торик
Д) кулбаи ғарибона

**6. Дар ҷумлаи «Мо Ватани азизамонро ҳамеша дӯст медорем» кадом калима ба вазифаи муайянкунанда омадааст?**

А) мо
Б) Ватан
В) азизамон
Г) ҳамеша
Д) дӯст медорем

# ҶУМЛАИ МУРАККАБ

## § 3. Маълумоти умумӣ дар бораи ҷумлаи мураккаб

1. Онҳо беист гап мезаданд. Мо гӯш мекардем.
2. Барф меборид. Ҳаво гарм буд.
3. Шариф хуб меҳнат кард. Аз замини боғчааш ҳосили баланд гирифт.

1. Онҳо беист гап мезаданд ва мо гӯш мекардем.
2. Барф меборид, вале ҳаво гарм буд.
3. Шариф хуб меҳнат кард, аз замини боғчааш ҳосили баланд гирифт.

∆ Дар ҷумлаҳои содда гӯянда танҳо дар бораи ҳодисае ва ё ягон далели воқеие хабар медиҳад, вале алоқамандии дастурии байни ҷумлаҳои содда ба назар намерасад. Ҳар як ҷумлаи содда дорои далелҳои ҷудогона буда, амалу ҳолати онҳо ба таври худ тасвир шудаанд. Ин буд, ки дар сутуни аввал дар ҳар як ҷумлаи содда як фикр ё далеле ифода ёфтааст. Аз ин рӯ, ҳар кадоми онҳо дорои мазмуни ҷудогона мебошанд. Ин маънӣ шакли наҳвии онҳоро, ки ҷумлаи содда мебошанд, муайян намудааст. Аз ин ҷост, ки ҷумлаҳои мазкур бо оҳанги ба ҷумлаҳои соддаи хабарӣ (ҳикоягӣ) хос талаффуз мегарданд.

Дар ҷумлаҳои сутуни дуюм бошад, алоқамандии ҳодисаҳои табиат, муносибати байни одамон ва монанди инҳо равшантар ифода гашта, муносибатҳои маъноии замонӣ, хилофӣ ва сабабу натиҷа мавқеи асосиро ишғол намудаанд. Ахбори дар ин ҷумлаҳо овардашуда аз як ҳодиса ё далел иборат нест, балки ҳар кадоми онҳо дорои ду далел ё ду ҳодисаи мазмунан ба ҳам наздик буда, барои ифодаи як фикри умумӣ ташаккул ёфтаанд. Бояд гуфт, ки дар баъзе навъҳои ин гуна ҷумлаҳо теъдоди ҷумлаҳои содда зиёданд.

Ҷумлаҳои сутуни дуюм бо оҳанги махсус, ки дар охири ҷумла қатъ мегардад, талаффуз шуда, ҷумлаҳои соддаро ба ҳамдигар муттаҳид мегардонанд.

**Ҷумлае, ки аз ду ва зиёда ҷумлаҳои содда ташаккул ёфта, аз ҷиҳати маъно ва оҳанг ягона аст, *ҷумлаи мураккаб* номида мешавад.**

Ҷумлаҳои мураккаб аз ҷиҳати сохт, маъно ва воситаҳои алоқа аз ҷумлаҳои содда фарқ мекунанд. Мо бо ёрии ҷумлаҳои мураккаб фикрҳои нисбатан ба ҳам вобаста ва мукаммалро ифода мекунем.

**Машқи 14.** Аз ҷумлаҳои соддаи зерин ҷумлаҳои мураккаб тартиб дода, оҳанг ва воситаҳои алоқаи онҳоро муайян кунед.

1. Акнун барқ намеҷаҳид. Ҳаво ҳам гулдуррос намезад. 2. Дар ҳар ду рухсораи Зебӣ сурхии зариф пайдо шуд. Чашмонаш шармгинона поён дӯхта шуданд. 3. Борон гашти пешин монд. Пахта чидан мумкин набуд. 4. Толиб даромаданӣ шуд. Дар таги дар ӯро боздоштанд. 5. Имрӯз дар мактаб маҷлис мешавад. Дастаи ҳаваскорони мактаб ҳунарнамоӣ мекунанд. 6. Мо ҳанӯз чойнӯширо тамом накарда будем. Маддоҳи дирӯза омад. 7. Қумрибибӣ дид. Суханаш ба онҳо таъсир намекунад.

**Машқи 15.** Ба ҷумлаҳои зерин ҷумлаи содда илова кунед ва ҷумлаи мураккаб созед.

1. Оби дарё дамид...
2. Ронанда машинаро аз ҳаракат боздошт...
3. Пардаи саҳна кушода шуд...
4. Шамоли сахт бархост...
5. Талабагон ба синф даромаданд...
6. Офтоб баромад...
7. Борон борид...
8. Қатора истод....
9. Ҳавопаймо парвоз кард...
10. Баҳор омад...

**Машқи 16.** Ҷумлаҳои соддаи зеринро ба ҷумлаи мураккаб баргардонед.

**Намуна:** Баъд аз рӯз шудан ба сафари шаҳр тайёрӣ дидам. Баъд аз он ки рӯз шуд, ба сафари шаҳр тайёрӣ дидам.

1. Ҷойи шудгор нашудамондагӣ акнун ҳамагӣ базӯр як гектар меомад. 2. Ҳангоми аз назар гузаронидани ғазалҳои таҳлил кардашуда дидам. 3. Кас аз сирри онҳо бохабар нашуда гапҳояшонро ба осонӣ фаҳмида наметавонад. 4. Зубайда барои тафсонидани сӯҳбат нохост ба Хайринисо таклиф кард. 5. Он гоҳ худи Зайниддин ягон мор ё калтакалосро мегирифтагӣ барин бо нӯги остинаш аз пойи Мирзодикак гирифта,

ӯро берун баровард. 6. Аз хиҷолат сарашро набардошта китфашро бор зер кардагӣ барин наҷунбида менишаст.

***Савол ва супоришҳо***

1. Ҷумлаи мураккаб чист?
2. Фарқи байни ҷумлаҳои содда ва мураккабро бо мисолҳо фаҳмонед.
3. Воситаи муттаҳид гардонидани ҷумлаҳои соддаро эзоҳ диҳед.
4. Ҷумлаҳои содда барои ифодаи чӣ дар як ҷумлаи мураккаб муттаҳид мегарданд?

## § 4. Хелҳои асосии ҷумлаҳои мураккаб

Δ Ҷумлаҳои содда дар таркиби ҷумлаи мураккаб бо ҳам алоқаманд мешаванд. Воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мураккаб гуногунанд, вале дар ташаккули ҳамаи навъҳои ҷумлаи мураккаб *оҳанги гуфтор (интонатсия)* иштирок мекунад.

Воситаи дигари алоқа, ки пайвандакҳо мебошанд, дар таркиб ёфтани навъи пайвандакдори ҷумлаҳои мураккаб фаровон истифода мегарданд. Аз ин рӯ, ҷумлаҳои мураккаб аз лиҳози иштироки воситаҳои алоқа (пайвандакҳо) ду хел мешаванд:

**1. Ҷумлаи мураккаби пайвандакдор**, ки дар ташаккули онҳо баробари оҳанги гуфтор пайвандакҳои пайвасткунанда ва тобеъкунанда истифода шудаанд: *Замоне ӯ худро хушбахттарин одам тасаввур кард ва вохӯрии худро бо Ҳофиз фоли неки зиндагӣ донист. Субҳ дамид, аммо Шариф бедор нашуд. Агар зинда бошем, боз ягон рӯз ҳамдигарро хоҳем дид.*

**2. Ҷумлаи мураккаби бепайвандак**, ки дар ташаккули он оҳанги гуфтор истифода мешавад:

1. Кор кунӣ, нон мехӯрӣ (*Зарб*). Қавл додӣ, вафо кун. Аз гунҷишк тарсӣ, арзон макор (*Зарб*).

Ҷумлаҳои мураккаби пайвандакдор бо назардошти навъи алоқаи дастурӣ ду хел мешаванд: **а) ҷумлаи мураккаби пайваст; б) ҷумлаи мураккаби тобеъ.**

Ҷумлаҳои мураккаби пайваст аз ҷумлаҳои соддаи баробарҳуқуқ тавассути пайвандакҳои пайвасткунанда ва оҳанг таркиб меёбанд: *Аз дур садо баромаду ҳама ба ҳамон тараф давиданд. Онҳо нишастанд ва қатора ба роҳ даромад. Барфи лаклакӣ меборид, аммо ҳаво сард набуд. Радио ба кор даромад, ё ин ки касе суруд мехонад.*

Дар ташкили ҷумлаҳои мураккаби тобеъ пайвандакҳои тобеъкунанда ва оҳанг истифода мешаванд: *Вақте ки ӯ месароид, мо ҳама*

*хомӯшона гӯш мекардем. Вай маслиҳат дод, ки мо ин воқеаро баён кунем. Ҳар кас ки ҷавоб дода натавонад, вай бой додагӣ ҳисоб меёбад.*

Мавриди истифодаи аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои мураккаб ба оҳанги гуфтор ва корбурди навъҳои пайвандакҳо марбут аст. Дар ҷумлаҳои мураккаби пайвандакдор дар байни ҷумлаҳои содда аломати вергул гузошта мешавад. Танҳо ҷумлаи мураккаби пайвасти пайиҳам аз ин қоида мустасност.

**Мисол:** Хоначаи модаркалонам ҳам нимвайрона шуда ҳезумхона гашта буд, ки аз дидани он андӯҳи ман меафзуд. Ё дар идора касе набуд, ё телефон вайрон буд. Аз тарафи кӯҳ боди серун мевазид, аз ҳаво бӯйи намӣ меомад (*Ҷ. Икромӣ*).

**Машқи 17.** Нақшаро хонед ва шарҳ диҳед.




**Машқи 18.** Ҷумлаҳоро бодиққат хонед, аввал ҷумлаҳои мураккаби пайваст баъд ҷумлаҳои мураккаби тобеъро ба дафтаратон нависед ва воситаи алоқаи наҳвии онҳоро муайян кунед.

1. Қорӣ Исматро аз хона баровարданд, ки ба ҳавлии худ равад (*С. Айнӣ*). 2. Дар ҳамин вақт бо якдигар видоъ намуданд ва писар ба тарафи падару модар роҳ гирифту духтар ба тарафи дигар (*Р. Ҷалил*). 3. Дар як самти боғча айвоне пӯшида шуда буд ва дар як гӯшаи айвон мизи паҳни пинг-пинг (тенниси рӯйимизӣ) меистод (*Ф. Муҳаммадиев*). 4. Ӯ дар мадрасаи Турсунҷон дар ҳуҷраи яке аз дӯстонаш, ки ба тариқаи орият дода буд, истиқомат мекард (*С. Айнӣ*). 5. Тӯй гузашт, лекин баробари гузаштани тӯй ба хонаи Бозор азо, мотам ва мусибат омад (*С. Айнӣ*). 6. Вақте ки ба ҳуш омад, дар сари худ се каси рӯйҳояшон бо рӯймол бастаро дид (*Р. Ҷалил*). 7. Лаҳзаи оғози маросим наздик мерасид, аммо касе ба сари миз наменишаст (*Ф. Муҳаммадиев*). 8. Агар пули иҷораро моҳ ба моҳ нарасонӣ, ба бой хизмат мекунӣ (*С. Айнӣ*). 9. Ё ғӯзаи бой баркашида додагӣ аз як ман кам аст, ё ба он ғӯза ғӯзаи паст ҳамроҳ шудааст.

### *Савол ва супоришҳо*

1. Хелҳои ҷумлаи мураккабро гӯед ва бо мисолҳо шарҳ диҳед.
2. Воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мураккаб чиҳоянд?
3. Фарқи ҷумлаҳои мураккаби пайваст аз ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар чист?
4. Аломати китобати ҷумлаҳои мураккабро бо мисолҳо шарҳ диҳед.

## САВОЛҲОИ ТЕСТӢ

**1. Аз ҷумлаҳои зерин кадомаш ҷумлаи мураккаб аст?**

А) Падарам хурсанд шуданд.
Б) Баҳори имсола сернозунуз омад.
В) Ҳофизҳо месуруданд, раққосон мерақсиданд.
Г) Ту худро чӣ тавр ҳис мекунӣ?
Д) Ба ҳеҷ куҷо намеравӣ.

**2. Кадом ҷумлаи мураккаб пайвандакдор аст?**

А) Аз гунҷишк тарсӣ, арзан макор.
Б) Илм хоҳӣ, такрор кун.
В) Буз агар хирман мекӯфт, ҳоҷати барзагов набуд.
Г) Ароба мебуд, боз хубтар мешуд.
Д) Хоби Ятим намебурд: ҳаво гарм ва дим буд.

**3. Аз ҷумлаҳои мураккаби зерин кадомаш ҷумлаи мураккаби пайваст аст?**

А) Агар зинда бошем, боз якдигарро хоҳем дид.
Б) Қавл додӣ, вафо кун.
В) Об ба тарзе баста шуд, ки як чакрааш ҳам аз замин боз пас намегашт.
Г) Адаб сармояи безарар аст, аммо ба даст овардани он осон нест.
Д) Абр агар аз қибла хезад, сахт борон мешавад.

**4. Ҷумлаҳои мураккаб аз ҷиҳати иштироки пайвандакҳо чанд хел мешаванд?**

А) ду хел
Б) се хел
В) чор хел
Г) панҷ хел
Д) шаш хел

**5. Дар кадом ҷавоб пайвандакҳои пайвасткунанда дода шудааст?**

А) ки, ба тарзе ки, бе ин (он) ки, то ки;
Б) вақте ки, ҳангоме ки, то даме ки;
В) ва, аммо, вале, лекин, ё ин ки;
Г) агар, чун, модом ки, ба шарте ки;
Д) агарчи, агарчанде ки, ҳарчанд ки.

**6. Кадом ҷумла ҷумлаи мураккаби тобеъ мебошад?**

А) Борон бориду замин лой шуд
Б) Қатора истод ва Абдулло аз он фаромад.
В) Ман омадам, то ки туро бинам
Г) Барф меборид, аммо ҳаво он қадар хунук набуд.
Д) Ту ба деҳа меоӣ, ё ман ба шаҳр равам?

# ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ ПАЙВАСТ
# ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ ПАЙВАНДАКДОР

## § 5. Маълумоти умумӣ дар бораи ҷумлаҳои мураккаби пайваст

**Ҷумлаи мураккаби пайваст аз ду ва зиёда ҷумлаҳои соддаи мустақил ба воситаи пайвандакҳои пайвасткунанда ташкил меёбад.**

Δ Ҷумлаҳои содда дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст нисбатан баробарҳуқуқ буда, ҳар кадоми онҳо имконияти мустақилона баён кардани фикреро нигоҳ медоранд. Ҷумлаҳои мураккаби пайваст бо мақсади муайяни гӯянда барои ифодаи як фикри умумӣ ташкил меёбанд. Аз ин рӯ, танҳо ҷумлаҳои соддаи мазмунан бо ҳам наздик ва барои ифодаи фикри гӯянда мувофиқ муттаҳид шуда, ҷумлаи мураккаби пайвастро ташкил медиҳанд.

Масалан, гӯянда бо мақсади ифодаи фикри «*баробари боридани борон лой шудани замин*» ҷумлаҳои соддаи «*Борон борид*» ва «*Замин лой шуд*»-ро интихоб намуда, бо пайвандаки пайиҳами «***-у***» корбаст мекунад, зеро ки ин пайвандак барои ифодаи мақсади гӯянда (дар як вақт воқеъ гардидани амал) мусоидат менамояд.

**Мисол**: *Борон бориду замин лой шуд.* Аз мазмуни ҷумлаи мазкур бармеояд, ки матлаби гӯянда аз истифодаи ин ҷумлаи мураккаби пайваст ифодаи муносибати замонӣ мебошад.

**Ҷумлаи мураккабе, ки аз ду ва зиёда ҷумлаҳои соддаи мустақил ба воситаи пайвандакҳои пайвасткунанда барои ифодаи фикри умумӣ ташкил меёбад, *ҷумлаи мураккаби пайвасти пайвандакдор* номида мешавад.**

**Машқи 19.** Ҳудуди ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайвасти зеринро нишон диҳед ва воситаи алоқаю муносибатҳои маъноии онҳоро муайян кунед.

1. Шамол торафт шиддат мекард ва рӯйи ҳаво аз ғубор тиратар мешуд (*С. Айнӣ*). 2. Пас аз чоряк соат роҳ гаштан ба садди наве мерасем ва сайёраи мо аз думи қатори дарози сайёраҳо ҷой мегирад

(*Ф. Муҳаммадиев*). 3. Вай фарзандашро дар оғӯш карду аз дидагонаш ашк борид (*Ҷ. Икромӣ*). 4. Гулнор Ёдгорро бо ин гуна гапҳо машғул карда ба дили худ ғазал бофтанӣ мешуд, лекин чизе ба хотираш намерасид (*С. Айнӣ*). 5. Мактуби шуморо як кас мехонад, вале ҳикоя барои ҳазорон мешавад (*Ф. Муҳаммадиев*). 6. Ҳанӯз соат 6 нашудааст, аммо хона аз одам пур (*Ҷ. Икромӣ*).

**Машқи 20.** Ҷумлаҳоро навишта гиред ва ба ҷойи сенуқтаҳо пайвандакҳои мувофиқ гузоред.

1. Дувоздаҳ вагон пур шуд... боз як тӯда санг монд (*С. Улуғзода*). 2. Шодӣ ба ҷавоби мӯйсафед мунтазир шуд... вай хомӯш буд (*Ҷ. Икромӣ*). 3. Вақти ангурпазӣ расид... мо бо додарамон ба деҳаи Маҳаллаи Боло ба хонаи бобоамон баргаштем (*С. Айнӣ*). 4. Мӯйсафед завқ карда хандид... дигарон ҳам ба вай ҳамроҳ шуданд (*Ҷ. Икромӣ*). 5. Рӯз сафед шуда омад... дунё равшан шудан гирифт (*С. Айнӣ*). 6. Кӯҳҳои сиёҳро торикӣ фаро гирифт... аз дара бухор баланд шуд (*А. Деҳотӣ*). 7. Эргаш давида ба болои хомаи рег баромад... ман ҳам аз дунболи ӯ давидам (*С. Айнӣ*).

**Машқи 21.** Аз ҷумлаҳои соддаи зерин ба воситаи пайвандакҳои пайвасткунанда ҷумлаҳои мураккаби пайваст созед.

1. Вай сухани худро шоирона сар карданӣ буд. Ягон калимаи зебо ба ёдаш намеомад. (*Р. Ҷалил*). 2. Оби зулоли чашма ширгарм буд. Дар рӯйи он буғи тунук нарм-нарм печ мезад (*Ф. Ниёзӣ*). 3. Ин хел «агар-магар»-ҳои мо поён надоштанд. Бо инҳо на ҳалқамон тар мешуду на комамон ширин (*А. Деҳотӣ*). 4. Аҳрорхоҷа тела дода дарвозаро кушод. Мо ба долони болояш пӯшидае даромадем 5. Мо аробаамонро ҳай кардан гиреммӣ. Боз ягон хизмат ҳаст-мӣ? (*Ф. Ниёзӣ*).

## § 6. Хелҳои асосии ҷумлаи мураккаби пайвасти пайвандакдор

Δ Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайвандакдор бо воситаи пайвандакҳои пайвасткунанда — пайвандакҳои пайиҳам, хилофӣ ва ҷудоӣ таркиб меёбанд. Аз ин рӯ, ҷумлаҳои мураккаби пайвандакдор мувофиқи алоқаи дастурӣ — дар асоси хелҳои пайвандакҳои пайвасткунанда ва аз ҷиҳати тобиши маъно ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд: ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайиҳам, ҷумлаҳои мураккаби пайвасти хилофӣ ва ҷумлаҳои мураккаби пайвасти ҷудоӣ.

**Машқи 22.** Ҷумлаҳои зеринро хонед ва ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайвандакдорро ёфта, ба дафтаратон нависед.

1. Вай ба Нуралӣ салом дод (*С. Улуғзода*). 2. Иззати нафс, ҳисси ифтихори раис боло гирифту баргашта Одил Саркор ба назараш ҳарифи шубҳанок менамуд (*Ф. Ниёзӣ*). 3. Дӯкондорон ва ҳунармандон дӯкону корхонаҳои худро партофта давида меоянд (*С. Улуғзода*). 4. Ин ҷавоби ман ба саволи ӯ бисёр муносиб афтод (*С. Айнӣ*). 5. Ёдгор дар ҷавоби ин шахс як қисми саргузашти худ ва падарашро кӯтоҳ карда ҳикоя намуд, аммо бе иҷозати хӯҷаин ба ин тарафҳо гурехта омадани худро пинҳон дошт (*С. Айнӣ*). 6. Мӯйсафед, ки Ҳамид ном дошт, ба Нуралӣ хитоб кард (*С. Улуғзода*). 7. Баъд аз ин роҳи дунболагирии он шикор барои ман баста буд, ё ин ки дунболагирӣ фоида надошт (*С. Айнӣ*). Ӯ бо Гулбону бозӣ карданро дӯст медошт (*А. Деҳотӣ*). 9. Ин эълонномаҳо панҷоҳ нусха бо дасти ӯ навишта шудаанд ва ҳашт нусхаи онҳо аз ҳавлиаш ёфт шудаанд (*Р. Ҷалил*). 10. Гапи нағзи ӯро ҳар кас ҳам гуфта метавонист, лекин аз забони ӯ шунидани ин суханҳо ба кас таъсири дигар мебахшид (*Ҷ. Икромӣ*). 11. Машқҳои ҳарбӣ, шамшербозӣ, милтиқпарронӣ, аспдавониро на фақат бачаҳо, ҳатто калонсолони қишлоқ ҳам тамошо мекарданд (*Р. Ҷалил*). 12. Соле як бору ду бор маро ҳам таб мегирад, ё ки баданам аз машки тар нам кашида касал мешавам (*С. Улуғзода*).

**Машқи 23.** Аз ҷумлаҳои соддаи зерин ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайвандакдор тартиб диҳед ва алоқаи онҳоро муайян кунед.

1. Субҳ дамид. Онҳо ҳанӯз дар хоби ноз буданд. 2. Барф меборид. Ҳаво сард набуд. 3. Баҳор омад. Насими муаттар мевазид. 4. Офтоби оламтоб саховатмандона нур мепошид. Заминро метафсонд. 5. Шамоли сард ба вазидан оғоз кард. Абри сиёҳ осмонро фаро гирифт. 6. Имрӯз ман ба назди ҳамсинфам меравам. Вай ба хонаи мо меояд. 7. Гурба бемор шуда буд. Ҳаваси мушгириаш костааст.

**Машқи 24.** Давоми ҷумлаҳои мураккаби нотамомро худатон нависед ва воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои соддаи онҳоро муайян кунед.

1. Берун торик шуда истода буд... 2. Вай ба чорбоғ чашм дӯхт... 3. Калхот дар ҳаво парвоз мекард... 4. Чароғи хона хомӯш шуда буд... 5. Китобро якчанд варақ гардонд.... 6. Тирамоҳ ба охир расид... 7. Қатора аз нав ба роҳ даромад... 8. Ҳама ба маҷлис рафтанд...

**I**. Ҷумлаи мураккаби пайвасти пайиҳам дар асоси алоқаи пайвасти пайиҳам бо воситаи пайвандакҳои пайвасткунандаи пайиҳами «***ва***», «***-у***» («***-ю***») таркиб меёбад. Ба воситаи ин пайвандакҳо ҷумлаҳои соддае бо ҳам алоқаманд мешаванд, ки дар байни онҳо муносибатҳои зерини замонӣ мавҷуданд:

**1. Муносибати ҳамзамонӣ** — амали ҷумлаҳои соддаи ҷумлаи мураккаби пайваст дар як вақт ба амал омадаанд.

**Мисол:** Ӯ трактор меронду гунҷишкон бо шӯру ғавғо аз паси трактор ба ниҳолҳои пахта менишастанд (*А. Шукӯҳӣ*). Дар ҳамин вақт аз паси тиреза саллаи симобии Мирзобаҳодур — оқсақол намудор шуд ва шишаи тиреза ҷарангос зада майда шуда рехт (*Р. Ҷалил*).

**2. Муносибати пайиҳамзамонӣ** — амали ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаи мураккаби пайваст пайиҳам воқеъ мегарданд: Ҳамсафарон аз кӯчаи масҷид баромаданд ва ман аз дунболи онҳо равон шудам (*Ф. Муҳаммадиев*). Муғулон тоб наоварда пас гаштанд ва Темурмалик ҳам онҳоро то аз назарҳо дур шудан пеш карда рафт (*С. Айнӣ*).

**Машқи 25.** Ҷумлаҳоро хонед. Нақша кашида, онҳоро вобаста ба муносибати маъноиашон навишта гиред.

**Намуна:**

| Муносибати ҳамзамонӣ | Муносибати пайиҳамзамонӣ |
| --- | --- |
| 1. Ӯ акнун ҳамеша маро масхара карда гап мезад ва дигарон хоҳу нохоҳ бо хандаҳои худ ӯро дасгирӣ мекарданд (*Ю. Акобиров*). | 1. Онҳо ба даромади қишлоқ омада якбора хомӯш монданд ва аз мобайн дере нагузашта сиёҳии ҳар дуяшон ҳам дар торикӣ нопадид гашт (*Ф. Ниёзӣ*). |

1. Ятим берун баромада истод ва баъд аз чанд дақиқа як посбон омада ӯро гирифта ба сағирхона бурд (*С. Айнӣ*). 2. Тобистон рафту тирамоҳи пурнозу неъмат омад (*А. Шукӯҳӣ*). 3. Як вақт модарам барои омадани падару модараш аз Соктаре ба Маҳаллаи Боло рафт ва акаам ӯро гирифта бурд (*С. Айнӣ*). 4. Модар ва духтар дар поёни хона нишаста ғӯзакашӣ мекарданду Дилбар модарашро ба коре тарғиб мекард. 5. Биёбони васеъ монанди шаби торик буд ва касе чизе дида наметавонист (*С. Айнӣ*). 6. Аз бомаш дудкаши тунукагин зада баромада меистод ва аз он

дудкаш дуди ғализи вазнине берун омада паст-паст паҳн мешуд (*С. Улуғзода*). 7. Падар барои ин кор ба ман як каландча харида дод ва ман ба кор сар кардам (*С. Айнӣ*). 8. Ҳалимҷонро дар завод аксарият дӯст медоштанд ва дар вақтҳои танаффус ва бекорӣ ҳама ба гирди вай ҷамъ мешуданд (*Ҷ. Икромӣ*).

**Машқи 26.** Ба ҷойи сенуқтаҳо пайвандакҳои «*ва*», «*-у*»-ро гузоред ва вазифаи онҳоро муайян кунед.

1. Баъд аз дақиқае оташи ресмон ба мушак расид.... садои қарсоси вай баромад (*С. Айнӣ*). 2. Дар кушода шуд... мирзо чолокона берун баромада ба назди ҳоким даъват намуд (*Р. Ҷалил*). 3. Пода пешопеш мерафт... боди зӯр чангу ғубору роҳи онро ба ҳаво мебардошт (*Р. Ҷалил*). 4. Сафар ин суханро гуфт... чашмаш ба уфуқ афтод (*Ф. Ниёзӣ*). 5. Вай ҳамеша хушҳол буд...табассуми латифи ба худаш хос дар рӯяш мешукуфт (*Р. Ҷалил*). 6. Хуҷра танг буд...онҳо зону ба зону нишаста сӯҳбат мекарданд (*Ӯ. Кӯҳзод*). 7. Аммо ин «қосиди» ман баргашта наёмад... баъд аз як соат дар кӯча овози по бисёр шуд (*С. Айнӣ*).

**Машқи 27.** Ҷумлаҳоро нависед ва муносибати маъноии ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккабро эзоҳ диҳед.

1. Вай фарзандашро дар оғӯш карду аз дидагонаш ашк борид (*Ҷ. Икромӣ*). 2. Як вақт фашшоси тарафҳо паст шуд ва садои якчанд одамон баланд гардид (*С. Айнӣ*). 3. Дар ҳамин асно як такони сахте ба китфам расид ва ман даҳоннокӣ ба замин афтидам (*Р. Ҷалил*). 4. Пас вай баромада рафту боз оромӣ барқарор гашт (*Ҷ. Икромӣ*). 5. Қорӣ Ишкамба аз харидории ман умедашро канда ба роҳ даромад ва ман ҳам аз дунболи ӯ (*С. Айнӣ*). 6. Баъд аз ин овози кушода ва боз баста шудани дарвозаи чӯбине шунида шуд ва боз дар атроф хомӯшӣ барқарор гардид (*Ҷ. Икромӣ*). 7. Тобистон омаду таътили мактабҳо сар шуд (*Ф. Ниёзӣ*).

**II**. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти хилофӣ бо воситаи пайвандакҳои пайвасткунандаи хилофии *аммо, вале, лекин, балки, ҳол он ки* таркиб меёбанд. Ба воситаи пайвандакҳои хилофӣ ҷумлаҳои соддае алоқаманд мешаванд, ки амалашон бар хилофи якдигаранд, ё ки тафовути амали онҳо ифода гаштааст.

**Мисол:** Адаб сармояи безарар аст, аммо ба даст овардани он осон нест. Ақли вай ба баъзе чизҳо медавид, вале ман тамоман гӯл будам (*Сорбон*).

Дар байни ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайвасти хилофӣ пеш аз пайвандакҳои хилофӣ аломати вергул гузошта мешавад.

**Мисол:** Номи ҳозираам Гуландом аст, аммо падарам ба ман Зебо ном ниҳода будааст (*С. Айнӣ*).

**Машқи 28.** Ҷумлаҳоро нависед, пайвандакҳои хилофиро нишон диҳед ва муносибатҳои маъноии ҷумлаҳои соддаро муайян кунед.

1. Рустам ҳам бо хари худ омад, аммо дар чеҳраи ӯ аломати ғалаба набуд (*С. Айнӣ*). 2. Чандин тадбирҳо ёфт, аммо инҳо дар охир ба ӯ маъқул нашуданд (*Р. Ҷалил*). 3. Ман туро аз рӯйи дил ҷанг мекунам, лекин онҳоро ман аз ҷону дил заҳр мезанам (*Ҷ. Икромӣ*). 4. Онҳо аз субҳ то шом ба по ҳастанд, лекин кас дар чашмашон ягон аломати хирагӣ, дар афташон ягон нишонаи мондашавиро дида наметавонад (*Ф. Ниёзӣ*). 5. Аз ҳунарҳои зебо ва ҳусни расои ӯ на фақат занҳо лаззат мебурданд, балки мардон ҳам аз тарқишҳои дару дарича ӯро тамошо мекарданд (*С. Улуғзода*). 6. Ҳама манзили мақсуди хешро мебинанд, вале на ҳама ба он расида метавонанд (*Р. Ҷалил*). 7. Ҳусейн мисли ҳарвақта ором менамуд, вале чашмонаш аз кадом як андешаи ниҳонӣ барқи ифтихоромез мепошиданд (*Ф. Муҳаммадиев*).

**Машқи 29.** Аз ҷумлаҳои соддаи зерин ба воситаи пайвандакҳои хилофӣ ҷумлаҳои мураккаби хилофӣ тартиб диҳед ва воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои соддаи таркиби онҳоро муайян кунед.

1. Хоб меравам. Хоб намебарад (*Р. Ҷалил*). 2. Ҳарду хандиданд. Ин ханда табиӣ набуд (*Р. Ҷалил*). 3. Бача ором ва осуда мехобид. Дили Соро осоиш ва ором надошт (*С. Айнӣ*). 4. Борон гашти пешин монд. Пахта чидан мумкин набуд (*Р. Ҷалил*). 5. Шамол ҳам суст шуда монд. Жола сангчабозӣ мекард (*Ҷ. Икромӣ*). 6. Рӯз мерафту шаб наздик мешуд. Аз Назира дараке набуд (*Р. Ҷалил*). 7. Ман аз ҷой хеста ба зери хурма рафтам. Қадам нарасид (*С. Айнӣ*).

Δ **Истисно:** пайвандаки пайиҳами «**-у**» на танҳо дар як вақт ва ё паси ҳам воқеъ гардидани амалро ифода мекунад, балки бо воситаи он ҷумлаҳои соддае алоқаманд мегарданд, ки амалашон бар хилофи якдигаранд. Дар ин маврид пайвандаки пайиҳами «**-у**» чун муродифи пайвандакҳои хилофӣ истифода мешавад.

**Мисол**: Тамоми занони маҳалла ба тӯй даъват карда шуданду Баҳринисо монд. Мо гуфтему ба гапи мо касе эътибор надод (*Р. Ҷалил*).

**Машқи 30.** Ҷумлаҳоро хонед ва вазифаи пайвандаки «-у»-ро муайян кунед. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти хилофии бо пайвандаки -«у» ташкилёфтаро ба дафтаратон навишта гиред.

1. Анборҳои бой аз ғалла пур буданду ғаллакор нони шикамсерӣ намехӯрд (*Р. Ҷалил*). 2. Онҳо нишастанду поезд ба роҳ даромад (*Ҷ. Икромӣ*). 3. Шарофатхола суханони Нуралиро мешунид у ақлу ҳушаш бо ҷойи дигар буд (*С. Улуғзода*). 4. Амон симеро кашиду паровоз ҳуштаки дуру дарозеро зад (*Ҷ. Икромӣ*). 5. Як нисфишабӣ бонги хатар баланд гардиду полки мо ба сӯи Ғарм равон шуд (*Ф. Ниёзӣ*). 6. Як чойнак чой тамом шуду гап қӯр нагирифт (*М. Хоҷаев*). 7. Диломхола барин зани мӯҳтарам ва ба ҳама маълуму машҳур мемураду вай бехабар мемонад (*Ҷ. Икромӣ*). 8. Дур шиканаду сухан нашиканад (*Зарб*). 9. Девона зуд ақиб рафту овози ғафсе аз кунҷи дигар баланд шуд (*Ҷ. Икромӣ*). 10. Ҳофиз манаму бародарам мехонад (*Зарб*). 11. Дил мекашаду по меравад (*Зарб*). 12. Доно ба имorати сухан машғул асту нодон ба имorати бадан (*Зарб*).

III. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти ҷудоӣ ба воситаи пайвандакҳои ҷудоии ***ё, ё...ё, ё ки, ё ин ки*** таркиб меёбанд. Тавассути ин пайвандакҳо ҷумлаҳои соддае алоқаманд мегарданд, ки амали яке аз онҳо воқеъ мегардад, ё ки бар ивази якдигар иҷро шудани амале ифода меёбад.

**Мисол:** Шамоли об хунук буд, ё ки ман аз тарс дағ-дағ меларзидам (*Ҷ. Икромӣ*). Дар ин ҷо ё хатои рафиқ Ҳасан аст, ё ки дар вақти кор ягон дасти бегона ба миён даромадааст (*С. Айнӣ*).

Пеш аз пайвандакҳои ҷудоие, ки дар байни ҷумлаҳои содда омадаанд, аломати вергул (,) гузошта мешавад.

**Мисол:** Ҳар бегоҳӣ ё ман ба дидани бародарам мерафтам, ё ӯ ба назди ман меомад. Ё бояд корро хобонам, ё асбоби нав диҳед (*С. Айнӣ*).

**Машқи 31.** Ҷумлаҳоро нависед, ба зери пайвандакҳои ҷудоӣ хат кашида, вазифаи онҳоро муайян кунед.

1. Ин кор қасдан карда шуда бошад, ё оби ҷӯй дамида ба таги хиштҳо фуромадааст? (*Р. Ҷалил*). 2. Осмон омада ба Замин начаспидааст, ё

Замин фурӯ нарафтааст (*С. Айнӣ*). 3. Акси рӯйи ёр дар ҷоми мудом уфтодааст, Ё ба дарё сурати моҳи тамом уфтодааст (*А. Лоҳутӣ*). 4. Ёр аз дили ман хабар надорад, Ё сӯзи дилам шарар надорад (*М. Турсунзода*). 5. Лекин чаро гап намезанед, ё магар хобатон омадааст? (*С. Айнӣ*). 6. Ё зани Аверченко омада аз бачаҳо хабар мегирифт, ё ӯ (*Р. Ҷалил*).

**Машқи 32.** Давоми ҷумлаҳои мураккаби пайвасти ҷудоиро худатон нависед, воситаи алоқаи ҷумлаҳои соддаи таркиби онҳоро муайян кунед ва мавриди гузориши аломати вергулро эзоҳ диҳед.

1. Борон меборад, ё... 2. Дар хонааш касе нест, ё..... 3. Кишт дар вақташ гузаронида нашудааст, ё ки... 4. Дар вақти гули бодом хунуки сахт шудааст, ё ин ки ... 5. Ё омӯзгор моро даъват мекард, ё ... 6. Гашти пешин рӯз якбора торик шуд, ё ин ки... 7. Ё гӯши пиразан гарон буд, ё ки ...

**Машқи 33.** Бо ёрии пайвандакҳои ҷудоӣ панҷ ҷумлаи мураккаб тартиб диҳед ва вазифаи пайвандакҳоро муайян намоед.

**Машқи 34.** Ҷумлаҳои мураккаби пайвастро бо тартиби зерин навишта гиред:

1) бо пайвандакҳои пайиҳам,
2) бо пайвандакҳои хилофӣ,
3) бо пайвандакҳои ҷудоӣ.

1. Ака-Махсум гурехта халос шуд, лекин Камолиддин Махдум аз хонааш берун намебаромад (*Ҷ. Икромӣ*). 2. Дар шаҳнишини хона мусиқачиён менавохтанд ва баъзе занон мерақсиданд (*С. Айнӣ*). 3. Бешазор ба охир расиду заминҳои кишт, сабзавоткории деҳқонони қишлоқҳои он атроф сар шуд (*Ҷ. Икромӣ*). 4. Магар ба дарде талаф шуд, ё ки аз нотавонии ӯ фоида бурда гургонаш дарониданд (*С. Айнӣ*). 5. Пагоҳ шуд, ношто ба охир расид, аммо Шодигул ҳамоно аз куҷо гап сар карданашро андеша менамуд (*С. Улуғзода*). 6. Ё манзараи мурод хушк аст, Ё гиряи ман самар надорад (*М. Турсунзода*).

**Машқи 35.** Ҷумлаҳоро давом дода, аз онҳо ҷумлаҳои мураккаби пайваст созед ва муносибатҳои маъноии ҷумлаҳои соддаро эзоҳ диҳед.

1. Оби дарё дамид... 2. Ронанда мошинро дошт... 3. Чароғҳо даргирифтанд... 4. Пардаи саҳна кушода шуд... 5. Шамоли сахт бархост... 6. Талаба-

гон ба синф даромаданд... 7. Қатора ҳуштаки сахте кашид... 8. Рӯз торик шудааст... 9. Дастархон густурда шуд...

**Машқи 36.** Ҷумлаҳои мураккаби пайвасте созед, ки калимаҳои зерин дар ҷумлаҳои соддаи таркиби онҳо мубтадо шуда бошанд.

**Намуна:** Сафариён — қатора. Сафариён ба вагонҳо даромаданд ва қатора равон шуд.

1. Занг — бачаҳо. 2. Ниҳолҳо — мо. 3. Офтоб — дашту саҳро. 4. Баҳор — дарахтҳо. 5. Ангур — коргарон. 6. Шеър — шоир. 7. Пахта — деҳотиён.

**Машқи 37.** Ҷумлаҳоро нависед, ба ҷойи сенуқтаҳо пайвандакҳои мувофиқ гузоред, муносибати маънои ҷумлаҳои соддаи таркиби онҳоро муайян кунед.

1. Пирамардон аввал тааҷҷуб намуданд... ҳайронии онҳо дер накашид (*П. Толис*).2. Мошини Боровиков дар наздикии онҳо истод ... Нуралӣ ба истиқболи вай рафт (*С. Улуғзода*). 3. То ба Иқболхола нишон додани ҷойи нави амонаткассааш рӯз чошгоҳ шуд... ман ночор бо шиками гурусна ба кор рафтам (*Ф. Муҳаммадиев*). 4. Падаратон бо ман шинос буд.. шумо ба ёдам наомада истодаед (*С. Улуғзода*). 5. Баҳр гаҳвораи ҳаёт аст... гаҳвораи шуур ва тафаккур, ошёнаи уқоби орзу ва умедҳои ширин Замин аст (*А. Шукӯҳӣ*).

### *Савол ва супоришҳо*

1. Ҷумлаҳои мураккаб аз рӯйи иштироки пайвандакҳо чанд хел мешаванд?
2. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайвандакдор чист? Мисол оред.
3. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайвандакдор чанд хел мешаванд? Номбар кунед.
4. Кадом хели ҷумлаи мураккаби пайвастро ҷумлаи мураккаби пайвасти пайиҳам мегӯянд?
5. Кадом хели ҷумлаи мураккаби пайваст ҷумлаи мураккаби пайвасти хилофист?
6. Ҷумлаи мураккаби пайвасти ҷудоӣ кадом хели ҷумлаи мураккаби пайваст мебошад?
7. Кадом муносибатҳои маънои ҷумлаи мураккаби пайвасти пайвандакдорро медонед? Бо мисолҳо фаҳмонда диҳед.

## Тартиби таҳлили наҳвии ҷумлаҳои мураккаби пайваст

Ҷумлаҳои мураккаби пайваст бо тартиби зерин таҳлил карда мешаванд:

**I.** Муайян карда мешавад, ки:

1. Хели ҷумлаи мураккаби пайваст (пайвандакдор ва ё бепайвандак).
2. Агар пайвандакдор бошад, кадом хели ҷумлаи мураккаби пайваст аст (пайиҳам, хилофӣ, ҷудоӣ).
3. Ҳудуди ҷумлаи соддаи таркиби ҷумлаи мураккаби пайваст кадом аст.

**II.** Шарҳ дода машавад, ки:

1. Ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаи мураккаби пайваст бо кадом пайвандакҳо алоқаманд шудаанд?
2. Пайвандак барои ифодаи кадом муносибати маъноӣ мусоидат намудааст?
3. Кадом аломати китобат гузошта шудааст ва чаро?

Пас аз ин ҳар як ҷумлаи соддаи таркиби ҷумлаи мураккаби пайваст таҳлили наҳвӣ карда мешавад.

## САВОЛҲОИ ТЕСТӢ

**1. Дар кадом ҷавоб ҷумлаи мураккаби пайвасти пайвандакдор дода шудааст?**

А) Вақте ки садои суруд бозмеистод, нолаи найи чӯпонӣ сар мешуд.
Б) Эй, шоир, ба ман бигӯ, мард кист?
В) Саидбек ба хона даромаду падар канор кушод.
Г) Ҳеҷ гоҳ надидаам, ки ӯ бо он чӯб касеро зада бошад.
Д) Дар ин ҷо қариб борон наборид, замин тез хушк шудан гирифт.

**2. Кадом ҷумла ҷумлаи мураккаби пайвасти пайиҳам аст?**

А) Чунон ки оташ обро дӯст намедорад, об ҳам оташро дӯст намедорад.
Б) Қатора истод, аммо касе аз вагон нафуромад.
В) Вай шоху навдаҳоро сахтакак мезад ва чодар аз тути шаҳдбор пур мешуд.
Г) Дар сари оташдон чой ҷӯшида, ҳаври он фаввора мезад.

**3. Кадом ҷумла ҷумлаи мураккаби ҷудоӣ аст?**

А) Онҳо сирри дилашонро ба ту гуфтанд ва ту онро фош кардан нахостӣ.
Б) Восеъ акнун ҳилаи Муҳаммадамин хоинро дарёфт, аммо дер шуда буд.

В) Ё бояд корро хобонем, ё асбоби нав диҳед.

Г) Ман наомадам, чунки мошина дар роҳ вайрон шуд.

Д) Омӯзгор дарс мегуфт ва мо гӯш мекардем.

**4. Дар кадом ҷумлаи мураккаб муносибати ҳамзамонӣ ифода ёфтааст?**

А) Ёр аз дили ман хабар надорад,
Ё сӯзи дилам шарар надорад.

Б) Дарвозаи шаҳрро баста мешавад, аммо даҳони мардумро бастан мумкин нест.

В) Ӯ трактор меронду гунҷишкон бо шӯру ғавғо аз паси трактор ба ниҳолҳои пахта омада менишастанд.

Г) Муғулон тоб наоварда пас гаштанд ва Темурмалик ҳам онҳоро то аз назарҳо дур шудан пеш карда рафт.

Д) Аммо халифа монанди он ки гавак кашад, ба сари оринҷ ва зонуҳояш, хобида буд.

**5. Кадом ҷумла ҷумлаи мураккаби хилофӣ мебошад?**

А) Оташ хомӯш шуд, аммо онҳо аз бари он дур нашуданд.

Б) Шамол бо шиддат мевазид ва гургона уллос мекашид.

В) Пахта шукуфту мо ба пахтачинӣ оғоз кардем.

Г) Агар об набошад, ободонӣ намешавад.

Д) Ман туро хафа кардам, ё ту маро?

# ҶУМЛАИ МУРАККАБИ ТОБЕЪ

## § 7. Маълумоти умумӣ дар бораи ҷумлаи мураккаби тобеъ

Офтоб баромад ва олам мунаввар шуд.

Икромхоҷа ба тарафи ҳавлии дарун гурехт ва Усто амак ҳам ӯро пеш карда рафт.

Восеъ фақат акнун ҳилаи Муҳаммадалии хоинро дарёфт, аммо дер шуда буд.

Бачаҳо диданд, ки ниҳолҳо акнун сабзида истодаанд.

Шайхи рехтагар, ки тахминан шастсола буд, қади баланд, бадани фарбеҳ, рӯйи сафеди пурра дошт.

Вақте ки дар маҷлисҳо баромада сухан мекунад, мардум бо ҳаяҷон ба суханонаш гӯш меандозанд.

Δ Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ монанди ҷумлаҳои мураккаби пайваст аз ду ва зиёда ҷумлаҳои содда ташкил мееёбанд, вале ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ баробарҳуқуқ нестанд. Дар ҷумлаи мураккаби тобеъ яке аз ҷумлаҳои содда ҷумлаи тобеъкунанда буда, ҷумлаи соддаи дигар тобеъшаванда мебошад. Ҷумлаи тобеъкунандаро ***сарҷумла*** ва ҷумлаи тобеъшавандаро ***ҷумлаи пайрав*** меноманд.

Агар ҷумлаҳои содда дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст ба воситаи пайвандакҳои пайвасткунанда алоқаманд шаванд, ҷумлаҳои пайрав ба сарҷумла тавассути пайвандакҳои тобеъкунанда (*ки, вақте ки, чунки, азбаски, зеро ки, то, то ки, агар, гарчанде ки...*) вобаста мешаванд. Пайвандакҳо одатан бо ҷумлаҳои пайрав меоянд.

Ҷумлаҳои пайрав барои эзоҳи яке аз аъзоҳои сарҷумла ва ё ба мақсади тафсили мазмуни тамоми сарҷумла меоянд.

**Мисол:** *Чакраҳое, ки аз чандин чунин чашмаҳо мечаканд, дар як ҷо ғун шуда, ҷӯйчаи мусаффоеро ба ҳам мерасонанд.* Дар ин ҷумлаи мураккаби тобеъ ҷумлаи пайрав (*аз чандин чашмаҳо мечаканд*) барои эзоҳи мубтадои сарҷумла (*ҷӯйчаҳое*) омада, бо воситаи пайвандаки тобеъкунандаи «**ки**» ба сарҷумла алоқаманд шудааст. Аммо дар ҷумлаи «*Аз худ марав, ки ёронат аз ту мераванд*» ҷумлаи пайрав — «ёронат аз ту мераванд» амали сарҷумларо эзоҳ дода, тавассути пайвандаки тобеъкунандаи «**ки**» ба сарҷумла — «*Аз худ марав*» вобаста гаштааст.

Ҷумлаҳои пайрав бо сарҷумла ба ғайр аз пайвандакҳои тобеъкунанда бо воситаи оҳанг (*Ваъда додӣ, вафо кун*) ва калимаҳои ҳамнисбат низ вобаста мешаванд.

Ба вазифаи калимаҳои ҳамнисбат асосан чонишинҳои ишоратӣ (*ин, он, ҳамин, ҳамон, чунин, чунон...*) ва таркибҳои гуногуни номӣ (*ба тарзе, ба тавре, ба андозае, ба дараҷае, дар вақте, ҳамон вақт, дар он сурат...*) истифода мешаванд. Калимаҳои ҳамнисбат одатан ба вазифаи ягон аъзои сарҷумла омада, бо пайвандаки «**ки**» ҳамнисбат мешаванд ва сарҷумлаю ҷумлаи пайравро бо ҳам муттаҳид карда, ба як ҷумлаи мураккаб табдил медиҳанд.

**Мисол**: Қавл додӣ, иҷро кун (*Зарб*). Қалам аз тасвири ин ҳарбу зарб, ки дар дашти васеъ гузашта истода буд, оҷизӣ менамуд (*Р. Ҷалил*). Ман ба ҳамин хурсанд будам, ки барои хондан дар Бухоро роҳе ёфтам (*С. Айнӣ*).

**Ҷумлаи мураккабе, ки барои ифодаи фикри умумӣ аз сарҷумла ва ҷумлаи пайрав тавассути алоқаи тобеъ ташкил ёфтааст, *ҷумлаи мураккаби тобеъ* номида мешавад.**

**Машқи 38.** Ҷумлаҳоро хонед ва бо кадом пайвандак алоқаманд шудани ҷумлаҳои соддаи таркиби онҳоро гӯед.

1. Агар як ҳафтаи дигар борон намеборид, хуб мешуд (*А. Шукӯҳӣ*). 2. Вақте ки Одина сухани худро тамом кард, бо ин садо дари самоворхона аз тарафи берун кӯфта шуд (*С. Айнӣ*). 3. Касе гуфта наметавонист, ки баъди ду рӯз ҳаво чӣ хел мешавад (*А. Шукӯҳӣ*). 4. Агар аз лаби ин канал ба поён, ба тарафи шимоли ғарбӣ нигоҳ кунед, дар пеши назаратон гӯё қолини кабуди азимеро мебинед (*А. Деҳотӣ*). 5. Вақте ки маро ба хонаамон оварданд, зан дар берун дар дами дарвоза ба ароба савор шуда истода буд (*С. Улуғзода*). 6. Ҳуррият ҳамин будааст, ки касе ба касе зулм карда наметавонистааст (*С. Айнӣ*). 7. Ҳеҷ мумкин нест, ки Фирӯза ягон ҳунар надошта бошад (*Ҷ. Икромӣ*). 8. Шарт нест, ки ин корро худат кунӣ (*Р. Ҷалил*).

**Машқи 39.** Ҷумлаҳоро нависед, воситаи алоқаи ҷумлаҳои соддаи таркиби онҳоро муайян кунед ва ба зери калимаҳои ҳамнисбат хат кашед.

1. Ташнагӣ чунон зиёд шуд, ки оби хоми сардро бо офтоба бардошта аз нӯлаш менӯшидам (*С. Айнӣ*). 2. Ҳар кадоми ин кулфатҳоро, ки аз тасаввураш дили одам меларзад, пас аз ба сарам афтодан бардоштам (*С. Айнӣ*). 3. Шахси миёнақад... мушти худро гиреҳ карда истода ба даҳони воиз чунон сахт фаровард, ки ӯ аз замин озод канда шуда, даҳоннокӣ фурӯ афтид (*Р. Ҷалил*). 4. Аҳволи бемор ба дараҷае расид, ки аз ин паҳлӯ ба ин паҳлӯ гашта наметавонист (*С. Айнӣ*). 5. Дар бадали ин чанд соат ман ба вай чунон дил бастам ва чунон омӯхта шудам, ки гӯё вай пушту паноҳ ва ё падари ман бошад (*Ҷ. Икромӣ*). 6. Ҷавон вақте сар бардошт, ки Офтоб ба қуллаи кӯҳ партав афкандааст (*С. Айнӣ*). 7. Ин гап як дараҷа сипоҳона ва чунон хушк гуфта шуд, ки ба чақ-чақи дӯстонаи пеш аз гуфтугӯйи корӣ ҷой намегузошт (*С. Улуғзода*).

**Машқи 40.** Ҷумлаҳоро нависед, ба ҷойи сенуқтаҳо пайвандакҳои мувофиқ гузоред.

1. Қумрибибӣ дид, ... ба онҳо суханаш таъсир намекунад (*С. Айнӣ*). 2. Аз ҳама ғалатиаш ҳамин буд, ... бобои ӯ ҳам омада буд (*Р. Ҷалил*). 3. Албатта, инро ҳам медонам, ... ҳеҷ кадоми шумо пули нақд надоре-

тон (*С. Айнӣ*). 4. Баҳринисо сарашро ба тарафи дигар тофт, ... ӯро боз набинад (*Р. Ҷалил*). 5. ... дар сари шумо шавқу ҳаваси тамошои аҷоиботи кӯҳсор бошад, ваҳму ҳаросро ба дили худ роҳ надиҳед (*С. Айнӣ*). 6. ... Фаррух ҳаждаҳсола шуд, хешу таборон ӯро ба хизмати ҳарбӣ гусел карданд.

## § 8. Сарҷумла ва ҷумлаи пайрав

Ҷумлаҳоро хонед, сарҷумла ва ҷумлаи пайравро нишон дода, ҷойи онҳоро дар ҷумлаҳои мураккаб муайян намоед.

1. Кайфияти зиндагонии инсон дар ҳамин аст, ки вай ба дигарон мадад кунад (*Ҷ. Икромӣ*). 2. Ман рӯпияҳоро ҷудо карда ба раис додам, то ки ба банки давлатӣ супорад (*Ҳ. Карим*). 3. Ибод ба Гуландом ном духтаре, ки ҳамсоли худаш буд, алоқаи муҳаббат дошт (*С. Айнӣ*). 4. Бозор дар рӯзҳое, ки аз сафар фароғат меёфт, ба чаронидани гӯсфандҳои хӯҷаин машғул мешуд (*С. Айнӣ*). 5. То ранҷ набарӣ, роҳат набинӣ (*Зарб.*).

**Сарҷумла ҷумлаи мустақили аз ягон ҷиҳат эзоҳшаванда ва такмилёбанда мебошад. Ҷумлаи пайрав ҷумлаест, ки тобеи сарҷумла буда, барои эзоҳи ягон аъзо ё тамоми сарҷумла (амали сарҷумла) истифода мешавад.**

Δ Ҷойи сарҷумла ва ҷумлаи пайрав дар ҷумлаи мураккаби тобеъ муайян аст:

**1. Ҷумлаи пайрав пас аз сарҷумла меояд:** Ман хеле афсӯс мехӯрам, ки ин ҷанҷол имрӯз яктарафа нашуд (*С. Айнӣ*). Ман донистам, ки овозаи мардум рост будааст (*Ҷ. Икромӣ*).

**2. Ҷумлаи пайрав пеш аз сарҷумла воқеъ мегардад:** Ҳамин ки аз ин рахна дарунтар меравед, фиреб хӯрдани худатонро мефаҳмед (*С. Айнӣ*).

Дар байни сарҷумла ва ҷумлаи пайрав аломати вергул (,) гузошта мешавад. Ман ҳайрон шудам, ки тирезаи дутабақаи хона кушода аст (*Ҷ. Икромӣ*).

**3. Ҷумлаи пайрав ҳангоми барои эзоҳи ягон аъзои сарҷумла омаданаш метавонад дар дохили сарҷумла истифода шавад**. Дар ин ҳол аз ду тарафи ҷумлаи пайрав аломати вергул гузошта мешавад: Яке аз хонаҳое, ки ба ин тӯфони бало тобоварӣ карда натавониста имрӯз ғалтида буд, хонаи Бозор буд (*С. Айнӣ*).

**Машқи 41.** Ҷумлаҳоро нависед, ҷойи сарҷумла ва ҷумлаҳои пайравро муайян намуда, воситаи алоқаи онҳоро нишон диҳед.

1. Дар чордаҳсолагӣ чунон шуд, ки кас ба дидан сер намегардид (*С. Улуғзода*). 2. Тракторҳое, ки дар биёбон паҳн шуда буданд, ғуррос зада ҳаракат мекарданд (*С. Айнӣ*). 3. Агар ранги сабзи сабзаҳои канори ин ҷӯйча нури биниши шуморо нигоҳдорӣ намекард, тобиши ин об чашматонро мебурд (*С. Айнӣ*). 4. Ман то бо чашми худам набинам, бовар намекунам (*С. Айнӣ*). 5. Гарчанд фасли тирамоҳ дохил шуда бошад ҳам, ҳаво аз рӯзҳои тобистон чандон фарқ надошт (*Ф. Ниёзӣ*). 6. Эшонбибӣ аз рафти корҳо чунон хурсанд, чунон мамнун буд, ки ба пӯсташ намеғунҷид (*Ҷ. Икромӣ*).

**Машқи 42.** Ба сарҷумлаҳои зерин ҷумлаи пайравро илова карда навишта гиред.

1. Беҳтарин талаба он аст, ки ... 2. Борон наборид, чунки ... 3. Мақсади мо ҳамин, ки ... 4. Ман бисёр мутолиа мекардам, то ки... 5. Салим ба мактаб наомад, чунки ...

**Машқи 43.** Ба ҷумлаҳои пайрави зерин сарҷумларо илова карда хонед ва воситаи алоқаи онҳоро нишон диҳед.

1. Агар ба бародарам гӯед, ... 2. Азбаски обро дар вақташ надода буданд, ... 3. Вақте ки мо омадем, ... 4. Ҳарчанд тобистон аст, ... 5. Бо вуҷуди ин ки барф меборид, ... 6. Ҳамин ки субҳ дамид, ...

## ХЕЛҲОИ ҶУМЛАИ ПАЙРАВ

**Ҷумлаҳои пайрав аз рӯйи маъно, вазифа ва муносибаташон ба сарҷумла ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд: *ҷумлаи пайрави мубтадо, ҷумлаи пайрави хабар, ҷумлаи пайрави муайянкунанда, ҷумлаи пайрави пуркунанда, ҷумлаҳои пайрави ҳол.***

### § 9. Ҷумлаи пайрави мубтадо

Сарҷумлаи ҷумлаҳои мураккаби зеринро муайян карда, ба хабари он саволе гузоред, ки ҷавобаш ҷумлаи пайрав бошад. Гӯед, ки ҷумлаи пайрав кадом аъзои сарҷумларо эзоҳ додааст ва бо кадом пайвандак ба сарҷумла вобаста шудааст.

1. Онҳое, ки хонаашон дар ҳамон тараф буд, омаданд (*Р. Ҷалил*). 2. Ҳар кас ки дар ҳамон вақт ба болои боми мадраса барояд, ин ҳодисаи табиатро тамошо мекунад (*С. Айнӣ*). 3. Ҳар чӣ мехӯрд, гӯё ҳамаи он ширу гӯшт мешуд (*С. Айнӣ*).

4. Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.

*А. Рӯдакӣ*

**Ҷумлаи пайрави мубтадо мубтадои дар сарҷумла вуҷуднадошта ё бо ҷонишинҳои шахсию ишоратӣ ифодаёфтаи сарҷумларо шарҳу эзоҳ медиҳад. Ҷумлаи пайрави мубтадо ба сарҷумла бо воситаи пайвандаки «*ки*» алоқаманд мегардад ва бо саволҳои: *кӣ? чӣ?* ҷавоб мешавад.**

Δ **Масалан:** Хуб шудааст (*чӣ хуб шудааст*?), ки барои хондан омадааст. (*С. Айнӣ*). Ҳар кӣ бо бадон нишинад, некӣ набинад (*кӣ некӣ набинад*?).

Ҳангоми ба вазифаи мубтадои ҷумлаи пайрав омадани таркибҳои ҷонишинии *ҳар кӣ, ҳар чӣ, он кӣ, он чӣ, ҳар он кӣ, ҳар он чӣ* ҷумлаи пайрав ба сарҷумла бе пайвандак вобаста мегардад. Он чӣ вай аз кӯдакӣ захира карда будааст, ҳама дар як-ду рӯз тамом шуд. (*С. Улуғзода*). Ҳар чӣ пеш омад, хуш омад (*Зарб*).

Ҷумлаи пайрави мубтадо дар аввалу мобайн ва охири сарҷумла омада метавонад.

**а) дар аввал:** Он чӣ ки оила дошт, пароканда шуда рафт (*Р. Ҷалил*).

**б) дар мобайн:** Ононе, ки бо кор машғуланд, озод мегарданд (*С. Айнӣ*).

**в) дар охир:** Шарт нест, ки ин корро худат кунӣ (*Р. Ҷалил*).

**Машқи 44.** Ҷумлаҳоро нависед, ба зери ҷумлаи пайрави мубтадо хат кашида, воситаи алоқаи онро бо сарҷумла муайян кунед.

1. Аз оҳанги хонишаш маълум мешуд, ки ӯ маъниҳои бештарини ин байтҳоро он қадар дуруст намедонад (*С. Айнӣ*). 2. Гоҳо мешавад, ки кас аз хоб бедор шуда, воқеияти атрофи худро дарҳол дарк карда наметавонад (*Ф. Муҳаммадиев*). 3. Ин ҳам ҷойи инкор нест, ки қуввати тарҷумонии ин рафиқон низ баробар ва аз ҳар ҷиҳат мукаммал нест (*С. Айнӣ*). 4. Инҳое, ки ту дар Бухоро мебинӣ, аз ҳамон ҷумлаанд (*С. Айнӣ*). 5. Аз оҳанги суха-

нонаш маълум буд, ки чизе мепурсад (*Р. Ҷалил*). 6. Онҳое, ки танҳо манфиати худро дар назар доштанд, дар обод кардани мамлакат кӯшиш намекарданд (*С. Айнӣ*).

**Машқи 45.** Ҷойи ҷумлаи пайрави мубтадоро муайян карда, воситаи алоқаи онро бо сарҷумла нишон диҳед.

1. Беҳтар мешуд, ки ӯро ба касалхона фиристонанд (*Р. Ҷалил*). 2. Фақат ҳаминаш маълум буд, ки дар ин муддат вай метавонист аз он ҷо дур шавад (*Ҷ. Икромӣ*). 3. Ҳар кӣ аз он ҷо гузарад, моро медид (*П. Толис*). 4. Сазовори таҳсин аст, ки вай пеши роҳи онҳоро гирифта тавонистааст (*Р. Ҷалил*). 5. Маълум шуд, ки ман хато карда будаам (*С. Айнӣ*). 6. Аз ин мебарояд, ки духтаратон ба он мардак даъво кардан намехоҳад (*Ҷ. Икромӣ*). 7. Ба мо муяссар шуд, ки бо шумо мулоқот кунем (*Ҷ. Икромӣ*).

**Машқи 46.** Аз ҷумлаҳои соддаи зерин ҷумлаҳои мураккаби тобеъ созед, ки ҷумлаи пайраваш мубтадо бошад.

**Намуна:** *Бачаи бамаънӣ будани Толиб ба ҳеҷ кас пинҳон нест. — Ба ҳеҷ кас пинҳон нест, ки Толиб бачаи бамаънӣ мебошад.*

1. Бе истисно ба саҳро баромадани ҳама дар маҷлис гуфта шуд. 2. Маҳз ҳамин саволро додани муаллим аз дилам гузашта буд. 3. Ҳамаи узвҳои тракторро донистани ман дар рафти санҷиш исбот шуд. 4. Пеш аз сухан гуфтан фикр кардан зарур аст. 5. Аз даруни сангҳо фаввора зада баромадани чилу чор чашма ҳамаро дар ҳайрат мемононад. 6. Ба ҳамин ҷо одами худашро дароварда тавонистани душман маълум шуд. 7. Аз пуштибони худ рухсат гирифтани ӯ лозим буд.

**Машқи 47.** Ба ҷумлаҳои нотамоми зерин ҷумлаҳои пайравро илова карда навишта гиред.

1. Дар маҷлис қайд карда шуд, ки...
2. Ба ҳеҷ кас пӯшида нест, ки...
3. Ҳаминаш хурсандибахш аст, ки...
4. Аз суръати кор аён буд, ки...
5. Дар ҷамъомади талабагони синф қарор дода шуд, ки...
6. Ин ҳам равшан аст, ки...
7. Ба мо маълум шуд, ки...

## § 10. Ҷумлаи пайрави хабар

Ҷумлаҳои мураккаби зеринро мушоҳида кунед. Ҷумлаҳои пайрави онҳоро ёбед. Муайян кунед, ки онҳо кадом аъзои сарҷумларо эзоҳ додаанд ва бо воситаи кадом пайвандак вобаста шудаанд.

1. Орзуи ягонаи Одина ҳамин буд, ки ӯ ҳар чӣ зудтар аз дасти Арбоб Камол халос шавад. 2. Раҳимабегимро ягона муддао ин буд, ки Гулбибиро қадрас карда, ба хоҳарзодаи худ ба занӣ бубахшад (*С. Айнӣ*). 3. Кайфияти зиндагонии инсон дар ҳамин аст, ки вай ба дигарон мадад кунад. 4. Мард он аст, ки ба сахтиҳо ва мушкилиҳо мубориза барад (*Ҷ. Икромӣ*).

**Ҷумлаи пайрави хабар хабари бо ҷонишинҳои ишоратӣ (ин, он, ҳамин, ҳамон, чунин, чунон) ифодаёфтаи сарҷумларо эзоҳ медиҳад ва ба саволҳои *кист? чист? чӣ хел аст?* ҷавоб мешавад.**

Воситаи алоқаи ҷумлаи пайрави хабар бо сарҷумла пайвандаки «*ки*» мебошад. Ҷумлаи пайрави хабар ҳамеша баъд аз сарҷумла меояд ва бо аломати вергул (,) ҷудо карда мешавад.

**Мисол**: *Ягона фазилати ӯ ин буд, ки ӯ одами содда, камгап, хандонрӯй ва гапбардор буд.*

Дар ин ҷумлаи мураккаби тобеъ ҷумлаи пайрав (*ӯ одами содда, камгап, хандонрӯй ва гапбардор буд*) хабари бо ҷонишини ишоратӣ ифодагаштаи сарҷумла *(ин буд*)- ро эзоҳ додааст.

**Машқи 48.** Ҷумлаҳоро хонед, сарҷумла ва ҷумлаи пайрави хабарро нишон диҳед. Муайян кунед, ки ҷумлаи пайрави хабар хабари бо кадом ҳиссаи нутқ ифодаёфтаи сарҷумларо эзоҳ додааст ва ба воситаи кадом пайвандак ба сарҷумла алоқаманд гаштааст.

1. Ҳамаи гап дар ҳамин аст, ки касе аз он пай набурд (*С. Улуғзода*). 2. Фарқи ӯ аз дигарон дар ҳамин буд, ки вай деву аҷина ба одам зарар расонида наметавонад мегуфт (*С. Айнӣ*). 3. Боиси ба ин ҷо омадани ман ҳамин буд, ки бо шумо маслиҳат карда, як роҳи наҷот ҷӯям (*Ҷ. Икромӣ*). 4. Шарти ман ҳамин, ки ба ҳеҷ куҷо наравад (*Ҳ. Карим*). 5. Омадани Мухтор маҳз барои ҳамин буд, ки ба хонаи онҳо ин мори заҳрнок — рашкро дарорад (*Ҷ. Икромӣ*). 6. Беҳтар он аст, ки акнун аз пайи ин кор нагашта, худро ба гӯшаи саломатӣ кашем (*С. Айнӣ*). 7. Фарқи ман аз дигарон дар ин аст, ки ман қашшоқ ва мӯҳтоҷам (*С. Айнӣ*).

**Машқи 49.** Ба ҷумлаҳои нотамоми зерин ҷумлаҳои пайрави хабарро илова карда навишта гиред ва воситаи алоқаи ҷумлаи пайравро бо сарҷумла муайян кунед.

**Намуна:** *Таги гап дар ин ҷост, ки ... Таги гап дар ин ҷост, ки ӯ аз нарафтани худ ба донишгоҳ пушаймон аст.*

1. Маслиҳати ман ин аст, ки...
2. Мақсади мо ҳамин, ки ...
3. Қарори маҷлис ҳамин шуд, ки ...
4. Илоҷи ягонаи аз хушкшавӣ нигоҳ доштани ниҳолҳо он аст, ки ...
5. Оқибати ғурури беҳуда ҳамин аст, ки ...
6. Мард он аст, ки ...

**Машқи 50.** Хонед ва ҷумлаҳои пайрави хабарро нишон диҳед. Гӯед, ки хабари сарҷумла бо кадом ҳиссаи нутқ ифода гаштааст.

1. Шарти соянишинии мо ин буд, ки боғи ӯро обод нигоҳ дорем (*С. Улуғзода*). 2. Барои аз дарсе ба дарсе гузаштан шарт ҳамин буд, ки ман бояд бе ҳеҷ сактахонӣ ва забонгирӣ дарси гузаштаро дар пеши домулло хонда диҳам (*С. Айнӣ*). 3. Шиорашон ҳамин буд, ки ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад (*Ҷ. Икромӣ*). 4. Он вақтҳо дар Бухоро одат ин буд, ки баъзе муллобачаҳои қашшоқ дар моҳи рамазон ба пеши ягон қозии шинос мерафтанд (*С. Айнӣ*). 5. Умедам ин, ки эъҷози диламро хубтар донӣ (*Б. Раҳимзода*).

6. Дӯст он аст, ки маъиби дӯст,
Ҳамчу оина рӯ ба рӯ гӯяд (*С. Шерозӣ*).

**Машқи 51.** Аз рӯйи намуна ҷумлаҳои мураккаби тобеъро ба содда ва ҷумлаҳои соддаро ба мураккаб табдил дода, ба дафтаратон нависед.

**Намуна:** *Мақсади ман ҳамин буд, ки зудтар ба шаҳри Самарқанд равам. — Мақсади ман зудтар ба шаҳри Самарқанд рафтан буд. Айби ман ба гапи ӯ эътибор надодан буд. — Айби ман ҳамин буд, ки ба гапи ӯ эътибор надодам.*

1. Асоси масъала дар он, ки бародарам дар омӯзгорӣ таҷрибаи зиёд дорад. 2. Аҷибаш маро нашинохтани хоҳарам буд. 3. Маълум аст, ки истеъмоли меваи тару тоза ҳаловат мебахшад. 4. Дили беморро наранҷондан доруи хуб аст. 5. Кори хуб ин аст, ки шумо ба шеъргӯӣ шавқу ҳавас доред. 6. Орзуи ман олим шудан аст.

## § 11. Ҷумлаи пайрави муайянкунанда

Ҷумлаҳоро хонед ва гӯед, ки ҷумлаҳои пайрав барои эзоҳи аъзои бо кадом ҳиссаи нутқ ифодаёфтаи сарҷумла омадаанд. Муайян кунед, ки ҷумлаи пайрав бо кадом пайвандак ба сарҷумла вобаста шудааст.

1. Мумкин будан ё набудани ин корро аз ҳамин сарбоз, ки ба тарафи кӯҳистон рафтанист, фаҳмидан даркор буд. 2. Дар як ҷойи ин саҳро як работи васеъ, ки атрофаш бо ҳафт похса девор печонида гирифта шуда буд, ба назар менамуд. 3. Аҳмад-махдуми муҳандиси Дониш, ки ӯро Аҳмади Калла мегуфтанд, дар он мадраса ҳуҷрача дошт. 4. Ӯ монанди чакраи муме, ки аз шамъи афрӯхта мечакад, фаврӣ ях баста монда буд (*С. Айнӣ*).

**Ҷумлаи пайрави муайянкунанда ягон аъзои бо исм ифодаёфтаи сарҷумларо эзоҳ медиҳад ва бо саволҳои *чӣ хел? чӣ гуна? кадом?* ҷавоб мешавад. Ҷумлаи пайрави муайянкунанда ба сарҷумла тавассути пайвандаки «*ки*» вобаста шуда, аз он бо аломати вергул (,) ҷудо карда мешавад.**

Масалан, дар ҷумлаи мураккаби «*Ҳуҷрае, ки ман дар вай истиқомат мекардам, бар боми дарвозахонаи мадраса бино шуда буд*» ҷумлаи пайрави муайянкунанда (*ман дар вай истиқомат мекардам*) барои эзоҳи мубтадои сарҷумла (ҳуҷра), ки бо исм ифода ёфтааст, оварда шудааст.

**Исми муайяншавандаи сарҷумла аксар вақт бо аломати «-е» меояд:** Каманде, ки бо дасти устози камандандоз партофта шавад, ҳаргиз хато намекунад.

**Ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар мобайн ва пас аз сарҷумла воқеъ мегардад:**

**а) дар мобайни сарҷумла:** Обҳои бар рӯйи оташ пошхӯрда монанди обе, ки дар деги равғани доғи даргирифтаистода рехта шуда бошанд, оташро боз ҳам шӯълавартар мекарданд (*С. Айнӣ*).

**б) пас аз сарҷумла:** Дар ҳамин вақт чашми ӯ ба пирамарде афтод, ки ба тарафи вай меомад.

**Машқи 52.** Ҷумлаҳоро хонед, сарҷумла ва ҷумлаи пайрави муайянкунандаро нишон диҳед. Гӯед, ки ҷумлаҳои пайрав бар эзоҳи кадом аъзои ҷумла омадааст ва он аъзои ҷумла бо кадом ҳиссаи нутқ ифода ёфтааст.

1. Аз ҳамон кисае, ки пули руймолчапеч гирифта шуда буд, корди ғилофдори тезе ҳам баромад (*Р. Ҷалил*). 2. Боди тунде, ки дар гардиш буд, барфҳои боридаро ба дари хонаҳо мезад (*А. Деҳотӣ*). 3. Барои тӯпе, ки ба як тири душман бо даҳ тири бехато ҷавоб мегардонад, ин ном ниҳоят мувофиқ буд (*Р. Ҷалил*). 4. Ӯ дар ҳавлии берун маро бардошта ба болои девори похсаи пастак, ки ҳавлии моро аз чорбоғ ҷудо мекард, гузошт (*С. Айнӣ*). 5. Аз саҳни поён ба боло зинапояи танге мебарад, ки дастдораки мисин дорад (*Ф. Муҳаммадиев*). 6. Заноне, ки шавҳарашон ё фарзандонашон ва ё ягон хеши наздики дигарашон ба тозагӣ мурда бошанд, табақ-табақ чалпак ва лаълӣ-лаълӣ нону кулча бардошта меомаданд (*С. Айнӣ*).

**Машқи 53.** Ҷумлаҳоро нависед, ба зери ҷумлаи пайрави муайянкунанда хат кашед. Гӯед, ки ҷумлаҳои пайрав бо сарҷумла бо кадом воситаҳо алоқаманд шудаанд.

1. Темурмалик дар рӯзҳое, ки дар сохтани қалъа ва киштиҳо машғулӣ мекард, барои расондани ҷавонони ҷанговар ҳам тайёрӣ медид (*С. Айнӣ*). 2. Овози қурроси қурбоққаҳо, ки ба кас аз осудагӣ ва роҳат хабар медоданд, дар ин маҷлис ба гӯши касе намерасид (*Ҷ. Икромӣ*). 3. Савор, ки аз миёнаи ду хомаи рег мерафт, аспи худро нигоҳ дошта аз вай фуромад (*С. Айнӣ*). 4. Ранге, ки дар он шаб ба чашм менамуд, ҳамин ранги барфи рӯйи кӯҳсорон буду бас (*Ҷ. Икромӣ*). 5. Марде, ки Дохунда будани он аз нақли қисме аз саргузашташ маълум шуд, аз бағали худ дафтарчаеро бароварда ба вай чашм андохт (*С. Айнӣ*). 6. Ин ҷавоби Сафар Одинаев тире буд, ки рост ба нишон расид (*Ф. Ниёзӣ*).

**Машқи 54.** Ба ҷумлаҳои нотамоми зерин ҷумлаҳои пайрави муайянкунандаро илова карда нависед. Ҷойи ҷумлаи пайравро муайян карда гӯед, ки онҳо бар эзоҳи кадом аъзои сарҷумла оварда шудаанд.

1. Дар олам муаммое нест, ки...
2. Чашми ман ба пирамарде афтод, ки...
3. Одамонеро медонам, ки...
4. Дар он ҷо мактаб буд, ки ....
5. Дар пешонааш як қашқаи сафед дошт, ки...
6. Чашмаш ба расми падараш афтод, ки...
7. Воқеае рӯй дод, ки...

**Машқи 55.** Ҷумлаҳои соддаи зеринро ба ҷумлаҳои мураккаби тобеъ баргардонед, ки ҷумлаи пайрави муайянкунанда дошта бошанд.

1. Хабари кассир овардаро ба Исрофил гуфтанӣ шуда ба таги дари хуҷрааш омадам (*Ф. Муҳаммадиев*). 2. Бо бригадаи дар он шавҳараш кор мекардагӣ мусобиқа баста буд (*Ҳ. Карим*). 3. Ҷамбули ман рафтагӣ он нест (*С. Айнӣ*). 4. Нуриддин рӯзҳои аввали ба ин ҷо омаданаш дар ҳавлии ҳамон бинои падараш зиндагонӣ кардааст (*Р. Ҷалил*). 5. Аспи ман дидагӣ саманд буд. 6. Суханҳои гуфтагиатонро фаромӯш намекунам.

**Машқи 56.** Панҷ ҷумлаи мураккаби тобеъ тартиб диҳед, ки ҷумлаи пайрави муайянкунанда дошта бошад.

Ҷумлаҳои ҳар ду сутунро муқоиса кунед ва гӯед, ки онҳо аз ҷиҳати маъно фарқ доранд ё не? Аз ҷиҳати сохт-чӣ?

| | |
|---|---|
| 1. Теппаҳое, ки атрофи шаҳрро иҳота кардаанд, сабзранг метобанд. | 1. Теппаҳои атрофи шаҳрро иҳота кардагӣ сабзранг метобанд. |
| 2. Шеъре, ки рафиқамон навишт, ба ҳама маъқул шуд. | 2. Шеъри рафиқамон навиштагӣ ба ҳама маъқул шуд. |
| 3. Мақолаеро, ки дар рӯзномаи «Овози тоҷик» чоп шуда буд, омӯзгорон бо мароқ хонданд. | 3. Мақолаи дар рӯзномаи «Овози тоҷик» чопшударо омӯзгорон бо мароқ хонданд. |
| 4. Китоберо, ки омӯзгор тавсия карда буд, хондам. | 4. Китоби омӯзгор тавсиякардаро хондам. |

Δ Ҷумлаи пайрави муайянкунандаро ба тариқи зайл ба ибора табдил дода, ҷумлаи мураккаби тобеъро ба ҷумлаи соддаи тафсилӣ баргардонидан мумкин аст:

1) пайвандаки ҷумлаи пайрави муайянкунанда (**ки**) партофта мешавад. Пеш аз пайвандак аломати номуайяни (**е**) омада бошад, ҷойи онро бандаки изофӣ (**и**) мегирад. Пасоянди **-ро** бошад, ба охири сифати феълӣ мегузарад.

2) феъли ҷумлаи пайрав ба сифати феълӣ табдил меёбад.

Мисол: *Ниҳолҳоеро, ки имрӯз оварда будем, шинондем. — Ниҳолҳои имрӯз овардаамонро шинондем.*

Агар бо исми муайяншавандаи сарҷумла ҷонишини ишоратӣ омада бошад, ҳангоми ба ибора гардондани ҷумлаи пайрав ҷонишин истифода намешавад.

**Мисол:** Ҳамаи он одамоне, ки дар даромадгоҳ меистоданд, хешу табори худашанд (*Р. Ҷалил*). Ҳамаи одамони дар даромадгоҳ истодагӣ хешу табори худашанд.

**Машқи 57.** Ҷумлаҳои мураккаби тобеъро ба ҷумлаи содда баргардонед.

1. Дар маҷлисҳое, ки дар хонаи Латифҷон-махдум барпо мешуд, хубиҳои баъзе касони намоён ҳам зикр меёфт (*С. Айнӣ*). 2. Чанд нафар мардони пирсоле, ки дар байни занон шиштанро эб надонистанд, дар ҳавлии берун ҷой гирифтанд (*Ҳ. Карим*). 3. Аммо дар олам муаммое нест, ки илоҷи ҳаллаш ёфт нашавад (*Ф. Муҳаммадиев*). 4. Алифбоеро, ки ба шумо ваъда карда будам, фиристодам (*Ҳ. Карим*).

## § 12. Ҷумлаи пайрави пуркунанда

Ҷумлаҳои мураккаби ҳар ду сутунро муқоиса карда, монандӣ ва фарқи вазифаи ҷумлаҳои пайрави онҳоро муайян намоед.

1. Ҳамаи гап дар ҳамин аст, ки касе аз он пай набурд (*С. Улуғзода*).

2. Як хислати Қорӣ Нурулло ин буд, ки ҳар чизи навбаромадаро маҳз барои навбаромад буданаш дӯст медошт (*С. Айнӣ*).

3. Аммо ақидаи ман он буд, ки барои шеър гуфтан валӣ будан шарт аст (*С. Айнӣ*).

1. Ман хостам, ки ҳамон ҳалворо дар ҳуҷраи худ бипазам (*С. Айнӣ*).

2. Мо ҳамагӣ гумон доштем, ки падар ӯро бо сабаби иғвогариаш коҳиш хоҳад кард (*С. Айнӣ*).

3. Падарам маҷбур шуд, ки масъаларо бо насиҳат ҳал кунад (*С. Айнӣ*).

**Ҷумлаи пайрави пуркунанда хабари феълии сарҷумла ва ҷонишинҳои ишоратии ба вазифаи пуркунандаи бевосита омадаи онро шарҳу эзоҳ медиҳад. Ҷумлаи пайрави пуркунанда ба саволҳои *чиро? ба кӣ? ба чӣ? аз чӣ? аз кӣ?* ва монанди инҳо ҷавоб мешавад.**

Δ Ҷумлаи пайрави пуркунанда ба воситаи пайвандаки «ки» ба сарҷумла вобаста шуда, ҳамеша баъд аз сарҷумла воқеъ мегардад. Дар байни сарҷумла ва ҷумлаи пайрави пуркунанда аломати вергул гузошта мешавад. Масалан, дар ҷумлаи «*Акнун фаҳмидам, ки оси-*

*ёби инҳо аз кадом ҷӯй об гирифтааст*» ҷумлаи пайрави пуркунанда (*осиёби инҳо аз кадом ҷӯй об гирифтааст*) хабари феълии сарҷумла (*фаҳмидам*)-ро пурра мекунад. Аммо дар ҷумлаи «*Инро ҳам фаҳмидам, ки ӯ баояндаи хубе умедвории қавӣ доштааст*» ҷумлаи пайрави пуркунанда (*ӯ баояндаи хубе умедвории қавӣ доштааст*) ҷонишини ишоратии ба вазифаи пуркунандаи бевосита омадаи сарҷумларо, ки «*инро*» мебошад, эзоҳ додааст.

Ҷумлаи пайрави пуркунанда ҷумлаи саволӣ бошад ҳам, дар охири вай (агар сарҷумла ҷумлаи саволӣ набошад) аломати савол гузошта намешавад: *Ман намедонам, ки корро имрӯз ба анҷом мерасонам ё не. Ман нафаҳмидам, ки ту кай ба Тошканд рафта омадӣ.*

**Машқи 58.** Ҷумлаҳои зеринро хонед, сарҷумла ва ҷумлаи пайрави пуркунандаро муайян карда гӯед, ки ҷумлаи пайрав кадом аъзои сарҷумларо эзоҳ додааст ва он бо кадом ҳиссаи нутқ ифода ёфтааст.

1. Саидов ба Пӯлод таклиф намуд, ки фоэтон ӯро то ҳавлиаш бурда монад (*Р. Ҷалил*). 2. Акнун мегӯям, ки муаммои дигар дар бораи қатли хомӯшак буд (*Ф. Муҳаммадиев*). 3. Чӯпон аз ин ҳаракати дубораи саг пай бурд, ки дар биёбон ягон воқеаи муҳиме ҳаст (*С. Айнӣ*). 4. Ман мехоҳам, ки ба вай некӣ кунам (*С. Айнӣ*). 5. Ду моҳ ҳам мегузараду мебинед, ки даҳ панҷаашон ҳунар шудааст (*Р. Ҷалил*). 6. Ҳарифи мағлуби дар тарсу ларз афтода ҳам иқрор мекард, ки вай бо умеди гирифтани мукофоти миршаб ба ин кор ҷасорат кардааст (*С. Айнӣ*). 7. Падару модар напурсиданд, ки он духтари кисту номаш чист (*Р. Ҷалил*). 8. Донистам, ки роҳро гум намекунам. (*С. Улуғзода*).

**Машқи 59.** Ҷумлаҳоро нависед, ҷумлаи пайрави пуркунандаро муайян карда, воситаи алоқаи онро бо сарҷумла нишон диҳед.

1. Вай аз ин пеш ҳам умед надошт, ки падару модари Шодигул интихоби духтарашонро писанд хоҳанд кард (*С. Улуғзода*). 2. Ман донистам, ки овозаи мардум рост будааст (*Ҷ. Икромӣ*). 3. Ҳар нафас интизор буд, ки Боровиков ӯро ҷеғ мезанад (*С. Улуғзода*). 4. Лекин шунидам, ки шумо аз дунболагириам дар ҳаққи ман бадгумон шудаед (*С. Айнӣ*). 5. Аммо шумо гумон кардед, ки ман намедонам (*Ҷ. Икромӣ*). 6. Ҳозирон баъди муҳокимаю мунозира қарор доданд, ки обро ба дашт баroранд (*Р. Ҷалил*). 7. Боз Сафар борҳо таъкид карда буд, ки Мансуров ёрирасони дасти рости ман хоҳад шуд (*Ф. Ниёзӣ*).

**Машқи 60.** Ҷумлаҳоро бо тартиби зерин навишта гиред: 1) бо ҷумлаи пайрави мубтадо; 2) бо ҷумлаи пайрави хабар; 3) бо ҷумлаи пайрави пуркунанда.

1. Моҳрӯ намехост, ки ба гапҳои ин марди хандончак гӯш кунад (*Р. Ҷалил*). 2. Бедарак нест, ки одами номаълум ба хонаи мо телефон карда, шуморо ба васваса меандозад (*Ҷ. Икромӣ*). 3. Ниҳояти кораш ҳамин шуд, ки маро сарбоз карда, ба дастам милтиқ дод (*С. Айнӣ*). 4. Рафтори ӯ чунин аст, ки шумо тасаввур карда наметавонед (*Ҷ. Икромӣ*). 5. Бибиманзура нағз медонист, ки ин ҷӯйи калонро кофтан кори бисёр шарафнок аст (*Ҳ. Карим*). 6. Лозим омадааст, ки худи ҳамин панҷ нафар ҳам даъвогар шаванд (*С. Айнӣ*). 7. Аз ин сабаб мехостам, ки соати ҳамсафарӣ ба ӯ ҳар чӣ зиёдтар тӯлонӣ бошад (*Ф. Муҳаммадиев*).

### *Савол ва супоришҳо*

1. Ҷумлаи мураккаби тобеъ чист?
2. Кадом ҷумлаи соддаи таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъро сарҷумла меноманд?
3. Кадом ҷумлаи соддаи таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъро ҷумлаи пайрав мегӯянд?
4. Ҷумлаи мураккаби тобеъ аз ҷумлаи мураккаби пайваст бо кадом хусусиятҳояш фарқ мекунад?
5. Воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои соддаро дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ шарҳ диҳед.
6. Ҷумлаи пайрави мубтадо чист?
7. Ҷойи ҷумлаи пайрави мубтадоро гӯед.
8. Ҷумлаи пайрави мубтадо ба сарҷумла бо кадом воситаҳои алоқа тобеъ мешавад?
9. Ҷумлаи пайрави хабар чист?
10. Ҷумлаи пайрави хабар ба кадом саволҳо ҷавоб медиҳад?
11. Ҷойи ҷумлаи пайрави хабарро нишон диҳед.
12. Воситаҳои алоқаи ҷумлаи пайрави хабарро бо сарҷумла нишон диҳед.
13. Ҷумлаи пайрави муайянкунанда чист?
14. Ҷумлаи пайрави муайянкунанда ба кадом саволҳо ҷавоб медиҳад?
15. Ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар куҷои сарҷумла воқеъ мегардад?
16. Ҷумлаи пайрави муайянкунанда ба сарҷумла бо кадом воситаҳои алоқа вобаста мегардад?
17. Ҷумлаи пайрави муайянкунандаро чӣ тавр ба ибора табдил додан мумкин аст?
18. Ҷумлаи пайрави пуркунандаро таъриф кунед.

19. Ҷумлаи пайрави пуркунанда ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
20. Ҷойи ҷумлаи пайрави пуркунандаро нишон диҳед.
21. Гӯед, ки ҷумлаи пайрави пуркунанда ба сарҷумла бо кадом воситаҳо алоқаманд мегардад?

## САВОЛҲОИ ТЕСТӢ

**1. Ҷумлаи мустақили аз ягон ҷиҳат эзоҳшаванда ва такмилёбанда чӣ гуна ҷумла аст?**

А) ҷумлаи хуллас
Б) ҷумлаи тафсилӣ
В) ҷумлаи пайрав
Г) сарҷумла
Д) ҷумлаи нопурра

**2. Ҷумлаи пайрави ҷумлаи мураккаби «ҳар чӣ пеш омад, хуш омад» ба кадом навъи ҷумлаҳои пайрав тааллуқ дорад?**

А) ба ҷумлаи пайрави мубтадо
Б) ба ҷумлаи пайрави хабар
В) ба ҷумлаи пайрави муайянкунанда
Г) ба ҷумлаи пайрави пуркунанда
Д) ба ҷумлаи пайрави ҳол

**3. Дар ҷумлаи мураккаби «Душвории кор дар ин ҷост, ки ин гуна заводҳоро танҳо бо қуввати дасти майдакосибҳо роҳ равонда намешаванд» кадом навъи ҷумлаҳои пайрав истифода шудааст?**

А) ҷумлаи пайрави мубтадо
Б) ҷумлаи пайрави хабар
В) ҷумлаи пайрави майянкунанда
Г) ҷумлаи пайрави пуркунанда
Д) ҷумлаи пайрави ҳол

**4. Ҷумлаи пайрави ҷумлаи мураккаби «Ибод ба Гуландом ном духтаре, ки ҳамсоли худаш буд, алоқаи муҳаббат дошт» ба кадом навъи ҷумлаҳои пайрав мансуб аст?**

А) ба ҷумлаи пайрави мубтадо
Б) ба ҷумлаи пайрави хабар
В) ба ҷумлаи пайрави муайянкунанда
Г) ба ҷумлаи пайрави пуркунанда
Д) ба ҷумлаи пайрави ҳол

**5. Ҷумлаи пайрави ҷумлаи мураккаби «Устобобом пурсид, ки Юнусҷонҳоҷии нусхазан дар куҷо мешинад» ба кадом навъи ҷумлаҳои пайрав мансуб аст?**

А) ба ҷумлаи пайрави мубтадо
Б) ба ҷумлаи пайрави хабар
В) ба ҷумлаи пайрави муайянкунанда
Г) ба ҷумлаи пайрави пуркунанда
Д) ба ҷумлаи пайрави ҳол

**6. Кадом ҷумла сарҷумла ё ягон аъзои онро эзоҳ медиҳад?**

А) ҷумлаи хуллас
Б) ҷумлаи тафсилӣ
В) ҷумлаи нопурра
Г) ҷумлаи пайрав
Д) ҷумлаи унвонӣ

# ҶУМЛАҲОИ ПАЙРАВИ ҲОЛ

∆ Ҷумлаҳои пайрави ҳол гурӯҳи алоҳида ва хеле калони ҷумлаҳои пайравро ташкил медиҳанд. Ҷумлаҳои пайрави ҳол *дар кадом ҳолат ва чӣ гуна, кай, дар куҷо, бо кадом мақсад, сабаб, шарт...* воқеъ гаштани амали сарҷумларо ифода менамоянд.

Ҷумлаҳои пайрави ҳол аз рӯйи вазифаашон ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд: *ҷумлаи пайрави тарзи амал, ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа, ҷумлаи пайрави монандӣ, ҷумлаи пайрави сабаб, ҷумлаи пайрави мақсад, ҷумлаи пайрави замон, ҷумлаи пайрави макон, ҷумлаи пайрави шарт, ҷумлаи пайрави хилоф, ҷумлаи пайрави натиҷа.*

## § 13. Ҷумлаи пайрави тарзи амал

Ҷумлаҳои мураккаби зеринро мушоҳида карда, сарҷумла ва ҷумлаи пайрави онҳоро ёбед. Гӯед, ки ҷумлаи пайрав кадом аъзои сарҷумларо эзоҳ додааст ва ба кадом савол ҷавоб мешавад. Воситаи алоқаи ҷумлаи пайравро бо сарҷумла муайян кунед.

**Мисол:** 1. Қозӣ, дар ҳолате ки миёнаш аз рӯй бастагӣ ва дар дасташ як асои ҷавбеди дароз буд, дар лаби рӯди нав рост меистод. 2. Ҳомидхоҷа, бе он ки овоз барорад, аз дасти ман гирифта ишорат кард (*С. Айнӣ*). 3. Дар ҳолате ки пеши селоби нави ашкро гирифта наметавонист, ба изҳори миннатдорӣ даромад (*Р. Ҷалил*). 4. Бе он ки сари худро бардорад, вай ба гирду пеши худ назар андохт (*С. Айнӣ*). 5. Дар даруни молхона якчанд нафар, ба тарзе ки бинанда онҳоро мурда гумон мекард, хобида буданд (*С. Айнӣ*).

**Ҷумлаи пайрави тарзи амал тарзу тариқи иҷрои амалу ҳолати сарҷумларо шарҳ медиҳад ва ба саволҳои *чӣ хел? чӣ гуна? чӣ тарз? чӣ тавр?* ҷавоб медиҳад.**

Ҷумлаҳои пайрави тарзи амал ба сарҷумла ба воситаи пайвандакҳои тобеъкунандаи *ки, ба тарзе ки, ба тавре ки, дар ҳолате ки, бе он ки, бидуни он ки* вобаста мешаванд. Ҷумлаи пайрави тарзи амал бо аломати вергул (,) ҷудо карда мешавад. Масалан, дар ҷумлаи «*Баъд аз ин ҳол, бе он ки сарашро бардорад ё чашмашро кушояд, магасвор садои ғиринг-ғирингi заифе баровард*» ҷумлаи пайрав (*бе он ки сарашро

*бардорад ё чашмашро кушояд)* тарзи иҷрои амали сарҷумла *(баъд аз ин магасвор садои ғиринг-ғиринги заифе баровард)*-ро эзоҳ додааст ва аз ду тарафи он аломати вергул гузошта шудааст.

Ҷумлаи пайрави тарзи амал пеш аз сарҷумла, дар мобайн ва пас аз он воқеъ мегардад:

**а) пеш аз сарҷумла:** Дар ҳолате ки худам дастамро ба оби сард намезадам, ғуломон, ятимон, чӯпонон ва чоряккорони ӯро хар барин кор мефармудам (*С. Айнӣ*). Бе он ки садое бароранд ва ё дарро кӯбанд, дарвозаи сарой кушода шуд (*С. Айнӣ*).

**б) дар мобайни сарҷумла:** Дар ариза рафти корро, ба тарзе ки ҳозир гуфта гузаштем, шарҳ додам (*С. Айнӣ*). Раис ва миршаб, ба тарзе ки фақат дуяшон мешуниданд, дар чӣ борае ба гуфтугӯ даромаданд (*С. Улуғзода*).

**в) баъд аз сарҷумла:** Ман аз меҳмонхона баромадам, дар ҳолате ки аз ин мусоҳиба аз ҳад зиёд хурсанд будам (*С. Айнӣ*). Вай ба рӯйи меҳмонаш зӯрбазӯракӣ табассум мекард, ба тавре ки ӯро дида раҳми кас меомад (*С. Улуғзода*).

**Машқи 61.** Ҷумлаҳоро хонед, ҷумлаи пайрави тарзи амалро ҷудо карда, воситаҳои алоқаи наҳвии онҳоро муайян намоед.

1. Ба ҳамин восита ҳар гуна хостгорро, бе он ки ӯро ранҷонем, аз дари худ меронем (*С. Айнӣ*). 2. Ӯ, дар ҳолате ки рӯйнокӣ сару поҳояшро бар рӯйи болиштҳо баланд карда мехобид, ба мо ҳикоя мегуфт (*С. Айнӣ*). 3. Падарам, дар ҳолате ки аз дидори дӯсташ шод буд, ба модарам гуфт (*С. Улуғзода*). 4. Дигарон ҳам, бе он ки чӣ гуфтанашон маълум шавад, фарёд мекашиданд (*С. Айнӣ*). 5. Ҳамдам — зани калони бой аз пеши шавҳараш, дар ҳолате ки дар дасташ як хӯша набот буд, баргашта омад (*С. Айнӣ*). 6. Ҳамаи чӯбҳо, бе он ки ба пои халифа озоре расонанд, шикаста пора шуда ба замин афтоданд (*С. Айнӣ*). 7. Хола аз роҳча қадам монда, бе он ки овозе барорад, рост ба таги айвон рафт (*Ҷ. Икромӣ*).

**Машқи 62.** Ҷумлаҳоро нависед, ҳудуди сарҷумла ва ҷумлаи пайрави тарзи амалро муайян карда, воситаи алоқаи онҳоро нишон диҳед.

1. Шодигул бо диққат ба ангуштони худ чашм дӯхт, ба тавре ки гӯё онро бори аввал медид (*С. Улуғзода*). 2. Солеҳ бо чашми ҳаросон ва хотири парешон, дар ҳолате ки аз тарс ҷоғаш меларзид, ба назди тахта рафт (*С. Улуғзода*). 3. Бо сахт кашидани ришта чарм омада аз дарун ба болои чок банд шуд, ба тарзе ки нӯги чарми овезон шудаистода аз

тарафи дарун даҳони чокро тамоман банд мекард (*С. Айнӣ*). 4. Духтарон бо як вазъияти дилгирона ба Қумрибибӣ рост рӯ ба рӯ нашуда, ба тарзе ки як тарафи рӯяшон ба тарафи Қумрибибӣ бошад, якзону нишаста чашмонашонро ба замин дӯхтанд (*С. Айнӣ*). 5. Падараш, бе он ки чашмашро аз теғ (шона) ва моку барканда аз кор бозистад, ба ман гуфт (*С. Айнӣ*).

**Машқи 63.** Аз қавсайн пайвандакҳои мувофиқро интихоб кунед ва онҳоро ба ҷойи сенуқтаҳо гузошта, ҷумлаҳоро навишта гиред.

1. Ӯ, ... ба касе нигоҳ кунад, роҳи худро давом медод (*С. Айнӣ*). 2. Асп, ... ба ҳар тараф лагад ҳаво медод, девонавор медавид (*С. Айнӣ*). 3. Амин, ... аз ин ҷавоби саркашона ба ғазаб омада буд, аз бандиёни дигар пурсид (*С. Айнӣ*). 4. Ба болои хомаи рег, ... дар дасташ як найи чӯпонӣ буд, Неккадам менишаст ва месуруд (*С. Айнӣ*). 5. Ба модарам дилбаста ва меҳрубон буд, дар кору бори хона худаш, ... модарам гӯяд, ба ӯ ёрӣ медод (*С. Улуғзода*). 6. Шахси ношинос аз ин дарёфти ногаҳонии ҳамсӯҳбати ношиноси худ дар ҳайрат афтода, ... ба пурсиши ӯ ҷавоб диҳад, ба ӯ нигоҳ карда истод (*С. Айнӣ*).

(*бе ин ки, бе он ки, дар ҳолате ки*)

**Машқи 64.** Ҷумлаҳоро пурра карда нависед.

1. Масъаларо тарзе ҳал кунед, ки...
2. Бе он ки пояшро тар кунад, Салим...
3. Собир, дар ҳолате ки хеле монда шуда буд, ...
4. Мо тавре рафтор мекунем, ки...
5. Гӯё ки ин гап ба ӯ дахл надошта бошад, ...
6. Ман нақлро, ба тарзе ки ба шумо гуфтам, ...
7. Писар, ба тавре ки ду даст бар сина монда буд, ...
8. Бе ин ки сухане гӯяд, ...

## § 14. Ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа

Ҷумлаҳоро мушоҳида кунед. Сарҷумла ва ҷумлаи пайрави онҳоро муайян намуда, воситаҳои алоқа (пайвандак ва калимаҳои ҳамнисбат)-и ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккабро нишон диҳед ва мавриди гузориши аломати вергулро фаҳмонед.

1. Кӯчаҳои танги шаҳр аз барфи ҳавлиҳо чунон пур шуда буданд, ки қариб ба бомҳо мерасиданд (*С. Айнӣ*). 2. Ман ҳар қадар наздиктар

оям, шубҳаам ҳамон қадар афзунтар мешуд (*Ҷ. Икромӣ*). 3. Ба Юнусбой сухани ноҳақи охирини Умрихола ончунон сахт таъсир кард, ки беихтиёр ба милки чашмони вай об давид (*С. Улуғзода*). 4. Давлат чунон дар изтироб, чандон ғамгин буд, ки намегиристу халос (*Р. Ҷалил*).

**Ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа миқдор ва дараҷаи иҷрои амалу аломати сарҷумларо шарҳ медиҳад ва ба саволҳои *чӣ қадар? ба кадом дараҷа?* ҷавоб мешавад.**

Ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа ба сарҷумла тавассути пайвандакҳои ***ки, ба дараҷае ки, ба қадре ки, ба андозае ки, ба ҳадде ки, ҳар қадар ки, чи қадар ки*** ва калимаю таркибҳои ҳамнисбати ***чунон, ончунон, ҳамчунон, чандон, ба дараҷае, ба қадре, ба ҳадде*** вобаста мешавад.

Масалан, дар ҷумлаи «*Абдуллохоҷа чунон қоматбаланд буд, ки монандаш дар Бухоро кам дида мешуд*» ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа (*монандаш дар Бухоро кам дида мешуд*) бо сарҷумла (*Абдуллохоҷа чунон қоматбаланд буд*) ба воситаи пайвандаки «**ки**» ва калимаи ҳамнисбати *чунон* (дар сарҷумла) вобаста шудааст.

Яке аз қолибҳои маъмули корбасти ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави миқдору дараҷа ин аст, ки пайвандакҳои ***ҳар қадар ки, чи қадар ки...*** дар таркиби ҷумлаи пайрав воқеъ гашта, дар сарҷумла омадани таркиби ҳамнисбати «***ҳамон қадар***»-ро талаб менамояд: Ту аз инҳо чӣ қадар ки тарсида гурезӣ, инҳо ҳам ҳамон қадар далер шуда, ба ту ҳуҷум мекунанд (*С. Айнӣ*).

Ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа пеш аз сарҷумла, дар мобайн ва баъд аз он воқеъ мегардад:

**а) пеш аз сарҷумла:** Ба андозае ки шумо пеш меравед, ҷӯйча ҳам фарохтар ва обаш равонтар мешавад (*С. Айнӣ*).

**б) дар мобайни сарҷумла:** Бачаҳо, чи қадаре ки дилашон хоҳад, бозӣ ва даводав мекарданд (*С. Улуғзода*).

**в) баъд аз сарҷумла:** Домулло аз хушнудии чандтарафа чандон хандид, ки ҳаққичоқ гирифта, ба балои печутобхӯрӣ гирифтор шуда монд (*Р. Ҷалил*).

**Машқи 65.** Ҷумлаҳоро хонед, сарҷумла ва ҷумлаҳои пайрави миқдору дараҷаро нишон дода, воситаҳои алоқаи онҳоро муайян кунед.

1. Охир кори он бой ба дараҷае расидааст, ки касе хизматгорӣ ва ятимии ӯро қабул намекардагӣ шудааст (*С. Айнӣ*). 2. Чӣ қадар ки ҳозир моҳона гиред, ин се моҳ ҳам мегиред (*Р. Ҷалил*). 3. Ашкҳои шодӣ сару рӯйи Одинаро тар мекарданд, ба андозае ки гоҳ-гоҳ бо остин пок кардани сару рӯйаш даркор мешуд (*С. Айнӣ*). 4. Ба дараҷае хира, ки ҳар кас танҳо тарҳи ҷуссаи худро шинохта метавонаду бас (*Ф. Муҳаммадиев*). 5. Ҳар қадар ки сарҳои ҷувориро бисёртар шикаста мегирифтем, ҷуворипояҳо ҳам ҳамон қадар борону шамолногузар мешуд (*С. Айнӣ*). 6. То ба ҳадде ибодат мекард, ки ба ҳоли ӯ раҳми Иброҳимҷон меомад (*Ф. Муҳаммадиев*). 7. Ҳар чи қадар ки мошина бештар роҳ мепаймуд, ҳамон қадар хаёли ӯ ба дуриҳо парвоз мекард (*Ф. Ниёзӣ*).

**Машқи 66.** Ҷумлаҳоро нависед, сарҷумла, ҷумлаи пайрав ва воситаҳои алоқаи онҳоро муайян карда, мавриди гузориши аломати вергулро шарҳ диҳед.

1. Душманро, ба андозае ки сар бардошта натавонад, мезаданд ва маҳв мекарданд (*С. Айнӣ*). 2. Ба шумо росташро гӯям, ман ҳар қадар ки зиёд фикр мекардам, ҳамон қадар ба худ ҳиҷолат мекашидам (*С. Улуғзода*). 3. Ман аз тарси ғалтидан ҳар қадар ки ба ёли вай сахттар мечаспидам, динг-динги вай ҳам ҳамон қадар зиёдтар мешуд (*С. Айнӣ*). 4. Ҳаво чунон шаффоф буд, ки роҳи калон бо дарахтони ҳар ду канораш қатор саф кашида то дур намоён буд (*С. Улуғзода*). 5. Миршаб ба тарафи дарвозаи арк нигоҳ карда, ба дараҷае ки қариб буд сараш ба замин расад, хам шуда се бор таъзим кард (*С. Айнӣ*). 6. То пур шудани истакон қанд меандозам, ба ҳадде ки чойаш рехта меравад... (*С. Айнӣ*). 7. Ҳар қадар ки пунбадона бештар хоида шавад, ҳамон қадар ҳам пахта тоза ва бобаракаттар мешавад (*С. Айнӣ*).

**Машқи 67.** Аз даруни қавсайн пайвандакҳои мувофиқро интихоб кунед, онҳоро ба ҷойи сенуқтаҳо гузошта ҷумлаҳоро навишта гиред.

1. Бо таъсири борони дирӯза дар регзор чунон бисёр занбӯруғ рӯйидааст, ... ҷувол-ҷувол чидан мумкин аст (*С. Айнӣ*). 2. Ҳуҷҷат... муҳим бошад, ҳамон қадар дилгиркунанда ҳам буд (*С. Улуғзода*). 3. Ман танҳо монам, бисёр дилтанг мешавам, ... коре ва фикре карда наметавонам (*С. Айнӣ*). 4. Шаб... торик бошад, ситораҳо ҳамон қадар равшан медурахшанд (*Ф. Ниёзӣ*). 5. Одамон ба қадри имкон худро канор кашида роҳро, ... як савор гузашта метавонист, кушоданд (*С. Айнӣ*). 6. ... фикру хаёл мекардам, ҳамон қадар дилам

хунук мешуд (*П. Толис*). 7. Ӯ ҷаву бедаро ба қадре талаб кард, ... дар як сол ба як асп расад (*С. Айнӣ*).

(*то ҳадде ки, ҳар қадар ки, ки, ба ҳадде ки, чи қадар ки, ба қадре ки, чи андоза ки*)

**Машқи 68.** Бо ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа 5 ҷумлаи мураккаб тартиб диҳед, ки дар онҳо пайвандакҳои ки, ба андозае ки, ба дараҷае ки, ба ҳадде ки, ҳар қадар ки истифода шуда бошанд.

## § 15. Ҷумлаи пайрави монандӣ

Ҷумлаҳоро хонед, сарҷумла, ҷумлаи пайрав ва воситаи алоқаи онҳоро муайян кунед. Гӯед, ки ҷумлаҳои пайрав амали сарҷумларо бо кадом роҳ шарҳ додаанд.

1. Боқимонда шаш нафар ба ман чунон муомила мекарданд, ки гӯё ман ғуломи падари онҳо бошам (*С. Айнӣ*). 2. Монанди он ки касе аз сарашон оби хунук рехта бошад, ҳамагӣ хомӯш шуданд (*Ҳ. Карим*). 3. Бибиоиша худро ба Ибод чунон намуд, ки гӯё то ҳол Одинаро ба хонаи хӯҷаинаш рафта мепиндошт (*С. Айнӣ*). 4. Ман ин корҳоро, ба тарзе ки гурба ҳаракати мушро пояд, поида меистодам (*С. Айнӣ*).

**Ҷумлаи пайрави монандӣ амалу ҳолати сарҷумларо ба таври қиёс ё монандкунӣ шарҳ дода, ба саволҳои *чӣ тавр? чӣ хел?* ҷавоб мешавад.**

Ҷумлаи пайрави монандӣ ба воситаи пайвандакҳои ***ки, монанди он ки (ин ки), чунон ки, мисли он ки (ин ки), ҳамчунон ки, гӯё, гӯё ки*** ба сарҷумла вобаста мешавад. Масалан, дар ҷумлаи «*Зебӣ чунон ғамгин шуд, ки гӯё мусибате ба сараш омада бошад*» ҷумлаи пайрави монандӣ (*гӯё мусибате ба сараш омада бошад*) амали сарҷумла (*Зебӣ чунон ғамгин шуд*)-ро ба тарзи монандкунӣ эзоҳ додааст.

Ҷумлаи пайрави монандӣ пеш аз сарҷумла, дар мобайн ва баъд аз он воқеъ мегардад:

**а) пеш аз сарҷумла:** Мисли он ки пешакӣ маслиҳат карда бошем, ҳама баробар ба рӯйи ҷогаҳи худ хеста нишаста, ба пӯшидани сарулибоси худ сар кардем (*Р. Ҷалил*).

**б) дар мобайни сарҷумла:** Аз даруни хуҷра садои қисир-қисире, монанди он ки муш чизеро мехоида бошад, шунида шуд (*С. Айнӣ*).

**в) баъд аз сарҷумла:** Тамоми шаб аҷоиботи ҳамон тарафҳоро таърифу тавсиф карда баромад, гӯё ба ман мефурӯхта бошад (*Р. Ҷалил*).

**Машқи 69.** Ҷумлаҳоро хонед, сарҷумлаю ҷумлаи пайравро муайян карда, воситаҳои алоқаи онҳоро нишон диҳед ва мавриди истифодаи аломати вергулро шарҳ диҳед.

1. Ӯ дар ин расм айнан худро, чунон ки дар оби софи оинамонанди чашма медид, дида аз хушнудӣ лабонашро ғундошта наметавонист (*Р. Ҷалил*). 2. Соҳибхона, монанди он ки танҳо бошад, ба кори таълиф машғулӣ мекард (*С. Айнӣ*). 3. Мисли он ки сухан аз тақдири шахси шинос, ҳатто наздике мерафта бошад, ӯ ба давоми гапи Носир Аббос мунтазир шуд (*Ф. Муҳаммадиев*). 4. Гӯё қадамашро мешумурда бошад, хеле оҳиста роҳ мегардад (*Ф. Муҳаммадиев*). 5. Ӯ бо ин гуна фикру мулоҳизаҳо, ҳамчунон ки худаш ташвиш намекашид, ба ташвишкашии дигарон ҳам роҳ намедод (*С. Айнӣ*). 6. Рус ба рӯйи Восеъ, мисле ки ӯро пеш аз ин дар куҷо дидани худо ба ёд меоварда бошад, бо диққати бештаре нигоҳ мекард (С.Улуғзода).

**Машқи 70.** Ҷумлаҳоро нависед, сарҷумла, ҷумлаи пайрав ва воситаҳои алоқаи онҳоро нишон диҳед. Ҷойи ҷумлаи пайравро муайян кунед.

1. Гӯё ки ба хоҳиши ман бо инодкории харона ҷавоб медода бошад, бо поҳои пасу пешаш хоки роҳро ба ҳар тараф ба пош додан даромад (*С. Айнӣ*). 2. Муддате дар атрофам ғун шуда, чунон ки ҷисми аз осмон афтодаро тамошо мекунанд, ба андом, сарулибос, фотоаппарати ман бо мароқ менигаристанд (*Ф. Муҳаммадиев*). 3. Худро чунон нишон додам, ки гӯё ҳамаи он суханҳоро бовар кардам (*С. Айнӣ*). 4. Ҳамчунон ки ҷӯйи калон дар роҳ бо ҳамроҳ шудани оби ҷӯйчаҳои бисёре ба дарё табдил мешавад, анбӯҳи одамон торафт зиёдтар мешуд (*Р. Ҷалил*). 5. Нақшҳои кандакории вай чунон нозук ва хушнамо буданд, ки гӯё наққошони забардаст бо қалами мӯйин дар коғаз он нақшҳоро кашида бошанд (*С. Айнӣ*). 6. Сурайё мисли он ки зарбаи сахте хӯрда бошад, беҳол шуду ба рӯйи кундаи дарахте нишаста монд (*Ҷ. Икромӣ*). 7. Асп, чунон ки ӯро вараҷа сахт гирифта бошад, барги бедвор меларзид (*С. Айнӣ*).

**Машқи 71**. Ҷумлаҳои мураккабро бо тартиби зерин навишта гиред: а) бо ҷумлаи пайрави тарзи амал; б) бо ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа; в) бо ҷумлаи пайрави монандӣ.

1. Монанди он ки бузеро аз тӯдаи кӯбкорӣ бароварда ба гӯшае андозанд, шахсеро ба даруни обхона ҳаво доданд (*С. Айнӣ*). 2. Сафҳаи осмон ба дараҷае пӯшида шуд, ки дар кадомин тараф будани Офтобро ҳатто тахминӣ пай бурдан ҳам мушкил буд (*Ф. Муҳаммадиев*). 3. Бе он ки ба амир аризаи истеъфо диҳад, намоишкорона қозигии Ғиждувонро партофта ба Бухоро ба хонаи худ рафт (*С. Айнӣ*). 4. Акнун баданам, монанди он ки дар танӯри пуроташ андохта бошанд, месӯхт (*С. Айнӣ*). 5. Ҳаво чи қадар дим бошад, аз паси вай ҳамон қадар борони сахт мешавад (*Ф. Ниёзӣ*). 6. Он ҷавон дартоз ба работ даромада рафту бозгашта, дар ҳолате ки дар дасташ косаи об буд, омада косаро ба пеши ман дошт (*С. Айнӣ*).

**Машқи 72.** Аз ҷумлаҳои дар қавсайн додашуда мувофиқашро интихоб карда, ҷумлаҳои мураккабро пурра кунед ва ба зери ҷумлаи пайрави монандӣ хат кашед.

1. Ӯ худро чунон нишон дод, ки ...
2. Абрҳои тира бо ҳар тараф довутоз мекарданд, ...
3. То имрӯз чи тавре ки зиндагонӣ карда бошем, ...
4. Гӯё қадамашро мешуморида бошад, ....

(*Ҳамин тавр зиндагӣ кардан мегирем, гӯё аз кирдори ногувори худ шарм дошта, ба худ ҷойи гурез меҷустанд, аз ояндагон хабаре надорад, хеле оҳиста роҳ мегардад*).

## § 16. Ҷумлаи пайрави замон

Ҷумлаҳоро хонед, сарҷумла ва ҷумлаи пайрави онҳоро ёбед ва муносибати замонии дар байни сарҷумла ва ҷумлаи пайрав ифодашударо муайян карда, пайвандакҳои истифодашударо нишон диҳед.

1. Вақте ки бойзанак аз хонаи Соро баромада мерафт, аз он ҷо танҳо гиряи писарча шунида мешуд (*С. Айнӣ*). 2. Бехи ҷуворимакка пеш аз он ки сӯхта даргирад, соате дуд мекард (*С. Улуғзода*). 3. Чун аз дарвоза даромадам, Қутбия дар роҳрав ба ман рӯ ба рӯ омад (*С. Айнӣ*).

**Ҷумлаи пайрави замон айёми воқеъ гардидани амали сарҷумларо ифода мекунад ва ба саволҳои *кай? аз кай? то кай? кай боз?* ҷавоб мешавад.**

∆ Ҷумлаи пайрави замон ба сарҷумла ба воситаи пайвандакҳои ***ки, вақте ки, ҳангоме ки, аз бозе ки, дар баробари ин ки (он ки), даме ки, пас аз он ки, пеш аз он ки, чун, ҳамин ки, замоне ки*** вобаста мегардад.

**Масалан**, дар ҷумлаи «*Ҳангоме ки нурҳои Офтоб бар болои оби шаршара медурахшанд, камонаки аҷибе ба амал меояд*» ҷумлаи пайрави замон — «*нурҳои Офтоб бар болои оби шаршара медурахшанд*» ба сарҷумла — «*камонаки аҷибе ба амал меояд*» ба воситаи пайвандаки «*ҳангоме ки*» вобаста шудааст.

Ҷумлаи пайрави замон бар эзоҳи калима ва таркибҳои ҳамнисбат (*вақте, замоне, ҳангоме, дар он вақт, ҳамон вақт, он дам, ҳанӯз*) меояд. Дар ин гуна мавридҳо ҷумлаи пайрави замон бо сарҷумла тавассути пайвандаки «**ки**» алоқаманд мегардад.

**Мисол**: Ӯ то вақте шердил аст, ки соҳиби хона бехабар бошад (*С. Улуғзода*). Ҳасан ҳанӯз ба ман даст дароз накарда буд, ки якчанд қадам дуртар аз онҳо аз болои як дарахти гуҷуми сархушкшуда овози ноформи чуғзак шунида шуд (*С. Айнӣ*).

Дар байни ҷумлаҳои пайрави замон ва сарҷумла тавассути пайвандакҳо ва мутобиқати шаклҳои феъл муносибатҳои гуногуни замонӣ ифода мегарданд:

**1. Муносибати ҳамзамонӣ:** Вақте ки ӯ чашмони худро нимпӯш карда, хомӯш истода хат менавишт, риши ӯ ба ман аҷиб менамуд (*С. Айнӣ*).

**2. Муносибати гуногунзамонӣ:**

**а) амали ҷумлаи пайрави замон пеш аз амали сарҷумла ба вуқӯъ меояд:** Вақте ки ӯ ба музди кораш ба ҷойи ғалла аз бой бист танга гирифта ба шаҳр баргашт, худро тамом тандуруст ҳисоб мекард (*С. Улуғзода*).

**б) амали ҷумлаи пайрави замон пас аз амали сарҷумла воқеъ мегардад:** Қорӣ-Ишкамба вақте ба бинои банк расид, ки ходимони он ҷо сандуқ ва халтаҳои нақдинаашонро гирифта, ба Когон рафта буданд (*С. Айнӣ*).

Ҷумлаи пайрави замон метавонад пеш ва баъд аз сарҷумла, гоҳо дар мобайни он воқеъ гардад:

**а) пеш аз сарҷумла:** Чун бой дар Бойсун ва Шеробод дурӯзӣ таваққуф кард, Восеъ зиқ шуда аз галабонии худ изҳори пушаймонӣ менамуд (*С. Улуғзода*).

**б) баъд аз сарҷумла:** Мардумонашро қатли ом мекунам, то даме ки хок ғарқи хун шавад (*С. Улуғзода*).

**в) дар мобайни сарҷумла:** Латифҷон-махдум одами баландқомат, сафедрӯй, мешчашм, хурмоириш буда, дар вақте ки ман ба хизмати ӯ даромадам, 27 сол умр дошт (*С. Айнӣ*).

**Машқи 73.** Ҷумлаҳои мураккаби зеринро хонед, ҷумлаҳои пайрави замонро ёфта, ҷойи онҳоро шарҳ диҳед ва муайян кунед, ки ҷумлаҳои пайрав ба воситаи кадом пайвандакҳо ба сарҷумла вобаста шудаанд.

1. Вақте ки дар маҷлисҳо баромада сухан мекунад, мардум бо ҳаяҷон ба суханонаш гӯш меандозанд (*Р. Ҷалил*). 2. Дар кӯҳистони тоҷикон, аз бозе ки таърих нишон медиҳад, бисёр зулм ва бедодиҳо ба кор рафт, бисёр хонаводаҳо парешон шуд (*С. Айнӣ*). 3. Чун аз дарвоза даромадам, Қутбия дар роҳрав ба ман рӯ ба рӯ омад (*Ҷ. Икромӣ*). 4. Комил, пеш аз он ки бо ҷӯрааш Акрам видоъ кунад, ба гӯши вай пичирросзанон чизе гуфт (*А. Деҳотӣ*). 5. Пас аз он ки рӯмолчаашро бароварда, чашмонашро пок кард, сухани худро давом дод (*С. Айнӣ*).

**Машқи 74.** Ҷумлаҳои мураккаби зеринро навишта, муносибатҳои маъноии сарҷумла ва ҷумлаҳои пайрави замонро муайян кунед. Гӯед, ки ҷумлаҳои пайрав бо сарҷумла ба воситаи кадом пайвандакҳо вобаста гаштаанд.

1. Акнун ки аввал қарзҳоро кандан лозим аст, ҳамон биринҷро кор фармудан мегирем (*С. Айнӣ*). 2. Дар вақти зарурӣ, вақте ки вай ба сари пулемёт менишаст, душманро алаф барин медаравид (*Р. Ҷалил*). 3. Ҳар гоҳ ки модарам хӯрок мепухт, ман аз он хӯрок як коса ба ҳамқишлоқиёни худ бурда медодам (*С. Улуғзода*). 4. Мо, пеш аз он ки қозикалон шеърҳои Ҳайратро аз мо талаб кунад, ин воқеаро шунида будем (*С. Айнӣ.*) 5. Ҳамин ки ҳар ду нимаи майдонро тай карданд, Рустам ҷилави хари худро сар дода овоз дод (*С. Айнӣ*). 6. Ҳар боре ки аз пеши хонаи матбуот мегузашт, ба ёдаш мерасид... (*Ф. Муҳаммадиев*). 7. Вай ҳар гоҳ ки дар сари ягон кор дудила шуда ба андеша меафтод, ҳамин тавр мекард (*С. Улуғзода*).

**Машқи 75.** Ба ҷойи сенуқтаҳо ҷумлаҳои соддаи мувофиқ гузошта, ҷумлаҳои мураккабро пурра карда нависед ва ҷумлаҳои иловакардаатонро шарҳ диҳед.

1. Ҳар гоҳ ки албоми суратҳоро аз назар мегузаронидам, ... . 2. Вақте ки рақси Малика ба охир расид, ... . 3. Аз он даме ки мошинҳои пахтачинӣ ихтироъ шуданд, ... . 4. Мо, пас аз он ки..., якҷоя ба кори саҳро баромадем. 5. Ман дарс тайёр карда истода будам, ки ... . 6. Корро, ки

дар вақташ иҷро накардед, ... . 7. Ҳамин ки садои найи чӯпонӣ шунида шуд ... .

**Машқи 76.** Ҷумлаҳои мураккаби тобеъро нависед, хелҳои ҷумлаи пайравро муайян кунед.

1. Борон, чунон ки аз чандин ҳазор сатил ба якбора об мерехта бошад, бошиддат меборид. 2. Ҳар қадар Ятим аз вай дуртар мерафт, пеши чашми ӯ торикtar мешуд (*С. Айнӣ*). 3. Вақте ки Лола ба кишлоқи худ баргашт, ӯро техник таъин карданд (*Ҷ. Икромӣ*). 4. Ҳанӯз ғазалхонӣ ба поён нарасида буд, ки як гурӯҳ ҷавонон даромада омаданд.

5. Ба обу ранги нав Бедил чу омад дар ҷаҳони назм,
Аз ӯ ҳусни дигар омӯхт боғу бӯстони назм.

*М. Турсунзода*

## § 17. Ҷумлаи пайрави макон

Ҷумлаи мураккабро хонед, сарҷумла ва ҷумлаи пайрави онҳоро муайян кунед. Гӯед, ки ҷумлаҳои пайрав ба кадом саволҳо ҷавоб медиҳанд ва бо кадом пайвандакҳо ба сарҷумла вобаста шудаанд.

1. Ин Рахши маро ба ҷойе банд, ки сараш нишебу сағрааш баланд набошад (*Ҷ. Икромӣ*). 2. Вай дар ҷойе пинҳон шудааст, ки сарбозон чил сол кобанд ҳам, ёфта наметавонанд (*С. Улуғзода*). 3. Дар ҷойе ки ман нишаста будам, қозии пиракӣ менамуд. 4. Дар ҷойе ки зулму ситам ҳаст, он ҷо хароб мешавад (*С. Айнӣ*).

**Ҷумлаи пайрави макон ҷою макони воқеъ шудани амалу ҳолати сарҷумларо эзоҳ медиҳад ва ба саволҳои *куҷо? аз куҷо? дар куҷо? ба куҷо?* ҷавоб мешавад.**

Ҷумлаи пайрави макон ба воситаи пайвандакҳои *ки, ҷойе ки, ба ҷойе ки, то ҷойе ки, дар ҷойе ки, дар куҷо ки* ба сарҷумла вобаста мешавад. Баъзан таркибҳои ҳамнисбати *он ҷо, дар он ҷо, дар ҷойе* ва ғайра дар дохили сарҷумла ба вазифаи ҳоли макон омада, ба пайвандакҳо мусоидат менамоянд. Чунончи, дар ҷумлаи «*Дар ҷойе ки интизом ҳаст, дар он ҷо кор пеш меравад*» ҷумлаи пайрави макон (*дар ҷойе ки интизом ҳаст*) ҷойи иҷрои амали сарҷумлаи (*дар он ҷо кор пеш меравад*)-ро нишон дода, тавассути пайвандаки «*дар ҷойе ки*» ва таркиби ҳамнисбати «*дар он ҷо*» ба сарҷумла алоқаманд гаштааст.

Ҷойи ҷумлаи пайрави макон нисбат ба сарҷумла ба тариқи зайл аст:

**а) пеш аз сарҷумла:** Он ҷо ки намак хӯрдӣ, намакдон нашикан (*Зарб.*).

**б) баъд аз сарҷумла:** Дар ҷойе бимирад, ки аз дашноми душман ва таънаи дӯст дуртар бошад (*С. Айнӣ*).

**в) дар мобайни сарҷумла:** Гурӯҳе, ба ҷойе ки Азимшоҳ истода буд, расида омаданд (*С. Айнӣ*).

**Машқи 77.** Ҷумлаҳои зеринро хонед, ҷумлаҳои пайрави маконро ёфта, ҷойи онҳоро муайян кунед. Гӯед, ки ҷумлаҳои пайрав ба воситаи кадом пайвандакҳо ба сарҷумла вобаста гаштаанд.

1. Дар ҷое ки об ҳаст, дар он ҷо ҳаёт месабзад (*Ҷ. Икромӣ*). 2. Ҳар ҷо ки илму дониш бошад, манзили ман ҳамон аст (*С. Улуғзода*). 3. Онҳо ба куҷое ки мерафтанд, он ҷоро обод мекарданд (*Ҷ. Икромӣ*). 4. Мо дар куҷо ки бошем, дар он ҷо кор меҷӯшад (*Р. Ҷалил*). 5. Пойи саркор дар куҷое ки бошад, пойи мо ҳам ба ҳамон ҷо нарасида намемонад (*Ф. Ниёзӣ*). 6. То ҷое ки тасмаи узангу мерасид, худро пас кашидам (*С. Айнӣ*). 7. Ба куҷое ки фармоед, ба дилу ҷон меравам (*Р. Ҷалил*).

**Машқи 78.** Ҷумлаҳоро нависед, сарҷумла ва ҷумлаи пайрави маконро муайян кунед. Ҷойи ҷумлаи пайравро нишон диҳед. Воситаи алоқаи ҷумлаи пайрави маконро бо сарҷумла гӯед.

1. Пештар, ба ҷойе ки газета хонда истода бошанд, ҳеҷ наздик намешуд (*С. Айнӣ*). 2. Сайёра моро ба ҷойе овард, ки як гурӯҳ колхозчиҳо дар таги айвон гулханчае афрӯхта, ҳалқа гирифта менишастанд (*Ф. Муҳаммадиев*). 3. Пасояндагон дар куҷойе ки ҷойе ёбанд, майдони Регистонро пур карда менишастанд (*С. Айнӣ*). 4. Баъд аз андак қадам задан назарам ба ҷойе афтод, ки сангчаҳои сафедро моҳирона чида, калимаи «муҳаббат» навишта шуда буд (*А. Шукӯҳӣ*). 5. Ба куҷойе ки равӣ, ҷойи худат, хонаи худат (*С. Улуғзода*). 6. Балки ба замми ин ба ҷойе роҳ меёбад, ки дар он ҷо бо паризодагон умр ба сар мебарад (*С. Айнӣ*).

**Машқи 79.** Ҷумлаҳоро нависед, аломати китобати онҳоро гузоред ва гӯед, ки ҷумлаҳои пайрав ба кадом саволҳо ҷавоб мешаванд.

1. Душвории кор дар ин ҷо буд ки дар он ҷо чим ва лойи шитта набуд (*С. Айнӣ*). 2. Улоқнӯён... аз канори об дуртар дар ҷойе ки тири дарёгарди Темурмалик ба он ҷо намерасид рафта манзил кард

(*С. Айнӣ*). 3. Табиб ҳам намозро тамом карда омада бори дигар аз Холбӯта ҳолпурсӣ карда ба ҷойе ки нишон дода буданд гузашта нишаст (*Р. Ҷалил*). 4. ....одамони ӯ як барраи ширбози фарбеҳро ба наздики суфа оварда дар ҷойе ки чашми ноиб меафтод сар буриданд (*С. Айнӣ*). 5. Онҳо роҳ гашта чакалакро миёнбур карда ба ҷойе баромаданд ки он ҷо дашти васеъ сар мешуд ва даромадгоҳи қишлоқ намоён мегардид (*Р. Ҷалил*).

**Машқи 80.** Панҷ ҷумлаи мураккаби тобеъ тартиб диҳед, ки ҷумлаи пайрави макон дошта бошанд. Онҳоро таҳлили наҳвӣ кунед.

## § 18. Ҷумлаи пайрави сабаб

Ҷумлаҳои зеринро мушоҳида кунед, сарҷумла ва ҷумлаи пайравашонро ёбед. Ҷойи ҷумлаи пайравро муайян кунед ва гӯед, ки ҷумлаҳои пайрав бо кадом пайвандакҳо ба сарҷумла вобаста шудаанд.

1. Азбаски худам розӣ шудам, падарам ҳам монеъ нашуд. 2. Аммо ширбиринҷ мепазем нагӯй, ки биринҷи паст медиҳад (*С. Айнӣ*). 3. Модом ки вай бо ту будан мехоҳад, ту бояд дар наздаш бошӣ. 4. Аз гапи вай ба дилам воҳима афтод, зеро ки дар деҳаи Шоён мактаби нав набуд (*С. Улуғзода*).

**Ҷумлаи пайрави сабаб сабаби воқеъ гардидани амалу ҳолати сарҷумларо ифода карда, ба саволҳои *чаро? барои чӣ? аз чӣ сабаб?* ҷавоб мешавад.**

Ҷумлаҳои пайрави сабаб ба воситаи пайвандакҳои ***ки, чунки, чун, зеро, зеро ки, азбаски, чунон ки, барои ин (он) ки, бинобар ин (он) ки, модом ки, ба сабаби ин (он) ки, чаро ки*** ба сарҷумла алоқаманд мешаванд. Ҷумлаи пайрави сабаб аз сарҷумла бо аломати вергул ҷудо карда мешавад. Масалан, дар ҷумлаи «*Ман ин амалро барои он тарк накарда гаштаам, ки писарам аспро дӯст медорад*» ҷумлаи пайрави сабаб (*писарам аспро дӯст медорад*) сабаби воқеъ гардидани амали сарҷумла (*ман ин амалро барои он тарк накарда гаштаам*)-ро эзоҳ медиҳад. Дар ин ҷумла воситаи алоқаи ҷумлаи пайрав бо сарҷумла пайвандаки «**ки**» мебошад.

Ҷумлаи пайрави сабаб асосан пеш аз сарҷумла ва баъд аз он меояд, гоҳо дар мобайни сарҷумла низ воқеъ мегардад:

**а) пеш аз сарҷумла:** Чун тойча монанди шаби торик сип-сиёҳ буд, пирамард номи вайро Шабранг мемонад (*С. Улуғзода*).

**б) баъд аз сарҷумла:** Ман тарсида қадамамро тезтар мондам, зеро ки онҳоро оворагард ва дузд гумон карда будам (*С. Айнӣ*).

**в) дар мобайни сарҷумла:** Духтарча, ки дар гирду пеши худ модарашро наёфт, ба гиря даромад (*С. Айнӣ*).

**Машқи 81.** Ҷумлаҳоро хонед, сарҷумла ва ҷумлаи пайрави онҳоро муайян карда, воситаҳои алоқаашонро шарҳ диҳед. Гӯед, ки ҷумлаи пайрав ба кадом савол ҷавоб мешавад.

1. Азбаски Муқим мутахассиси донишманд буд, дар байни ҳамкоронаш обрӯйи калон дошт. 2. Барои ин ки шеърҳоро бо санъати баланд хондед, ман китобамро ба шумо тӯҳфа мекунам. 3. Аз он гапҳои ҳамшира вай чизе намефаҳмид, зеро ки тамоми хаёлоти ӯ фақат дар як нуқтаи муҳим банд буд (*Ҳ. Карим*). 4. Чун дар он ҷо кори ман пеш нарафт, маро ба мактаби духтарона дод (*С. Айнӣ*). 5. Сафарро изтиробу ҳаяҷон фаро гирифт, чунки ин якумин тақдирёбии ӯ дар назди ҳамаи ҳайати шахсии қисм буд (*Ф. Ниёзӣ*). 6. Азбаски дар ин ҷоҳо ҳозир об баровардан мумкин нест, ба кишти лалмӣ маҷбур шудем (*С. Айнӣ*). 7. Сабза ва сербаргаҳои ин чорбоғ, ба сабаби ин ки рӯзе ду бор бо обпошакҳо ба болояшон об пошида мешуд, сабзу хуррам буданд (*С. Айнӣ*).

**Машқи 82.** Ҷумлаҳоро нависед, аломатҳои китобатро гузоред ва ба зери пайвандакҳо хат кашед. Ҷумлаи якумро таҳлили наҳвӣ кунед.

1. Ҳазрати Наримон беҳуда исрор мекард зеро касе ба ӯ эътироз ҳам карданӣ набуд (*Ф. Муҳаммадиев*). 2. Аҳли маҷлис маро намешинохтанд зеро ки ман ба ин район фақат ду рӯз аз ин пеш омада будам (*Ҳ. Карим*). 3. Азбаски замини ин ҷӯйча ба сангрезаҳои паррадор фарш ёфтааст об монанди як занҷири симин ҳалқаҳои нафис намоён карда бо ҷастухези нозукона пасту баланд шуда меравад (*С. Айнӣ*). 4. Мо давон-давон ба тарафи хона равон шудем ки рӯз хеле бевақт шуда буд (*С. Айнӣ*). 5. Ҳамсоя ки нест кас дар ин гуна мавридҳо душворӣ мекашад (*С. Улуғзода*).

**Машқи 83.** Аз пайвандакҳои дар қавсайн додашуда пайвандакҳои мувофиқашро интихоб кунед ва онҳоро ба ҷойи сенуқтаҳо гузошта, ҷумлаҳоро навишта гиред. Ҷойи ҷумлаҳои пайравро низ муайян кунед.

1. ... шавҳараш ин ҷо посбонӣ мекунад, ба ӯ ин туфангро додаанд (*Ф. Муҳаммадиев*). 2. Соле як бор ба сайри лола баромадан даркор, ... вай

ҳамаи рутубати зимистонро аз аъзои бадани одам рӯфта мепартояд (*Р. Ҷалил*). 3. Пас аз лабшон зада шудани ин замин рошҳои замини хирманҷойро баланд кун, ... хирмонҷой сахт мешавад (*С. Айнӣ*). 4. Бой ... ба тарафи Қаршӣ сафар карда буд, ҳавлии берун хомӯш ва ором меистод (*Ҷ. Икромӣ*). 5. ... ба корҳои тиҷоратиаш шикаст рӯй додааст, ба фурӯхтани ин ҳуҷра маҷбур шудааст (*С. Айнӣ*). 6. Базми доирагиро, ... овози доира монанди шикастани сафолҳо ба гӯш мерасид, дар Бухоро сафолак ҳам мегуфтанд (*С. Айнӣ*).

(*ба сабаби он ки, азбаски, чун, чаро ки, ки*).

## § 19. Ҷумлаи пайрави мақсад

Ҷумлаҳои мураккаби ҳар ду сутунро мушоҳида кунед. Сарҷумла ва ҷумлаи пайрави онҳоро ёфта, воситаи алоқаашонро нишон диҳед. Вазифаи ҷумлаҳои пайрави ҷумлаҳои мураккаби ҳар ду сутунро муайян карда, тафовути онҳоро гӯед.

1. Барои ин ки ҳайвоноти раҳгузар киштзорҳоро помол накунанд, аз ин материали фаровони маҳаллӣ дар гирди аксарияти онҳо девор кашиданд (*А. Деҳотӣ*).

2. Маҳз барои он ки рӯзаш бе шогирду бе шарик гузарад, кимчӣ гуна дастгоҳҳо, усулҳо ёфта мебаровард (*Ф. Муҳаммадиев*).

3. Модарам одатан хурмаи шинниии рамазониро ба девори хона, ба мехи қадрас овехта мемонд, ки мӯрча зер накунад (*С. Айнӣ*).

1. Дар он ҷо аҳволам хуб буд, барои ин ки ман дар он ҷо ҳафтае се шаб бо аҳли илм ва адабиёт ҳамсӯҳбат мешудам (*С. Айнӣ*).

2. Лекин барои он ки ҳамон рӯз маро аз кушта шудан халос кардед, ман то абад аз шумо миннатдорам (*Ҳ. Карим*).

3. Лекин ёру ошноҳои мудир ба пой хеста ғавғо бардоштанд, ки Носир Аббос зулму тааддӣ мекунад (*Ф. Муҳаммадиев*).

**Ҷумлаи пайрави мақсад мақсади воқеъ гардидани амали сарҷумларо ифода менамояд ва ба саволҳои *барои чӣ? ба чӣ мақсад? ба кадом мақсад?* ҷавоб мешавад.**

Ҷумлаи пайрави мақсад ба воситаи пайвандакҳои ***ки, то, то ки, то ин ки, барои он (ин) ки, ба мақсади он (ин) ки*** ба сарҷумла вобаста мешавад. Дар байни ҷумлаҳои соддаи ҷумлаи мураккаби

тобеъ бо ҷумлаи пайрави мақсад аломати вергул (**,**) гузошта мешавад. Чунончи, дар ҷумлаи *«Барои он ки аз ман гумони бад накунанд, имшаб ба шаҳр рафтанӣ шудам»* ҷумлаи пайрави мақсад (*барои он ки аз ман гумони бад накунанд*) мақсад ва нияти амали сарҷумла (*имшаб ба шаҳр рафтанӣ шудам*)-ро ифода менамояд. Дар ин ҷумлаи мураккаб ҷумлаи пайрав ба сарҷумла тавассути пайвандаки *«барои он ки»* алоқаманд гаштааст.

Ҷойи ҷумлаи пайрави мақсад нисбат ба сарҷумла ба тариқи зайл аст:

**а) пеш аз сарҷумла:** Барои он ки ниҳолҳои анҷиру анор аз сармо эмин монанд, онҳоро аввали зимистон хокпӯш мекунанд.

**б) дар мобайни сарҷумла:** Муҳаббат, барои он ки духтарчааш бедор нашавад, оҳиста гап мезад (*Ҷ. Икромӣ*).

**в) баъд аз сарҷумла:** Фавран аз асп фаромада, ба тарафи ӯ давид, то ки бо дӯсти деринаи худ мулоқоти гарму ҷӯшон кунад (*С. Айнӣ*). Ӯ омада буд, ки раисро огоҳ кунад (*С. Улуғзода*).

**Машқи 84.** Ҷумлаҳои зеринро хонед, сарҷумла ва ҷумлаҳои пайрави онҳоро муайян карда, воситаи алоқаи ҷумлаҳои соддаи онҳоро нишон диҳед. Гӯед, ки ҷумлаҳои пайрави онҳо ба кадом саволҳо ҷавоб мешаванд.

1. Гӯё табиат бо камоли ҳавсала чун намунаи гулдастаи худ духтаре офаридааст, то ба ҳунармандии ӯ тан бидиҳанд (*Р. Ҷалил*). 2. Баҳринисо сарашро ба тарафи дигар тофт, то ин ки ӯро боз набинад (*Р. Ҷалил*). 3. Ҷӯра, бо мақсади ин ки ба саволҳои марди савора ҷавобҳои равшан диҳад, аввало хуб фикру мулоҳиза мекард (*Р. Ҷалил*). 4. Барои он ки Мухтор аз хоб бедор нашавад, ман сарамро ба кӯрпа печонда бесадо мегиристам (*С. Улуғзода*). 5. Ана, ман шуморо имрӯз маҳз барои ҳамин ба ин ҷо овардам, ки бо чашмони худатон бинеду илоҷашро ёбед, ҷон бародар (*Р. Ҷалил*). 6. Онҳо бо кӯрпаву болин, дегу табақи худ омада, шабу рӯз ин ҷо истиқомат мекунанд, то ки бачаҳои худро ба рӯйхати мактаб нависонанд (*Ф. Муҳаммадиев*). 7. Бо мақсади он ки кӣ будани ҳамин занро бидонам, ба ӯ якчанд саволҳои озмоишкорона додам (*Ҳ. Карим*).

**Машқи 85.** Ба сарҷумлаҳои зерин ҷумлаҳои пайрави мувофиқро илова карда нависед. Гӯед, ки иловаатон чӣ гуна ҷумлаи пайрав аст, чиро ифода мекунад ва ба кадом савол ҷавоб мешавад.

**Намуна:** Деҳқонон зимистон ҷӯйҳоро кофта тоза мекунанд, то ин ки ...

Деҳқонон замистон ҷӯйҳоро кофта тоза мекунанд, то ин ки тобистон дар обёрӣ душворӣ накашанд (ҷумлаи пайрави мақсад мақсади амали сарҷумларо ифода мекунад ва ба саволи *барои чӣ?, бо кадом мақсад?* ҷавоб мешавад).

1. Ман имрӯз бармаҳалтар омадам, ки ...
2. Асбобҳои хонишатро тоза нигоҳ дор, то ки ...
3. Мардум дар тирамоҳ ҳезум захира мекунанд, ки ...
4. Пунбадонаро аз ҳозир тайёр карда монданд, то ки ...
5. Ман туро барои ҳамин ба ин ҷо ҷеғ задам, ки ...
6. Ӯ барвақт омад, то ин ки ...

**Машқи 86.** Ҷумлаҳоро нависед, сарҷумла ва ҷумлаи пайрави онҳоро ёбед, ҷойи ҷумлаҳои пайравро муайян карда, воситаи алоқаи онҳоро бо сарҷумла нишон диҳед. Гӯед, ки ҷумлаҳои пайрави ин ҷумлаҳо ба кадом саволҳо ҷавоб мешаванд.

1. Ӯ омада буд, ки раисро огоҳ кунад (*С. Улуғзода*). 2. Вай меҳнат мекард, барои он ки ҳақиқатан донистa ва пухта бозӣ кунад (*Ҷ. Икромӣ*). 3. Ӯ, барои ин ки ба назари мастон нанамояд, дар паси дари яктабақаи ба тарафи берун кушодашавандаи заминкан меистод (*Р. Ҷалил*). 4. Барои он ки дар он ҷо вақтро беҳуда нагузаронад, вай гиёҳи ишқор ҷамъ карда, сӯзонда ишқор тайёр мекунад (*С. Улуғзода*). 5. Душман аз гурезогурез дар ҳарос монда, бо мушакҳои равшанибахш шаби тираро пайи ҳамдигар равшан мекард, то ки ба ҷанговарони мо монеъ шавад (*Р. Ҷалил*). 6. Мо инқилоб кардем, то ки дунёро, зиндагониро аз нав созем (*С. Айнӣ*).

**Машқи 87.** Ҷумлаҳои мураккабро бо тартиби зерин навишта гиред: а) бо ҷумлаи пайрави замон, б) бо ҷумлаи пайрави макон, в) бо ҷумлаи пайрави сабаб, г) бо ҷумлаи пайрави мақсад.

1. Коргарзанони кӯдакдор бо хотири ҷамъ ба кори саҳро мераванд, чунки кӯдакони онҳо дар яслии озодаву оростаи хоҷагӣ дар дасти дояҳои боэътимод парвариш меёбанд (*А. Деҳотӣ*). 2. Баъд аз он ки садоҳо тамоман паст шуда, дар сарҳавз оромии андӯҳгинонае ба вуҷуд омад, мо аз замин сар бардоштем (*С. Айнӣ*). 3. Номи онҳоро ҳам ба ҳошияи ҳамин китоб навишта будам, ки аз ёд набароянд (*Р. Ҷалил*). 4. Аз-баски роҳ бад буд, мо омада натавонистем (*Р. Ҷалил*). 5. Ҳанӯз ҳаво ба садои ин милтиқҳо дар ларза буд, ки ду милтиқ аз ду паҳлуи дарвозаи милисахона андохта шуд (*С. Айнӣ*). 6. Зоҳиран, ин мадрасаро барои он

сохта буд, ки баъд аз мурданаш як қисми молу мулкаш ба номи худаш боқӣ монад (*С. Айнӣ*). 7. Ба ҷойе афтодааст, ки дар вақтҳои гузаштани сел гирдобгоҳ шуда, монанди як ҳавзча дар он ҷо ... обе пайдо шуда будааст (*С. Айнӣ*).

## § 20. Ҷумлаи пайрави шарт

Сарҷумла ва ҷумлаи пайрави ҷумлаҳои зеринро муайян кунед. Гӯед, ки ҷумлаҳои пайрав кадом ҷиҳати амали сарҷумларо эзоҳ додаанд ва тавассути кадом пайвандакҳо ба сарҷумла вобаста шудаанд.

1. Агар шумо ҳамин хабарро ба ман мерасондед, ман ҳама чизҳоямро ба шумо ва шунавандагони ин хабари хуш медодам. 2. Дар сурате ки ҳамин об ба гӯшти бадан паҳн шавад, азоби тоқатнопазир медиҳад (*С. Айнӣ*). 3. Вай аз ин роҳаш барнамегардад, ба шарте ки дигарон ёрӣ нарасонанд. 4. Ман ба шарте ба назди онҳо меравам, ки шумо ба дасти худ мактуб навишта диҳед (*Р. Ҷалил*).

**Ҷумлаи пайрави шарт шарти иҷрои амалу ҳолати сарҷумларо мефаҳмонад ва ба саволи *ба кадом шарт?* ҷавоб мешавад.**

Ҷумлаи пайрави шарт ба воситаи пайвандакҳои *ки, агар (гар, ар), агар ки, ба шарте ки, ба шарти он ки, дар сурате ки, чун* ба сарҷумла алоқаманд мешавад. Дар байни ҷумлаҳои пайрави шарт ва сарҷумла аломати вергул (**,**) гузошта мешавад. Чунончи, дар ҷумлаи «*Агар ин кампир кас медошт, бо ҳамин ҳоли афтодагии худ ба бозор намеомад*» ҷумлаи пайрави шарт (*агар ин кампир кас медошт*) ба шарти иҷрои амали сарҷумла (*бо ҳамин ҳоли афтодагии худ ба бозор намеомад*) ишора мекунад.

Ҷойи ҷумлаи пайрави шарт нисбат ба сарҷумла гуногун аст:

**а) пеш аз сарҷумла:** Агар як роҳ ёфт нашавад, хизматонаи ҷаноби ясавул ҳам месӯзад (*С. Айнӣ*.)

**б) дар мобайни сарҷумла:** Ин байтҳо, агар беодобона буданашро ба назар нагирем, пурмазмунанд (*С. Айнӣ*).

**в) пас аз сарҷумла:** Ҳамаи ин масъалаҳоро ҳал кардан мумкин мешуд, агар суханони маро идораҳои дахлдор мешуниданд (*Ҷ. Икромӣ*).

**Машқи 88.** Ҷумлаҳои зеринро хонед, ҷумлаҳои пайрави шартро ёфта, ҷойи онҳоро муайян кунед. Гӯед, ки ҷумлаҳои пайрав ба воситаи кадом пайвандакҳо ба сарҷумла вобаста шудаанд.

1. Агар дар сари шумо шавқу ҳаваси тамошои аҷоиботи кӯҳсор бошад, ваҳму ҳаросро ба дили худ роҳ надиҳед (*С. Айнӣ*). 2. Баҳринисо ба корравӣ розӣ шуд, ба шарте ки ба корхона ӯро Муҳаббатхон худаш бараду кор ёд диҳад (*Р. Ҷалил*). 3. Агар шумо дар нимрӯзӣ ба лаби ин ҷӯйча оед, аз тамошояш дил канда наметавонед (*С. Айнӣ*). 4. Ман, раиси мӯҳтарам, ба шарте аввалин шуда ба музокира мебароям, ки ба гуфтани суханҳои ногуфта мондаам рухсат диҳед (*Р. Ҷалил*). 5. Чун бо чашми дақиқ бар онҳо фурӯ равед, чизи тозае намеёбед (*Л. Шералӣ*). 6. Агар аз ҳайвоноти даррандаи монанди гург ва шағоли ин дара натарсида, шабона ин ҷо оед, боз зиёдтар дар ҳайрат меафтед (*С. Айнӣ*).

**Машқи 89.** Ҷумлаҳои зеринро нависед, ҳудуди сарҷумла ва ҷумлаҳои пайрави шартро муайян карда, воситаҳои алоқаи наҳвии онҳоро нишон диҳед. Гӯед, ки ҷумлаҳои пайрав дар куҷои сарҷумла воқеъ гаштаанд.

1. Агар аз хотир фаромӯш накарда бошед, он коғаз ба рӯйи пурчини мактабдор ҳамрангӣ дошт (*С. Айнӣ*). 2. Бадхоҳ агар бадхоҳӣ накунад, бадхоҳ намешавад (*Ҷ. Икромӣ*). 3. Агар ки ҳамин тавр накард, ман ба қавли хушку холии ӯ бовар намекунам (*С. Улуғзода*). 4. Писаратонро нишон медиҳам, ба шарте ки ҳамин гапҳои ҳозир дар пеши мо гуфтаатонро дар назди вай такрор кунед (*Ҳ. Назаров*). 5. Зани амир Олимхон, ки ба вай ошиқ шуда бошад, пас вай одами арзанда будааст-дия (*Ҷ. Икромӣ*). 6. Бо ҳамин ки шод бошанд, майлаш, ман ҳам мепӯшам (*Р. Ҷалил*). 7. Вай аз ин роҳаш барнамегардад, ба шарте ки дигарон ёрӣ нарасонанд (*Р. Ҷалил*).

**Машқи 90.** Ба ҷойи сенуқтаҳо ҷумлаҳои пайрав гузошта, ҷумлаҳоро пурра карда нависед. Воситаҳои алоқаи ҷумлаи пайрави шартро бо сарҷумла муайян кунед

1. Ман ба назди онҳо меравам, ... . 2. ... , бовар намекунам. 3. ..., ҳоҷати барзагов нест. 4. ..., худат писарчаатро ба кӯдакистон бар. 5. ..., ба миёни суханам лагад назанӣ. 6. Ман ин таомро мепазам, ... .

**Машқи 91.** Аз пайвандакҳои дар қавсайн овардашуда мувофиқашро интихоб кунед. Онҳоро ба ҷойи сенуқтаҳо гузошта, ҷумлаҳоро навишта гиред.

1. ... худи Хадича нахоҳад, падару модараш ӯро ба ҳеҷ кас дода наметавонанд (*Ҷ. Икромӣ*). 2. Мо хоҳишатонро қонеъ мекунем, ... шумо ба

таклифи мо не нагӯед (*А. Сидқӣ*). 3. Ин ба шарте мумкин аст, ... чӯбу тахта, тунука ва дастгоҳҳо дар вақташ гирифта шаванд (*С. Улуғзода*). 4. ... ба ягон кор қасд кунад, он корро накарда намемонад (*С. Улуғзода*). 5. Ҳар камӣ ва камбудӣ ... дошта бошӣ, мо ба ёрӣ додан ҳозирем (*С. Айнӣ*).

(*ки, агар, ба шарте ки*)

## § 21. Ҷумлаи пайрави хилоф

Сарҷумла ва ҷумлаи пайрави ҷумлаҳои зеринро ёбед. Амали сарҷумла ва ҷумлаи пайравро муайян карда, ба муносибати маъноии онҳо зеҳн монед. Гӯед, ки ҷумлаҳои пайрав бо сарҷумла тавассути кадом пайвандакҳо вобаста шудаанд.

1. Бо вуҷуди он ки Истам аз таги нӯхтааш маҳкам дошта меистод, вай ҳар замон рост мешуд (*С. Айнӣ*). 2. Ҳарчанд Носир Аббос Бекназарро моҳе як-ду бор медид, оғӯш кушода вохӯрӣ кард (*Ф. Муҳаммадиев*). 3. Нуралӣ ба осиёву обҷувозсозӣ муқобил баромаданро лозим намедонист, гарчанде ки ин сохтмонро зарур ҳисоб намекард (*С. Улуғзода*). 4. Ҷасадатон фил барин бошад ҳам, мош барин заҳра надоштаед *(А. Деҳотӣ).*

**Ҷумлаи пайрави хилоф фикреро ифода мекунад, ки вай ба амали иҷрошуда ё иҷрошавандаи сарҷумла мухолиф аст. Ҷумлаи пайрави хилоф ба саволҳои *бо вуҷуди чӣ? ба ҷойи чӣ? бар хилофи чӣ?* ҷавоб мешавад ва бо воситаи пайвандакҳои *ҳам, бо вуҷуди он (ин) ки, гарчанде, агарчи (гарчи), агарчанде, ҳарчанд, ҳарчанд ки, сарфи назар аз ин (он) ки, ба ҷойи он (ин) ки...* алоқаманд мегардад.**

Δ **Масалан,** дар ҷумлаи «*Бо вуҷуди он ки шаб аз ним гузашта буд, аз хурсандӣ касеро хоб намебурд*» фикри дар ҷумлаи пайрави хилоф (*бо вуҷуди он ки шаб аз ним гузашта буд*) овардашуда ба амали сарҷумла (*аз хурсандӣ касеро хоб намебурд*) мухолиф аст.

Дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ ҷумлаи пайрави хилоф дорои ҷойи муайян аст:

**а) пеш аз сарҷумла:** Агарчанде ки дар очеркнависӣ чандон маҳорат надорам, ин хоҳишро бо хурсандӣ қабул кардам (*Р. Ҷалил*).

**б) дар мобайни сарҷумла:** Ин дафъа ҳам Ҷамила вазифаи миёнаравиро, ҳарчанд ки хоҳиш накарда буданд, ба ҷо овард (*Р. Ҷалил*).

**в) пас аз сарҷумла:** Фиребу найранг накард, ҳарчанд ки ба он маҳорат дорад (*Ҷ. Икромӣ*).

**Машқи 92.** Ҷумлаҳоро хонед, сарҷумла ва ҷумлаи пайравашонро муайян кунед, воситаи алоқаи онҳоро гӯед.

1. Ман, гарчанде хобам омада бошад ҳам, зуд бархоста ҷомаамро пӯшида дар наздаш менишастам (*С. Улуғзода*). 2. Шаби баҳор бошад ҳам, осмон чодири абрин гирифта буд (*Ҳ. Карим*). 3. Ростӣ, бо вуҷуди ин ки аз шиддати дард худро аз гиря боздошта наметавонистам, худ ҳам дарун-дарун механдидам (*Р. Ҷалил*). 4. Ҳаво он қадар хунук набошад ҳам, барф бо донаҳои калон-калон лаклакӣ меборид (*С. Айнӣ*). 5. Гарчанд фасли тирамоҳ дохил шуда бошад ҳам, ҳаво аз рӯзҳои тобистон чандон фарқ надошт (*Ф. Ниёзӣ*). 6. Ту, ҳарчанд тунд бошад ҳам, чашмонатро пӯшида ин косаро холӣ кун (*С. Айнӣ*).

**Машқи 93.** Ҷумлаҳоро нависед, ба зери ҷумлаи пайрави хилоф хат кашед ва ҷойи онҳоро муайян кунед.

1. Ӯ, бо вуҷуди ин ки аз кор бевақт мегашт, ҳезум мекафонд, об меовард (*Р. Ҷалил*). 2. Вай, ҳарчанд дард аз ҷонаш гузашта бошад ҳам, дод нагуфт (*С. Айнӣ*). 3. Барф акнун бозистода бошад ҳам, сардии ҳаво шиддат карда буд (*С. Айнӣ*). 4. Мухтор садсола шавад ҳам, он соли серташвиш ва пурмоҷароро фаромӯш намекунад (*Ҷ. Икромӣ*). 5. Ҳарчанд ки аз қафотон медавидам, расида наметавонистам (*Р. Ҷалил*). 6. Қорӣ-Ишкамба бо вуҷуди ин ки он рӯз аз по афтода бисёр суст шуда буд ва мувофиқи одати рӯзҳои охирин бо пасткӯчаҳои камодам мерафт, шитобкорона қадам мепартофт (*С. Айнӣ*). 7. Давлатро, гарчанде пешакӣ ба ӯ гуфта бошанд ҳам, дуру дарозии роҳ ба ҳайрат меандохт (*Р. Ҷалил*).

**Машқи 94.** Ҷумлаҳои соддаи зеринро ба ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави хилоф гардонед.

**Намуна**: Бо вуҷуди дурии роҳ ва душвории вазифа ман натарсида ба роҳ даромадам (*П. Толис*). Бо вуҷуди он ки роҳ дур ва вазифа душвор буд, ман натарсида ба роҳ даромадам.

1. Бинобар ин бо вуҷуди гузашта рафта истодани мавсими мевағундорӣ, Ҳасан барои бурдани хонаводааш ба боғ ҷасорат намекард (*С. Айнӣ*). 2. ... бо вуҷуди бесаводӣ шеърхон ва баъзеашон шеъргӯй ҳам

буданд (*С. Айнӣ*). 3. Бегоҳӣ бо вуҷуди гармии ҳаво тирезаҳо баста ва бо пардаҳои рӯшноигузар пӯшида шуда буданд (*Ҷ. Икромӣ*). 4. Одинаев ба ҷойи бадқаҳр шудан зери лаб ришханд кард ... (*Ф. Ниёзӣ*).

**Машқи 95.** Байтҳои зеринро хонед ва шарҳ диҳед.

1. Агарчанде ки гӯяндат муҳоҷир,
Ту аммо на муҳоҷир, на мусофир.

*М. Турсунзода*

2. Гарчи дар гаҳвора мебастанд дасту пойи ман,
Дар Замин бахри талоши осмонам зодаанд.

*Л. Шералӣ*

3. Шохи бебор ар ки бошад аз дарахти мевадор,
Чун наорад мева бор, андар шумори ҳезум аст.

*А. Ҷомӣ*

## § 22. Ҷумлаи пайрави натиҷа

Сарҷумла ва ҷумлаи пайрави ҷумлаҳои мураккаби зеринро ёбед. Ҷойи ҷумлаҳои пайравро муайян кунед. Гӯед, ки ҷумлаҳои пайрав бо кадом пайвандак ба сарҷумла вобаста шудаанд.

1. Баъзе шабҳо девони он ҷо наърае мекашиданд, ки роҳгузарони он давру пеш бо шунидани он овоз аз худ рафта меафтидаанд.

2. Ба манқал ва сандалиҳо уду анбар месӯхтанд, ки ҳама ҷо муаттар мегашт (*Ҷ. Икромӣ*).

3. Ҳар шаб панҷ қадоқ кунҷолааш канда нашудааст, ки то устухонҳояш равған гардидааст (*С. Айнӣ*).

**Ҷумлаи пайрави натиҷа натиҷаи амалу ҳолати сарҷумларо ифода мекунад. Ҷумлаи пайрави натиҷа баъд аз сарҷумла воқеъ мегардад ва ба воситаи пайвандаки «*ки*» вобаста мешавад.**

**Машқи 96.** Ҷумлаҳоро хонед, ҷумлаҳои пайрави натиҷаро муайян кунед ва воситаи алоқаашонро шарҳ диҳед.

1. Як табассуми латиф, бачагона ва маъсумона дар рӯйи ӯ шукуфт, ки ӯро боз ҳам зеботар гардонд (*Р. Ҷалил*). 2. Магар дар, девор ва ҳаворо

ҳам ба номи зан номаҳрам ва бегона гумон мекарданд, ки дар хонаи танҳо ҳам ӯро бо номаш ҷеғ намезаданд (*С. Айнӣ*). 3. Моҳ торафт зиёдтар баланд мебаромад, ки ин оромии табиатро мукаммалу мунаввар мегардонад (*Р. Ҷалил*). 4. Магар бедор буданамро ҳис мекард, ки маро оҳиста ҷеғ мезад (*С. Улуғзода*). 5. Ин вақт аз қафои ҳавлиамон мошини боркаш гузашт, ки садои вай торикиро ларзонду хоби маро гурезонд (*Р. Ҷалил*). 6. Рӯзе ба ман бо Нурмуҳаммад сӯҳбати дуру дароз кардан рост омад, ки бо он мусоҳиба ҳақиқати аҳволи он оиларо тамоман фаҳмида гирифтам (*С. Айнӣ*).

**Машқи 97.** Ҷумлаҳоро нависед, сарҷумла ва ҷумлаи пайрави натиҷаро муайян кунед.

1. Рост, ана бинед, то қарибии решааш шох дода, ғӯза бастааст, ки кас шумурда натавониста ҳисобашро гум мекунад (*Ф. Ниёзӣ*). 2. Аз бозор ранги қирмизӣ харида оварда, онро ба лаки зард омехта намуда, дар рӯйи карнайчаҳо гулпартоӣ кард, ки баъд аз он харидорон бисёр шуда, бозораш частионтар шуд (*Р. Ҷалил*). 3. Ҳамаи колхозчиёнро ба ҳашар бароварда дар як рӯз ҷӯй канданд, ки пахтаҳо дар вақти худ об хӯрданд (*Ф. Ниёзӣ*). 4. Дар вақти поин омаданам Шоҳқосим аз миёнам дошт, ки поям ба замин бархӯрда лат наёфт (*С. Айнӣ*). 5.Аз он сари  телефон ягон сардораш ҷавоб дод магар,ки вазъияти  вай, тағйир ёфта, овозаш мулоим шуд (*Р. Ҷалил*).

**Машқи 98.** Ҷумлаҳоро нависед, хели ҷумлаҳои пайрави бо пайвандаки «ки» ба сарҷумла тобеъшударо муайян кунед.

1. Кори калонро, ки пеш гирифтаем, дурашро андеша кардан лозим аст (*Р. Ҷалил*). 2. Онҳоро дида Оймулло, ки аз таъсири шеъри Бедил ба шавқ омада буд, ҳайрон нигарон монд ва сухане аз даҳонаш набаромад (*Ҷ. Икромӣ*). 3. Шодӣ ҷӯбдастачаашро ба даст гирифта, дар канори ба киштзор пайвастаи ҷарӣ мегашт, ки мабодо бузҳо ба кишти мардум надароянд... (*С. Айнӣ*). 4. Ӯ худро чунин нишон дод, ки аз ояндагон хабаре надорад (*Р. Ҷалил*). 5. Ӯ ин корро тавре мекард, ки одатан ҷавонон дар кӯча ва боғҳо, дар клуб ва театрҳо мекунанд (*Ф. Муҳаммадиев*). 6. Аз афташ ҳаво ҳақиқатан ҳам сахт гарм шуда будааст, ки рӯйи Саломатапа суп-сурх шуда рафт (*П. Толис*).

**Машқи 99.** Нақшаро хонед ва шарҳ диҳед.




**Машқи 100.** Ҷумлаҳоро нависед, хелҳои ҷумлаҳои пайрави ҳолро муайян кунед ва воситаҳои алоқаи онҳоро бо сарҷумла нишон диҳед.

1. Агарчи барфҳои кӯҳ аз таъсири Офтоби баҳор кайҳо об шуда, ба ҷойи барфи сафед гиёҳҳои кабуд рӯйида буданд, қуллаҳои кӯҳ ҳанӯз кулоҳи сафеди худро аз сар бадар накарда буданд (*С. Айнӣ*). 2. Агар саҳв накунам, ин номи қаҳрамони достони ҷовиди Фирдавсӣ аст (*Р. Ҷалил*). 3. Ҳошим Корвон магар аз ёрмандии Зубайда орият мекард, ки андак фикр карда истода мағрурона гуфт (*С. Улуғзода*). 4. Ҷойе набуд, ки аз он равшанӣ дарояд (*С. Айнӣ*). 5. Вақте ки ӯ аз пеши ҳаммоми Тӯқумдӯзӣ мегузаштааст, аз гӯлахи ҳаммом садо баромадааст (*С. Айнӣ*). 6. Ӯ бегумон ба ман дил додаасту омадааст, ки ҳамин чизҳоро баҳона карда муҳаббаташро изҳор кунад (*Р. Ҷалил*). 7. Деҳқонон аз ҳукмронии заминдорон озод карда мешаванд, чунки Замин акнун моли заминдор нест (*Р. Ҷалил*). 8. Пирамард, бе он ки садое барорад, сари худро яктарафа хам карда, ба иҷорадор гӯш дода истод (*С. Айнӣ*). 9. Неккадам! Сурудхонӣ ва найнавозиат, ба дараҷае ки ба мо таъсир мебахшад, ба худи ту ҳам таъсир мекунад, ё не? (*С. Айнӣ*). 10. Мисли он ки аз чизе хавотир мекашида бошад, ин сӯ-он сӯ менигарад (*С. Улуғзода*).

## *Савол ва супоришҳо*

1. Чанд хели ҷумлаи пайрави ҳолро медонед? Онҳоро номбар кунед.
2. Ҷумлаи пайрави тарз чист?
3. Ҷумлаи пайрави тарз ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
4. Ҷумлаи пайрави тарз бо кадом пайвандакҳо ба сарҷумла вобаста мегардад?
5. Ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа чист?
6. Ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
7. Воситаҳои алоқаи ҷумлаи пайрави миқдору дараҷаро бо сарҷумла номбар кунед.
8. Ҷойи ҷумлаҳои пайрави тарз ва миқдору дараҷаро бо мисолҳо фаҳмонед.
9. Ҷумлаи пайрави монандӣ чист?
10. Ҷумлаи пайрави монандӣ ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
11. Кадом пайвандакҳо ҷумлаи пайрави монандиро ба сарҷумла тобеъ мегардонанд?
12. Ҷойи ҷумлаи пайрави монандиро бо мисолҳо нишон диҳед.
13. Ҷумлаи пайрави замон чист?
14. Ҷумлаи пайрави замон ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
15. Кадом пайвандакҳо ҷумлаи пайрави замонро ба сарҷумла вобаста мекунанд?
16. Ҷойи ҷумлаи пайрави замонро бо мисолҳо нишон диҳед.
17. Ҷумлаи пайрави макон чист?
18. Ҷумлаи пайрави макон ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
19. Ҷумлаи пайрави макон бо кадом пайвандакҳо ба сарҷумла вобаста мегардад?
20. Ҷойи ҷумлаи пайрави маконро фаҳмонед.
21. Ҷумлаи пайрави сабаб чист?
22. Ҷумлаи пайрави сабаб ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
23. Ҷумлаи пайрави сабаб бо кадом пайвандакҳо ба сарҷумла тобеъ мегардад?
24. Ҷойи ҷумлаи пайрави сабабро фаҳмонед.
25. Ҷумлаи пайрави мақсад чист?
26. Ҷумлаи пайрави мақсад ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
27. Воситаҳои алоқаи тобеи ҷумлаи пайрави мақсадро бо сарҷумла бо мисолҳо шарҳ диҳед.
28. Ҷойи ҷумлаи пайрави мақсадро фаҳмонед.
29. Ҷумлаи пайрави шарт чист?
30. Ҷумлаи пайрави шарт ба кадом савол ҷавоб мегардонад?
31. Ҷумлаи пайрави шарт ба воситаи кадом пайвандакҳо ба сарҷумла тобеъ мегардад?
32. Ҷойи ҷумлаи пайрави шартро бо мисолҳо шарҳ диҳед.
33. Ҷумлаи пайрави хилоф чист?
34. Ҷумлаи пайрави хилоф ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
35. Ҷумлаи пайрави хилоф тавассути кадом пайвандакҳо ба сарҷумла тобеъ мешавад?
36. Ҷойи ҷумлаи пайрави хилофро ба мисолҳо шарҳ диҳед.
37. Ҷумлаи пайрави натиҷа чист?
38. Ҷумлаи пайрави натиҷа бо кадом пайвандак ба сарҷумла вобаста мешавад?
39. Ҷойи ҷумлаи пайрави натиҷаро бо мисолҳо шарҳ диҳед.

## САВОЛҲОИ ТЕСТӢ

**1. Дар ҷумлаи мураккаби «Дар ҳолате ки пеши селоби нави ашкро гирифта наметавонист, ба изҳори миннатдорӣ даромад» кадом навъи ҷумлаи пайрави ҳол кор формуда шудааст?**

А) ҷумлаи пайрави тарзи амал
Б) ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа
В) ҷумлаи пайрави монандӣ
Г) ҷумлаи пайрави замон
Д) ҷумлаи пайрави макон

**2. Ҷумлаи пайрави ҷумлаи мураккаби «Савобҷӯй аз қафояш давид, ҳар қадаре ки зудтар медавид, асп ҳамон қадар тезтар метохт» ба кадом навъи ҷумлаи пайрави ҳол тааллуқ дорад?**

А) ба ҷумлаи пайрави тарзи амал
Б) ба ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа
В) ба ҷумлаи пайрави монандӣ
Г) ба ҷумлаи пайрави замон
Д) ба ҷумлаи пайрави макон

**3. Дар ҷумлаи мураккаби «Аз курта, ҷома ва бадани онҳо бӯйи хун омада меистод, гӯё ки бошандагони ин ғор дар хун оббозӣ кардаанд» кадом навъи ҷумлаи пайрави ҳол истифода шудааст?**

А) ҷумлаи пайрави тарзи амал
Б) ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа
В) ҷумлаи пайрави монандӣ
Г) ҷумлаи пайрави замон
Д) ҷумлаи пайрави макон

**4. Дар кадом ҷавоб саволҳои ҷумлаи пайрави замон оварда шудааст?**

А) чӣ қадар?, ба кадом дараҷа?
Б) чӣ хел?, чӣ гуна?, чӣ тарз?, чӣ тавр?
В) кай?, аз кай?, то кай?, кай боз?
Г) куҷо?, аз куҷо?, дар куҷо?, ба куҷо?
Д) чаро?, барои чӣ?, аз чӣ сабаб?

**5. Дар ҷумлаи мураккаби «Дар ҷое ки обу Офтоб ҳаст, дар он ҷо ҳаёт ҳаст» кадом навъи ҷумлаи пайрави ҳол истифода шудааст?**

А) ҷумлаи пайрави тарзи амал
Б) ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа
В) ҷумлаи пайрави монандӣ
Г) ҷумлаи пайрави макон
Д) ҷумлаи пайрави замон

**6. Дар ҷумлаи мураккаби «Ман ҳамаи суханҳоямро фошофош мегӯям, ба шарте ки ту ба миёни суханам лагад назанӣ» кадом хели ҷумлаи пайрави ҳол оварда шудааст?**

А) ҷумлаи пайрави монандӣ
Б) ҷумлаи пайрави макон
В) ҷумлаи пайрави шарт
Г) ҷумлаи пайрави сабаб
Д) ҷумлаи пайрави натиҷа

# ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ СЕРТАРКИБ

Дар боби ҷумлаҳои мураккаб ҷумлаҳои мураккаберо аз назар гузаронидем, ки аз ду ҷумлаи содда иборатанд ва ҷумлаҳои соддаи таркиби онҳо тавассути алоқаи пайваст (ҷумлаҳои мураккаби пайваст), ё ки бо воситаи алоқаи тобеъ (ҷумлаҳои мураккаби тобеъ) барои ифодаи як фикри умумӣ корбаст мешаванд. Дар забони адабии тоҷик ҷумлаҳои мураккабе низ мавҷуданд, ки онҳо аз се ва зиёда ҷумлаи содда ташкил ёфта, дорои сохту таркиб, банду баст ва муносибатҳои гуногуни маъноию дастурӣ мебошанд. Ин гуна ҷумлаҳо ба ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб мансубанд. Ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб ба се гурӯҳи калон ҷудо мешаванд: *ҷумлаҳои мураккаби пайвасти сертаркиб, ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб ва ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб бо рабти гуногун.*

## § 23. Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб

Ҷумлаҳои мураккаби ҳар ду сутунро хонед, фарқи онҳоро аз ҷиҳати сохту таркиб ва алоқаи дастуриашон муайян намоед.

1. Лаҳзаи оғози маросим наздик мерасид, аммо касе ба сари миз наменишаст (*Ф. Муҳаммадиев*).

2. Он рӯзи фирӯз расид ва шабона аз тӯйхона овози доира ба фалак мепечид (*С. Айнӣ*).

3. Ман аз тарси ғалтидан ҳар қадар ки ба ёли вай сахттар мечаспидам, динг-динги вай ҳамон қадар зиёдтар мешуд (*С. Айнӣ*).

1. Ҳафт нафар акнун торафт равшантар медиданд, ки дар рӯ ба рӯяшон қишлоқчае воқеъ аст ва аз он ҷо душман тир мебоdonaд (*Р. Ҷалил*).

2. Вақте ки илтимосу илтиҷои ӯ ба гиряву зорӣ бадал ёфтааст, Аслонхоҷа ба ӯ маслиҳат додааст, ки ба ман муроҷиат кунад (*С. Айнӣ*).

3. Агар ҳақиқатан ин гуна ҳавас дошта бошед, аз ман ба шумо насиҳати оқилона ҳамин аст, ки ин савдоро аз сари худ дур кунед (*С. Айнӣ*)

Δ Дар фасли ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҷумлаҳои мураккаберо аз назар гузаронидем, ки онҳо аз як сарҷумлаю як ҷумлаи пайрав ибора-

танд. Дар забони адабии тоҷик ҷумлаҳои мураккаби тобеи аз як сарҷумлаю ду ё зиёда ҷумлаҳои пайрав иборат низ мавҷуданд. Масалан, ҷумлаи мураккаби тобеи «*Агар он рӯз шамол хезад ё Офтоб аз ҳад зиёд тафсон бошад, нами замини шумо мегурезад*» аз се ҷумлаи содда таркиб ёфтааст, ки дар он ду ҷумлаи пайрави шарт («*Он рӯз шамол хезад*», «*Офтоб аз ҳад зиёд тафсон бошад*») ба воситаи пайвандаки тобеъкунандаи «*агар*» ба сарҷумла («*нами замини шумо мегурезад*») вобаста гаштаанд.

**Ҷумлаи мураккаби сертаркибе, ки аз се ва зиёда ҷумлаи содда тавассути алоқаи тобеъ ташкил ёфтаанд, *ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб* номида мешавад.**

Сохти ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб гуногун буда, сарҷумла ва ҷумлаҳои пайрав дар таркиби онҳо бо тарзҳои мухталиф воқеъ мегарданд. Аз ин рӯ, ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд: ***ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави чида, ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави ғайричида ва ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави дараҷа.***

**Машқи 101.** Ҷумлаҳои мураккаби зеринро хонед, ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркибро ёфта, ба дафтаратон нависед ва воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои пайравро бо сарҷумла муайян кунед.

1. Вай мепурсид, ки меҳмон ба кадоме аз ин нӯшокиҳо майл дорад (*Ф. Муҳаммадиев*). 2. Хурсанд шудам, ки Тоҳироваро мебинаму фурсати сӯҳбат пайдо мекунем (*Р. Ҷалил*). 3. Дар он ҷо Аҳрорхоҷа ба ман гуфт, ки як чизро фаромӯш кардааст (*Ҷ. Икромӣ*). 4. Ин аҳволе, ки шумо дидед ва ман барои ибрат шуморо ин ҷо оварда, ин ҳолро нишон додам, аҳволи зоҳирии қаландарон аст (*С. Айнӣ*). 5. Вақте ки қозии марҳум хоҷагии Ғиждувонро партофта, Бухоро рафтан хост ва чанд нафар мулозимони қадрдонаш кӯчи ӯро то шаҳр бурда, ба хонааш фуровардем, ӯ моро дар он ҷо як шаб меҳмон кард (*С. Айнӣ*). 6. Савор, монанди сайёде, ки шикори ба дом афтодаи худро гурезонида бошад, ё мисли шағоле, ки мурғи ба чангол даровардаашро аз даст дода бошад, аз ғазаб дандон мехоид (*С. Айнӣ*). 7. Ҷун ҳушёр шудам, шарм доштам, ки чаро дар доманам кулӯх андохтаам ва рехтам, аммо боз аз ҳуш рафтам (*С. Айнӣ*).

**Машқи 102.** Ба ҷумлаҳои зерин ҷумлаи пайрав илова карда, ба ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб табдил диҳед ва сарҷумлаю ҷумлаҳои пайрави онҳоро муайян кунед.

1. Ҳасан ба ҳавлӣ баромада дид, ки модараш омадааст, ...
2. Агар шабона ба осмони соф нигаред, мебинед, ки ...
3. Вақте ки синф даромадам, омӯзгорро дидам, ки ...
4. Ҳамин ки аз дар даромадам, падарам гуфт, ки...
5. Модоме ки сухан дар бораи таҳсил меравад, ман боварӣ дорам, ки ...
6. Агар об набошад, ободонӣ намешавад, чунки...
7. Чун ба хона расидам, ҳайрон шудам, зеро ки ...

## § 24. Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави чида

Ҷумлаҳои мураккаби сертаркиби зеринро хонед. Сарҷумла ва ҷумлаҳои пайрави онҳоро муайян кунед. Гӯед, ки дар байни ҷумлаҳои содда кадом хели алоқаи дастурӣ истифода шудааст.

1. Ҳамин ки таркиш ҳаворо ларзонд ва дуди ғализ бархост, боз Давлат ба танк наздик омад (*Ф. Ниёзӣ*). 2. Агар ин кор ба ӯ зарар дошта бошад ва ӯ ба ин кор роҳ надоданӣ бошад, чаро худаш фармон баровардааст? (*С. Айнӣ*). 3. Ин буд таронаи қӯшнай, ки Содиқ менавохту Ҳошимҷон мешунид (*Ҷ. Икромӣ*). 4. Ҷонишини вакили мухтор коре карданд, ки ҳам гург сер шуд ва ҳам гӯсфанд осуда монд (*С. Айнӣ*).

Δ Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб бо ҷумлаҳои пайрави чида ду ва ё зиёда ҷумлаҳои пайрави якхела ба ягон аъзо ё тамоми сарҷумла бо воситаи як пайвандак тобеъ мешаванд. Гоҳо ин пайвандак дар шакли такрор меояд. Ҷумлаҳои пайрав бо ҳамдигар тавассути пайвандакҳои пайвасткунанда (пайиҳам, хилофӣ, ҷудоӣ) алоқаманд гашта, ба як савол ҷавоб мешаванд.

Масалан, дар ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби «*Агар ин мардак ба даст наафтад ва кӣ буданаш маълум нашавад, хавфу хатар аз мо дур намешавад*», ҷумлаҳои пайрави чидаи шарт (*агар ин мардак ба даст наафтад ва кӣ буданаш маълум нашавад*) тавассути пайвандаки тобеъкунандаи агар ба сарҷумла (хавфу хатар аз мо дур намешавад) тобеъ гашта, шартҳои иҷрои амали сарҷумларо эзоҳ медиҳанд ва ба

саволи **ба кадом шарт?** ҷавоб мешаванд. Ҷумлаҳои пайрави шарти чида байни худ ба воситаи пайвандаки пайвасткунандаи пайиҳами «*ва*» алоқаманд гаштаанд.

**Ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркибе, ки дар он ду ва ё зиёда ҷумлаҳои пайрави якхела дар асоси алоқаи пайваст корбаст шуда, ягон аъзо ё амали тамоми сарҷумларо аз ягон ҷиҳат эзоҳ медиҳанд, *ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб бо ҷумлаҳои пайрави чида* ном дорад.**

**Машқи 103.** Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркибро хонед, сарҷумла ва ҷумлаҳои пайрави чидаро муайян кунед. Гӯед, ки онҳо байни худ ва бо сарҷумла тавассути кадом пайвандакҳо алоқаманд шудаанд.

1. Азбаски дар ду канори рӯд дарахтони тут сабзида буданд ва ҳар ҳафта ё понздаҳ рӯз аз рӯд об мегузашт, бошишгоҳи ман дар шароити онвақтаи Бухоро манзараи хубе дошт (*С. Айнӣ*). 2. Вақте ки ҳама рафтанду оромии шабонгоҳ барқарор гардид, садои шаршари чашма ба гӯши Ҳотам расид (*Р. Ҷалил*). 3. Агар ҳаво абр шавад ё борон борад, Бибимастура бо наберааш ва бузаш ба даруни хонача паноҳ мебурданд (*С. Улуғзода*). 4. Ана ҳамин вақт маълум гардид, ки дар хонаи Исфандиёр кафлес нест, коса нест, чумча нест (*Ӯ. Кӯҳзод*). 5. Агар онҳо меомаданду шумо гӯш мекардед, ҳамаи дарди диламро як-як гуфта медодам (*Р. Ҷалил*). 6. Шояд дар мехи лӯнгиовезӣ ба гузоштани он салла роҳ надодани сартарош барои он бошад, ки вай бисёр чиркин буд ва ба болои лӯнгиҳои мӯйсаргирӣ истодани он саллаи чиркин сабаби нафрати мӯйсаргирони дигар мешуд (*С. Айнӣ*).

**Машқи 104.** Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркибро нависед, сарҷумла ва ҷумлаҳои пайрави чидаро муайян кунед. Гӯед, ки кадом хели ҷумлаҳои пайрав чида шуда омадаанд ва ба воситаи кадом пайвандакҳо ба сарҷумла вобаста шудаанд.

1. Охир ҳамон коре, ки онҳо «беобрӯй» ё «бепардагӣ» номиданд ва шумо онро кори ҳаррӯзаи муқаррарӣ мегӯед, чист? (*С. Айнӣ*). 2. Арзам ҳамин, ки тақсир, шумо гуноҳи маро бахшидед, аммо ман ҳеҷ гуноҳ надоштам (*С. Улуғзода*). 3. Бо вуҷуди ин ки роҳ набуд, асбоб набуд ва муаллим набуд, дар ин се соли охир кори мактаб хеле пеш рафт (*С. Айнӣ*). 4. Имсол кори деҳқонии Бозор монанди пештара авҷ накард, зеро барзагови ҷуфташ тоқа, ду марди коркун як шуда монда буд

(*С. Айнӣ*). 5. Инҳо мансабҳои калон ва манбаъҳои асосии даромад ва ихтиёри харҷу дахли мамлакатро ба дасти худ гирифта буданд, ки касе бе васотати онҳо ба мансабе намерасид ва подшоҳ ба ихтиёри худ коре карда наметавонист (*С. Айнӣ*). 6. Хуш доред, ки бечорагӣ айб нест, аммо куфрони неъмат ва кӯрнамакӣ гуноҳи азим аст (*С. Айнӣ*).

## § 25. Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави ғайричида

Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиби ҳар ду сутунро хонед. Онҳоро аз ҷиҳати хели ҷумлаҳои пайравашон ва алоқаи байни онҳо ба гурӯҳҳо ҷудо кунед. Фарқи ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиби сутунҳоро муайян кунед.

1. Ду кас аз аҳолии бозори Бухоро бо як шахс, ки дар тани худ либоси нимрасмӣ дошт ва миёнаш аз рӯй бо фӯтаи сафед бастагӣ буд, аз дари сарой даромада омаданд (*С. Айнӣ*).

2. Магар аз ин ҳам зиёдтар нописандӣ мешавад, ки ман дар ҳар сад танга моҳе ба се танга қаноат карда гардаму аз болои пули ман дар ҳар сад танга шаш танга мехӯрад (*С. Айнӣ*).

3. Баъд аз он ки бачагон ба кӯча баромада рафтанд ва ҳавлӣ ором гирифт, худаш ба хона даромад (*С. Айнӣ*).

1. Бе он ки ба ман гап занад, поямро аз кунда баровард ва чуқурчаеро, ки дар як гӯшаи он хона буд, ба ман нишон дод (*С. Айнӣ*).

2. Шикамаш қадре калонтар афтода бошад ҳам, аз бозӣ карда истодани чашмони оҳувораш маълум буд, ки хеле даванд аст (*С. Айнӣ*).

3. Бой дар кодоки пешгоҳи сандалӣ ба болишт такя карда ёзида буд, ба Набӣ Полвон, ки дар рӯ ба рӯйи ӯ дар кодоки поёнӣ менишаст, нигоҳ кард (*С. Айнӣ*).

**Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиберо, ки дар онҳо ду ва ё зиёда ҷумлаҳои пайрави гуногун ё якхела ба як сарҷумла тобеъ шуда, онро аз ҷиҳатҳои гуногун ё аъзоҳои гуногуни сарҷумларо аз як ҷиҳат эзоҳ медиҳанд, *ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб бо ҷумлаҳои пайрави ғайричида* меноманд.**

Δ Дар ин гуна ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб ҷумлаҳои пайрави якхела одатан аъзоҳои гуногуни сарҷумларо шарҳу эзоҳ медиҳанд. Масалан, дар ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби «*Кӯҳсоре, ки ин*

*дараро печонида гирифтааст, аз дур ба назаратон монанди як кӯҳпорае менамояд, ки ба дарунаш шикофе ва сӯрохе надошта бошад»* ҷумлаҳои пайрави якхела — муайянкунанда — «*ин дараро печонида гарифтааст*» мубтадо (*кӯҳсоре*), вале «*ба дарунаш шикофе ва сӯрохе надошта бошад*» ҳоли сарҷумла (*монанди кӯҳпорае*)-ро эзоҳ додаанд.

Ҳангоми ҳархела будани ҷумлаҳои пайрав онҳо сарҷумларо аз ҷиҳатҳои гуногун, ё ки аъзоҳои гуногуни онро шарҳ медиҳанд. Масалан, дар ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби ғайричидаи «*Ҳамин ки сарашро бардошт, дид, ки ҳамшира дар паҳлӯяш хандида истодааст*» ҷумлаҳои пайрави замон (*ҳамин ки сарашро бардошт*) ва пуркунанда (*ҳамшира дар паҳлӯяш хандида истодааст*) сарҷумлаи бо як калима ифодаёфта — «*дид*»-ро эзоҳ додаанд.

**Машқи 105.** Ҷумлаҳои мураккаби тобеи ғайричидаро хонед, сарҷумла, ҷумлаҳои пайрав ва вазифаи пайвандакҳоро муайян кунед.

1. Дар хамгашти кӯҳ, ки ягона роҳи борик сар мешуд, пешқаровулони аскарони Махсум буданд, ки дар роҳ ва атрофи он ҷонзоде наменамояд (*Ҷ. Икромӣ*). 2. Модом ки Нуралӣ ин тарз оромона гап мезанад, маълум мешавад, ки роҳи манъ кардани никоҳи Шодигул ва Туробро медонад (*С. Улуғзода*). 3. Дар ҳамин вақт як деҳқони миёнақади на он қадар ҷавон, ки дар тан либосҳои деҳқонии бечоравор дошт, монанди он ки бо Қорӣ шинос бошад, омада ба ӯ бо таъзим, ҳурматкорона даст пеш гирифта салом дод (*С. Айнӣ*). 4. Он солҳо, ки қиссаи мо давом мекард ва даҳсола муддат аз он гузашт, солҳое буданд, ки ҳар рӯзашон як ҳодиса, як воқеа, як тағайюрот ва дигаргунӣ меоварданд (*Ҷ. Икромӣ*). 5. Ҳаракат мекардам, ки димоғсӯхтагии худро нафаҳмонам, аммо ҳис мекардам, ки гапҳои худам ҳам хушк ва беобуранг шуда истодаанд (*П. Толис*).

**Машқи 106.** Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиби ғайричидаро нависед, сарҷумла ва ҷумлаҳои пайравашонро муайян кунед. Гӯед, ки ҷумлаҳои пайрави ин ҷумлаҳои мураккаб якхелаанд ё ҳархела.

1. Вақте ки илтимосу илтиҷои ӯ ба гиряву зорӣ бадал ёфтааст, Аслонхоҷа ба ӯ маслиҳат додааст, ки ба ман муроҷиат кунад (*С. Айнӣ*). 2. Қозӣ ба Қурбонниёз фармуд, ки ба кораш равад ва одами худашро фармуд, ки чой биёрад (*С. Айнӣ*). 3. Ӯ маро надид, дида бошад ҳам, нашинохт, шинохта бошад ҳам, ба ман гап заданро лозим надонист (*С. Айнӣ*). 4. Сардори заставаи сарҳадчиён, ки ӯ дар хонаи вай зиста, ба ӯ рафиқи наздик аст, маслиҳат медиҳад, ки аввал ба шаҳри худат тоқа баргард

(*Ф. Муҳаммадиев*). 5. Дар болои дарае, ки Камолӣ дар он воқеъ шудааст, Восеъ ба Сангалӣ вохӯрд, ки хари ҳезум боркардашудаашро ҳай карда рафта истодааст (*С. Улуғзода*).

## § 26. Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави дараҷа

Ҷумлаҳои мураккаби зеринро хонед. Дар бораи тарзи алоқамандшавии ҷумлаҳои пайравашон мулоҳизаатонро гӯед.

1. Ман чунон дар хиҷолат мондам, ки замин накафид, то ки даромада рӯямро пинҳон кунам (*С. Айнӣ*). 2. Янгаам ба ман хӯрок ҳам надод, гарчанде медонист, ки ман аз пагоҳ боз ҳеҷ чиз нахӯрдаам (*С. Улуғзода*). 3. Ба иборати дигар, ӯ мехост, ки маро харида гирад, чунки дар миёнаи омма нуфузи калон пайдо карда будам (*С. Айнӣ*). 4. Аз ту мепурсам, ки ягон кор кун, то ки ба ман ягон пули чой рӯяд (*С. Айнӣ*).

**Ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркибе, ки ҷумлаҳои соддаи таркиби он силсилавор пай дар пай ба якдигар тобеъ шуда омадаанд, ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби дараҷа номида мешавад.**

Дар ин навъи ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб одатан ҷумлаи пайрави якум ба сарҷумла, ҷумлаи пайрави дуюм ба ҷумлаи пайрави якум, ҷумлаи пайрави сеюм ба ҷумлаи пайрави дуюм пай дар пай тобеъ мешаванд, ки аз ин силсилаи ҷумлаҳои содда ба вуҷуд меояд. **Масалан,** дар ҷумлаи мураккаби тобеи дараҷаи «*Ман ғалат карда будаам, зеро вай аз амакаш хоҳиш кард, ки онро ба бозор бурда фурӯшад, ки пулаш чун обу ҳаво зарур аст*» ҷумлаи пайрави якум (сабаб) — «*вай аз амакаш хоҳиш кард*» тавассути пайвандаки «*зеро*» ба сарҷумла (*ман ғалат карда будаам*), ҷумлаи дуюм (пуркунанда) — «*онро ба бозор бурда фурӯшад*» бо воситаи пайвандаки «***ки***» ба ҷумлаи пайрави якум, ҷумлаи пайрави сеюм (сабаб) — «*пулаш чун обу ҳаво зарур аст*» бо пайвандаки «***ки***» ба ҷумлаи пайрави дуюм пай дар пай тобеъ шудаанд.

Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеи дараҷа ҷумлаҳои пайрав пеш аз сарҷумла низ омада метавонанд.

**Мисол:** Агар яке аз ин одамонро, ки duздии мутаваллиро тафтиш кардан мехоҳанд, ба болои иморат монанд, даҳ баробари мутаваллӣ дуздӣ мекунад (*С. Айнӣ*).

**Машқи 107.** Ҷумлаҳои мураккаби сертаркиби зеринро хонед, сарҷумла, ҷумлаҳои пайрав ва воситаи алоқаи онҳоро муайян кунед. Гӯед, ки онҳо ба кадом навъи ҷумлаҳои сертаркиб мансубанд.

1. Маро чунон хушрӯ карда зад, ки дар ҳамон вақт як занбару ду ҳаммол даркор шуд, ки маро то ба хона расонанд (*Ҳ. Карим*). 2. Як вақт Шоқул ба яке аз ятимҳояш фармуд, ки рӯйидаричаи ниҳолзорашро каландгардон карда алафи юнучқа корад ва хабардор шавад, ки то бех бастани юнучқаи нав мурғон вайро чида хӯрда хароб накунанд (*С. Айнӣ*). 3. Вай фикр дошт, ки ба бой вафот кардани Аҳмадҷони Машкобро хабар дода аз вай хоҳиш кунад, ки имрӯзу пагоҳ барои азодорӣ ва гӯру чӯби марҳум ба вай рухсат диҳад (*Ҷ. Икромӣ*). 4. Ба бобоям ин таклиф маъқул афтодааст, чунки бо вуҷуди ҳунарманд будан дар Соктаре аз касби дуредгарии худ дуруст фоида бурда наметавонист, зеро дар он ҷо ҳатто аз хешовандони худаш ҳам якчанд нафар дуредгарони ҳунарманд буданд (*С. Айнӣ*). 5. Ба ӯ ҳаргиз гуфтан намешавад, ки лаёқати эҷодӣ надорад, чунки худи ҳамон маҷмӯаи мавриди баррасӣ қарорёфта ҳикояву очеркҳои хуб дорад (*Ф. Муҳаммадиев*). 6. Оре, Одина худро аз ёри меҳрубони худ абадӣ ҷудошуда меангошт, зеро имрӯзҳо беморӣ ба ӯ чунон зӯр оварда буд, ки ба халос шудан аз ӯ ва дарёфтани висоли ёр ҳеҷ умед надошт (*С. Айнӣ*).

**Машқи 108.** Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиби зеринро нависед, сарҷумла, ҷумлаҳои пайрав, воситаи алоқаи онҳоро муайян кунед ва мулоҳизаи худро доир ба хели ҷумлаҳои пайрав гӯед.

1. Боз мегуфтанд, ки ӯ домуллоҳои калон, шайху эшонҳои соҳибкароматро ҳурмат намекунад ва назараш намегирад, ки ин ҳам як аломати кофирии ӯст (*С. Улуғзода*). 2. Модарам ҳамон рӯз маро ба хобидан маҷбур кард, ки шаб бедор нишаста тавонам, то ки саҳар хӯрокро дуруст хӯрам ва рӯзи ояндаро дар хоб гузаронам, ки гузаштани рӯз маълум нашавад (*С. Айнӣ*). 3. Дарвоқеъ бой аз куҷо медонист, ки Восеъ дар кӯҳистон, дар байни одамони дилсофе калон шудааст, ки дуздӣ, қаллобӣ, муттаҳамиро намедонанд (*С. Улуғзода*). 4. Онҳо Мулло Сафарро ҳамроҳи худашон ба кӯҳистон, ба зиёрати ёру диёр ва хешу табораш таклиф намуданд, зеро ӯ гуфта буд, ки дар Сарихосор хоҳару ҷиянҳо ва амакбачаҳо дорад (*С. Улуғзода*). 5. Сойи Носково майдони ҳамворе буд, ки дар ду тарафаш теппаҳои каҷу килеб кашол мешуданд, ки дар ҳар ҷо-ҳар ҷойи теппаҳо камари оббурда, дараҳои хурд-хурд воқеъ буданд (*Ф. Ниёзӣ*). 6. Баъд ҳаминро ҳам дон, ки ҳамаи онҳое, ки аз синфи бойҳо баромадаанд, хоин нестанд (*Ҷ. Икромӣ*).

## § 27. Пайвандак ва аломати китобат дар ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб

Ҷойи пайвандакҳо ва мавриди гузориши аломати китобатро дар ҷумлаҳои мураккаби ҳар ду сутун мушоҳида кунед. Гӯед, ки дар ҷумлаҳои мураккаби дар ин сутунҳо овардашуда кадом қоидаи умумии истифодаи пайвандакҳо ва аломатгузорӣ ба назар мерасад.

1. Чунон ки оташ обро дӯст намедорад, об ҳам оташро дӯст намедорад (*С. Айнӣ*).
2. Ин ҷоро зиндон мегӯянд ва яке аз бандихонаи амир аст (*С. Айнӣ*).
3. Нохост асп шиҳа кашиду Наргису Марҷона ғоиб шуданд (*Ҷ. Икромӣ*).

1. Вақте ки ҳама дар айвон ба сари дастархон нишастанд, вай нохост фармуд, ки Ризоро чеғ зананд (*С. Улуғзода*).
2. Хурсанд шудам, ки Тоҳироваро мебинаму фурсати сӯҳбат пайдо мекунам (*Р. Ҷалил*).
3. Ман ғайр аз таслим чораи дигар надорам, зеро агар ман таслим нашавам, албатта, Фузайл ё Диловаршоҳ маро хоҳанд кушт (*С. Айнӣ*).

Δ Дар ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб низ ҳамон пайвандакҳое истифода мешаванд, ки дар ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ истеъмол мегарданд:

**Мисол:** Ба назари ман, чи қадар ки меҳмонон зиёдтар оянд ва дертар нишинанд ва чи қадар ки дастархон фаровонтар шавад, янгаи Каромат ҳамон қадар хурсанд мешуд (*С. Улуғзода*). Он далерӣ, ки аз вай ба зери шамшери ясавул дида шуд, маълум буд, ки вай осон-осон ба зании дигар кас розӣ нахоҳад шуд (*С. Айнӣ*).

Мавриди гузориши аломати китобат дар ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб ба ҳамон қоидаи аломатгузорӣ, ки дар боби ҷумлаҳои мураккаб мушоҳида кардем, мувофиқ аст, яъне ҷумлаҳои пайрав аз сарҷумла бо аломати вергул (**,**) ҷудо карда мешаванд.

**Мисол**: Баъд аз он ман дар ҷавоби ту байте мехонам, ки ҳарфи аввали вай ба ҳарфи охири байте, ки ту хондаӣ, як бошад. Ин ҷавон ба гуфтушунид қодир бошад ҳам, ба сабаби фоҷиае, ки ногаҳонӣ дучор шудааст, хеле бемадор шуда буд, ки қуввати аз ҷо ҷунбидан надошт (*С. Айнӣ*).

Азбаски ҷумлаҳои пайрави чида бо ҳамдигар на бо тарзи тобеъ, балки бо тарзи пайваст алоқаманд мешаванд, мавриди гузориши ало-

мати китобат дар байни онҳо ба қоидаи аломатгузории ҷумлаҳои мураккаби пайваст мувофиқ меояд. Дар мавриди дар байни ҷумлаҳои пайрави чида истифода шудани пайвандакҳои пайвасткунандаи пайиҳам **(ва, -у (-ю)** ҳеҷ гуна аломат гузошта намешавад, аммо дар мавридҳои дигар вергул гузошта мешавад: Гӯй, ки ту маро кай боз мешиносӣ ва ман туро дар куҷо дидаам? Агар пул нарӯяд ва ё он одам пули доданӣ надошта бошад, «дузд» гӯён ба зиндон мефиристод, ё ба сарбозии амир медод (*С. Айнӣ*). Баққол баъд аз дур шудани деҳқон гӯё ҳеҷ коре нашуда бошад, ё ягон кори оддие ба вуқӯъ омада бошад, хандакунон ба одамон нигоҳ кард (*С. Айнӣ*).

Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб бо ҷумлаҳои пайрави дараҷа дар як ҷо омадани ду пайвандаки тобеъкунанда мумкин аст. Дар ин маврид дар байни пайвандакҳои тобеъкунанда ҳеҷ гуна аломат гузошта намешавад: Лекин ӯ хуб медонист, ки агар инро бурданӣ шавад, худаш аз ин дараи «Тангниҳон» ҷон ба саломат бурда наметавонад (*С. Айнӣ*). Одина аз пеши Сангин ба хонаи худ баргашт, лекин бо як алам, маъюсӣ ва ноумедӣ баргашт, зеро вақте ки ҳамроҳи худ бурдани модаркалонаш ва фотиҳахондаашро муқаррар карда буд, дилаш аз ғояти шодӣ ва хуррамӣ чун хуми шароб меҷӯшид (*С. Айнӣ*).

**Машқи 109.** Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркибро нависед. Сарҷумла ва ҷумлаҳои пайравашонро муайян карда, аломатҳои китобати онҳоро эзоҳ диҳед.

1. Агар ранги сабзи сабзаҳои канори ин ҷӯйча нури биниши шуморо нигоҳдорӣ намекард, тобиши ин об, ки аз аксандозии ситорагони офтобваш пайдо шудааст, чашматонро мебурд (*С. Айнӣ*). 2. Дар ин дам овози чапакзанӣ, ки аз дур шунида шуд, ба онҳо хабар дод, ки дар клуб консерт сар шудааст (*Ҷ. Икромӣ*). 3. Бозор, ки аз пайи мурод у мақсади бисёре мегашт, аз пеши ин бемори барҷомонда бепарво нагузашт, агарчи панҷ дақиқа аз дунболи рама пас монда бошад ҳам, ин дар роҳ афтодаро бардошта ба пеши даре, ки вай нишон дода буд, расонид (*С. Айнӣ*). 4. Вақте ки гап ба сари ислоҳоти замин расиду аз рӯйхати заминдорон Ҳамзаев ном бойе баромад, Салимбой дар бораи падари вай ҳикояти аҷиберо сар кард (*Р. Ҷалил*). 5. Пагоҳу бегоҳ як косагӣ ду коса ширро ба саг медиҳем, зеро агар ба вай нони бешир диҳем, каҳр мекунад (*С. Айнӣ*).

**Машқи 110.** Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиби зеринро бо тартиби зерин нависед: 1) бо ҷумлаҳои пайрави чида, 2) бо ҷумлаҳои пайрави ғайричида, 3) бо ҷумлаҳои пайрави дараҷа.

1. Баъд маълум шуд, ки модараш розигӣ надодааст, ки ӯ ба район рафта кор кунад (*П. Толис*). 2. Восеъ офтобаи сафолинро, ки дар он Ризо барояш оби чашма оварда буд, дар дасташ нигоҳ медошт, ки об нӯшад (*С. Улуғзода*). 3. Он маҳале, ки дирӯз ҳамин вақт хомӯш буд ва овози якта ҳам тир намебаромад, акнун ба хатти аз ҳама пештари ҷанг табдил ёфта буд (*Ф. Ниёзӣ*). 4. Ман аз ӯ хоҳиш кардам, ки созандагонро ба рафтан намонад, чунки онҳо ба ман бисёр хуш омада буданд (*С. Айнӣ*). 5. Агар Ҳайдарқулро огоҳ накунӣ, кор бад мешавад, зеро худи миршаб аз ин кор хабардор шудааст (*Ҷ. Икромӣ*). 6. Одина дар болои тахтасанг гоҳ ба ин паҳлу гоҳ ба он паҳлу ва гоҳо пуштнокӣ ёзида, оқибат хобаш бурд, дигар надонист, ки рама куҷо рафт, маркаб чӣ кард ва ҳезум чӣ шуд (*С. Айнӣ*).

### *Савол ва супоришҳо*

1. Ҷумлаи мураккаби сертаркиб чист?
2. Фарқи ҷумлаи мураккаби сертаркибро аз ҷумлаи мураккаби дутаркиба фаҳмонед.
3. Ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб чанд хел мешаванд?
4. Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркибро ба чанд гурӯҳи калон ҷудо мекунанд?
5. Ҷумлаи мураккаби сертаркиби чида чист?
6. Ҷумлаи мураккаби сертаркиби ғайричидаро шарҳ диҳед.
7. Ҷумлаи мураккаби сертаркиби дараҷаро фаҳмонед.
8. Тафовути байни навъҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркибро эзоҳ диҳед.
9. Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб кадом пайвандакҳо истифода мешаванд?
10. Мавриди гузориши аломати китобатро дар ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб шарҳ диҳед.

## § 28. Ҷумлаҳои мураккаб бо рабти гуногун (Ҷумлаҳои мураккаби омехта)

Ҷумлаҳои мураккаби сертаркиби ҳар ду сутунро мушоҳида кунед. Сарҷумла ва ҷумлаҳои пайрави онҳоро ёбед. Алоқаҳои дастурии байни ҷумлаҳои соддаро муайян карда, мавриди истифодаи алоқаи пайвастро шарҳ диҳед.

1. Ин аҳволе, ки шумо дидед ва ман барои ибрат шуморо ин ҷо оварда, ин ҳолро нишон додам, аҳволи зоҳирии қаландарон аст (*С. Айнӣ*).

1. Дар зери як соботи ҳавлии бой тарозуи калон овезон буд ва бо он тарозу ғӯзаҳои деҳқонҳоеро, ки дар навбат истода буданд, бармекашиданд (*С. Айнӣ*).

2. Агар онҳо меомаданду шумо гӯш мекардед, ҳамаи дарди дилам-ро як-як гуфта медодам (*Р. Ҷалил*).

2. Яке аз тракторчиён сухан меронд, Ҳошим-Корвон чунон бо шавқ гӯш меандохт, ки пайдо шудани Шодигулро надониста монд (*С. Улуғзода*).

∆ Дар забони адабии тоҷик ҷумлаҳои мураккаби сертаркибе мавҷуданд, ки бо рабти гуногун ташкил ёфтаанд, яъне дар байни ҷумлаҳои соддаи онҳо ҳар ду навъи алоқаи дастури забон (ҳам алоқаи пайваст ва ҳам алоқаи тобеъ) истифода шудаанд. Ин гуна ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб дар натиҷаи яке аз ҷумлаҳои соддаи баробарҳуқуқи таркиби ҷумлаи мураккаби пайвастро шарҳ додани ягон хели ҷумлаҳои пайрав ба вуҷуд меоянд. Масалан, ҷумлаи мураккаби сертаркиби «*Вай ба касе сир намедод, вале мақсади омаданаш ин буд, ки аҳволи моро фаҳмида гирад*» дар натиҷаи хабари ҷумлаи соддаи дуюми ҷумлаи мураккаби пайваст (*Вай ба касе сир намедод, вале мақсади омаданаш ин буд*) — «*ин буд*»-ро эзоҳ додани ҷумлаи пайрави хабар (аҳволи моро фаҳмида гирад) ба вуҷуд омадааст. Дар ин ҷумлаи мураккаби сертаркиб дар байни ҷумлаҳои соддаи баробарҳуқуқ алоқаи пайвасти хилофӣ (пайвандакаш «*вале*»), аммо дар байни сарҷумлаи ҷумлаи соддаи дуюми баробарҳуқуқ (*мақсади омаданаш ин буд*) ва ҷумлаи пайрави хабар (*аҳволи моро фаҳмида гирад*) алоқаи тобеъ (пайвандакаш «**ки**») истифода шудааст. Азбаски рабти ҷумлаҳои содда дар ин навъи ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб гуногунанд, онро ҷумлаи мураккаби сертаркиби омехта низ мегӯянд.

**Ҷумлаи мураккаби сертаркибе, ки аз се ва ё зиёда ҷумлаҳои содда дар асоси ҳар ду навъи алоқаи дастури забон (ҳам алоқаи пайваст ва ҳам алоқаи тобеъ) ташаккул меёбад, *ҷумлаи мураккаби сертаркиби омехта* ном дорад.**

Ҷумлаҳои мураккаби сертаркиби омехта аз ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб бо ҷумлаҳои пайрави чида, ки дар онҳо низ ду навъи алоқа (пайваст ва тобеъ) истифода мешаванд, фарқ доранд. Дар ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб бо ҷумлаҳои пайрави чида алоқаи пайваст дар байни ҷумлаҳои пайрави чида, вале дар ҷумлаҳои

мураккаби омехта алоқаи пайваст дар байни ҷумлаҳои соддаи бробарҳуқуқ мушоҳида мешавад.

Бе пайвандак бо оҳанги гуфтор бо ҳам алоқаманд шудани яке аз ҳиссаҳои ҷумлаи мураккаби омехта низ ба назар мерасад. **Мисол:** Гуфтугӯйи онҳо қариб як соат тӯл кашид, чойе, ки Саодатбибӣ оварда буд, ба пиёлаҳо рехта нашуда хунук шуд (*Р. Ҷалил*). Нормурод як колхозчии фаъол бошад ҳам, як одами соддадил аст, аз вай ҳар сирро фаҳмидан мумкин аст (*С. Айнӣ*).

**Машқи 111.** Ҷумлаҳои мураккаби сертаркиби омехтаро хонед, сарҷумла, ҷумлаи пайрав ва ҷумлаи соддаи мустақилро муайян кунед. Гӯед, ки пайвандакҳои пайвасткунанда ва тобеъкунанда ба кадом вазифа омадаанд.

1. Дар ҳамин асно садои форами най ба гӯш расид ва ӯ ҷӯпонро дид, ки дар масофаи ягон сад қадам дуртар аз рама дар рӯйи тахтасанге чун ҳайкал рост истодааст ва най менавозад (*Р. Ҷалил*). 2. Саида ба танқиди Аминҷон чизе нагуфт, аммо аз ҳеҷ кас пинҳон намонд, ки якбора димоғаш сӯхта, қавоқашро андохт (*П. Толис*). 3. Дар тарафи дигари ин хона як суфаи васеи баланд буд ва бар рӯйи вай як лаълии тахтагини бисёр васеъ, ки қутраш — кӯндалангиаш тахминан ду метр меомад, ниҳода шуда буд (*С. Айнӣ*). 4. Заминҳои ин деҳа ҳосилхез буда, дар онҳо киштҳои гуногун мерасиданд ва аз шолӣ гирифта то сабзавот, ки киштҳои серобталаб мебошанд, дар ин деҳа кишта мешуданд (*С. Айнӣ*).

**Машқи 112.** Ҷумлаҳои мураккаби омехтаро нависед, хели ҷумлаҳои пайраврро муайян кунед. Гӯед, ки дар байни ҷумлаҳои содда кадом навъҳои алоқа ба мушоҳида мерасанд.

1. Дар хона чароғ даргирифт ва мӯйсафеде, ки чашмони хоболудашро аз рӯшноии чароғ нимпӯш мекард, дарро ба рӯйи онҳо кушод (*П. Толис*). 2. Нуралӣ ба зудӣ аз захми тир сиҳат шуда, ба саф баргашт, аммо Боровиков, ки пораи мина дар байни устухони пояш дармонда буд, барои табобат ба ақибгоҳи дур фиристода шуд (*С. Улуғзода*). 3. Боз як-ду сухани хуши тағоиям ва панду насиҳати мӯйсафедон деҳқонбачаро бовар кунонд, ки савоб аз пул дида авлотар аст ва ӯ ҳамаи бодирингашро баркашида дод (*П. Толис*). 4. Вақте ки кораш барор гирад, ба касе нигоҳ намекунад, мо ин характери ӯро аз аввал медонистем (*П. Толис*). 5. Ҳар ду ҳам нағз ҳис мекарданд, ки хомӯширо барҳам додан

зарур аст, аммо ҳеҷ кадоми онҳо ҷуръат намекард, ки аввалин шуда лаб во кунад (*П. Толис*). 6. Субҳ наздик шуд, аммо ҳанӯз абри сиёҳ, ки шарқи ҷанубии кӯҳистони тоҷикро фаро гирифтааст, ба сафед шудани рӯз роҳ намедиҳад (*С.Айнӣ*).

## § 29. Роҳҳои ташаккули ҷумлаи мураккаби омехта

Ҷумлаҳои мураккаби омехтаро мушоҳида кунед. Онҳоро ба ҳиссаҳои ҷумлаи мураккаби тобеъ ва ҷумлаи соддаи мустақил ҷудо карда, ҷойи ҳиссаи ҷумлаи мураккаби тобеъро муайян намоед.

1. Ҳаллоҷиҳо монанди чархи аробаи дар лоймонда ғичиросзанон бисёр бо сустӣ мегардиданд, рафта-рафта дасти коргарон он қадар суст шуд, ки пунбадонаи тирхоидаро бо ду-се пас гардондан ҳам гузаронида наметавонистанд (*С. Айнӣ*). 2. Мошинае, ки дӯсти маро мебурд, аз назар ғоиб шуд, вале овози ӯ ҳанӯз дар гӯшони мо садо медод (*Ҷ. Икромӣ*). 3. Дар ҳолате ки обу арақ сару рӯяшонро зер карда буд, аз ҳавлӣ баромаданд ва ман ҳис кардам, ки шикорашон барор нигирифтааст (*С. Айнӣ*).

Δ Аз мушоҳидаи мисолҳо бармеояд, ки дар ҷумлаҳои мураккаби омехта ҳиссаи содда метавонад пеш аз ҳиссаи мураккаби тобеъ ва ё баъд аз он воқеъ гардад. Ҷумлаҳои мураккаби омехтае низ ҳастанд, ки ҳар ду ҳиссаашон ҳам аз ҷумлаҳои мураккаби тобеъ иборатанд. Ин маънӣ далели он аст, ки ҷумлаҳои мураккаби омехта бо роҳҳои гуногун ташкил меёбанд:

**1. Ҳиссаи содда (ҷумлаи соддаи мустақил) пеш аз ҳиссаи мураккаби тобеъ меояд:** Акнун шумоён ба ман тани гапро гӯетон, агар мумкин бошад, ман чораашро хоҳам дид (*С. Айнӣ*). Ман имрӯз бо ҳамроҳии муфаттиш ба пеши Барака рафта будам, дардаш хатарнок набошад ҳам, ҳоло мадор надорад (*Ҷ. Икромӣ*).

**2. Ҳиссаи содда баъд аз ҳиссаи мураккаби тобеъ воқеъ мегардад:** Инженер мехост, ки ба он коргар ҷавоб диҳад, аммо раиси маҷлис ӯро ба хомӯш истодан таклиф кард (*С. Айнӣ*). Ман ҳозир ба бозор фаромада будам, ки нархи бодирингро фаҳмида биёям, не, бодиринг дар бозор набудааст (*П. Толис*).

**3. Дар шакли ҷумлаи мураккаби тобеъ омадани ҳар ду ҳисса низ яке аз қолабҳои маъмули ҷумлаи мураккаби омехта ба шумор меравад:** Ба шумо гуфта монам, ки ман раис намешавам ва агар маро

раис хостанӣ шаванд ҳам, ман қабул намекунам (*С. Улуғзода*). Стансияи электрикӣ, ки пеш аҳён-аҳён кор мекард, таъмир карда шуд ва акнун шабе нест, ки қишлоқ сар то по чароғон набошад (*П. Толис*).

**Машқи 113.** Ҷумлаҳои мураккаби омехтаро хонед, ҳиссаи содда ва мураккаби тобеи онҳоро муайян карда, ҷойи ҳиссаи соддаро нишон диҳед.

1. Дар рӯйи синаи ту орденҳо мебинам, маълум мешавад, ки ту бо душманҳо сахт ҷангидаӣ (*С. Улуғзода*). 2. Сабаби бисёр шудани ҳосил ин буд, ки ҳама коллективона аз як гиребон сар бароварда кор мекарданд, ӯ бошад инро фаҳмида наметавонад (*П. Толис*). 3. Вай ба касе сир намедод, вале мақсади омаданаш ин буд, ки аҳволи моро фаҳмида гирад (*П. Толис*). 4. Ӯ падар ва ду додар дошт, ки онҳо дар он ҳавлӣ зиндагонӣ мекарданд, худаш хонадор буду шабҳои таътил дар ҳавлӣ ва шабҳои таҳсил дар ҳуҷра буд (*С. Айнӣ*). 5. Ҳозир звенои ӯ аз мо камтар пеш гузашт, аммо мо ҳам ҳаракат карда истодаем, ки ба вай баробар шавем (*П. Толис*). 6. Шодӣ нооором шуда мехост, ки хайру хуш карда баромада ба кофтуков равад, якбора аз кӯча овози Муқим баланд шуд (*Ҷ. Икромӣ*).

**Машқи 114.** Ҷумлаҳои мураккаби омехтаро нависед, хели ҷумлаҳои пайрав ва пайвандакҳояшонро муайян кунед. Гӯед, ки ин ҷумлаҳо ба кадом қолаби ҷумлаҳои мураккаби омехта мансубанд.

1. Абри сиёҳ, ки аз тарафи ғарб бархоста буд, рӯйи шафақи шомиро гирифт ва дунёро тамоман шаби торик гардонид (*С. Айнӣ*). 2. Ороиши хона ва дастурхонкашии давлатмандона Олимҷон ва Зебинисоро каму беш дар ҳайрат мононданд, лекин онҳо ҳанӯз намедонистанд, ки модарони қадхамидаашон барояшон аз ин ҳам зиёдтар корҳоро карда метавонанд (*Ҳ. Карим*). 3. Ҳезумкашон ҳанӯз бисёр дур нарафта буданд, ки Офтоб фурӯ рафт ва торикии шабро, ки ба сабаби фурӯ рафтани Офтоб сар шуда буд, гирбоди сахте бархоста тиратар кард (*С. Айнӣ*). 4. Овози Пӯлод ба гӯши Гулрӯ бегона расид, ӯ он овозеро, ки ду бор дар ду ҷо шунавида буд, бо ин овоз муқоиса мекард (*Р. Ҷалил*). 5. Ҷанҷолҳое, ки дар болои моли дуздӣ шуда буд, аз хотирҳо баромад, палав бо хандаву шӯхӣ хӯрда шуд (*С. Айнӣ*). 6. Мо бамавқеъ мегӯем, ки танқид оинадори адабиёт аст, аммо худамон фурсат ва ҳавсала намеёбем, ки рӯйи ин оинаро аз чангу ғубори чандинвақта пок кунем (*Ф. Муҳаммадиев*).

## § 30. Аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои мураккаби омехта

Ҷумлаҳои зеринро мушоҳида намоед, ҳудуди ҷумлаҳои соддаи онҳоро муайян карда, ба мавриди гузориши аломати вергул зеҳн монед. Гӯед, ки ҷумлаҳои мураккаби омехта дар аломатгузорӣ ба кадом навъҳои ҷумлаи мураккаб монанд аст.

1. Ин бинои нав дар қишлоқ аз ҳама баланд меистод, зеро ки ҷойи бино дар баландӣ буд ва худи бино дуқабата ва бошукӯҳ шуда буд (*Ҷ. Икромӣ*). 2. Гулрӯ аз ақиби он нигоҳ мекарду мефаҳмид, ки чӣ гуна қуввате ӯро паси онҳо тела медиҳад, аммо пояш латта барин шуда буд (*Р. Ҷалил*). 3. Гапи ӯ ба Абдунабӣ сахт расид, ё вай бефоида будани пурсуҷӯйи худро ҳис кард, ки дигар ҳарфе назада, хомӯшона ба варақ задани дафтараш овора шуд (*П. Толис*). 4. Албатта, дар ин дафтар порчаҳое буданд, ки ба «Наводирулвақоеъ» дароварда нашуда буданд ва инчунин чизҳое ҳам буданд, ки баъд аз тамом шудани таълифи ин китоб навишта шуда буданд (*С. Айнӣ*).

Δ Азбаски дар ҷумлаҳои мураккаби омехта ҷумлаҳои содда дар асоси ҳар ду навъи алоқаи наҳвӣ (алоқаи пайваст ва алоқаи тобеъ) корбаст шудаанд, дар байни онҳо аломатҳои китобат мувофиқи қоидаи аломатгузории ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ гузошта мешаванд.

Агар дар як таркиби наҳвӣ якчанд хели ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб омада бошанд, ҷумлаҳо ба гурӯҳҳои наҳвӣ ҷудо карда мешаванд. Дар ин маврид дар байни ҷумлаҳои мураккаб аломати нуқтавергул (;)гузошта мешавад. **Масалан**: Шодӣ акнун сесола шуда бошад ҳам, калонворона рафтор мекард, ӯ, аз як тараф, худро аъзои соҳибҳуқуқи хонадон донад, аз тарафи дигар, худро соҳибвазифа ҳам медонист, ӯ акнун барои бозӣ на танҳо аз модараш ёрмандӣ талаб намекард, балки кӯшиш мекард, ки ба корҳои рӯзгории модараш ёрмандӣ ҳам расонад: агар модараш шир пухтан хоҳад, хезумро ба сари оташдон ӯ меовард; агар модараш гуппӣ заданӣ ва маска ҷудо карданӣ шавад, офтобаи обро ба сари гуппӣ ӯ меовард; агар модараш ҷомашӯӣ кунад, бо дасткаду аз дег оби гарм гирифта ба тағораи ӯ меандохт (*С. Айнӣ*).

**Машқи 115.** Ҷумлаҳои мураккаби омехтаи зеринро нависед, аломатҳои китобатро гузошта, аз чанд ҷумлаи содда иборат будани онҳоро муайян намоед.

1. Ман ба ёбон баромада ба осонӣ ҷувориро об додам чунки об бисёр буд ва мардум бемор буданд ва аз лаби ҷӯйи калон обро кушодам худаш омада заминро пур кард (*С. Айнӣ*). 2. Ҳарчанд он ҷоро боре дида буд ба дилаш шӯълаи умед афтоду боз хабар гирифтан хост (*М. Ҳоҷаев*). 3. Яке аз шахсиятҳои абадзинда алломаи фарзонаи тоҷик Абӯалӣ ибни Синост ки дар тӯли ҳазор сол дардҳои бани башарро даво мекунад ҳамеша бо авлоди одам ҳамдарду ҳамдам аст ва имрӯз инсонияти миннатдор барои бузургдошти рӯҳи лоязоли ӯ ҳайкалҳо меафрозад шеъру достону роман филмҳову мусаввараҳо меофарад (*Л. Шералӣ*). 4. Дари хона боз ҳамон тавр бесадо во шуда аз он зани хеле калонсол ки рӯяш чин пайдо карда муйҳояш якта-нимта сафед шуда буданд даромада омад (*П. Толис*). 5. Бинобар ин ба ман лозим буд ки ба ҳаминҳо тӯй карда диҳам хешовандон ва ошноҳои соктарегиам бошанд ба ҳамин ҷо меоянд (*С. Айнӣ*).

**Машқи 116**. Ҷумлаҳоро хонед, сарҷумла ва ҷумлаҳои пайравашонро ёфта, хели онҳоро муайян кунед. Гӯед, ки онҳо ба кадом навъи ҷумлаи мураккаби сертаркиб мансубанд.

1. Рафиқам гап мезаду ба роҳ бодиққат нигоҳ мекард, лекин мо ҳис мекардем, ки вай ба фикри мо шарик не (*С. Айнӣ*). 2. Аммо ман баръало дидам, ки дар чашмони мӯйсафеди хамидақомате, ки ба дӯкони рӯзномафурӯшӣ такя карда меистод, ашк медурахшид (*Ф. Муҳаммадиев*). 3. Пеш аз он ки Шариф ба Одина аз хонаводаи ӯ хабаре расонад, маро лозим аст, ки баъд аз сафари дуввуми Одина ба Фарғона воқеаҳои ба вай дахлдорро ба хонандагон ҳикоя намоям (*С. Айнӣ*). 4. Акнун ту ба ин бачаи ғариб боз як бор модарӣ кун, аз вай хабардор бош, ки пеш аз вақт нахезад, ё болояш кушода нашавад (*С. Улуғзода*).

## § 31. Ҷумлаи мураккаби бепайвандак

Ҷумлаҳоро хонед ва гӯед, ки ба ҷойи вергул кадом пайвандакро гузоштан мумкин аст.

1. Рӯз шуд, садои гумбур-гумбур шиддат кардан гирифт (*С. Айнӣ*). 2. Ман дидам, ҳанӯз ҷароҳатҳои кафи пойи ӯ намоён буданд (*С. Айнӣ*). 3. Ману модарамро ба ин тараф кӯчониданд, модарам дар роҳ ҳалок шуд (*Ф. Муҳаммадиев*).

**Ҷумлаи мураккабе, ки ҷумлаҳои соддаи таркиби он бепайвандак (бо воситаи оҳанг) ташаккул ёфтааст, *ҷумлаи мураккаби бепайвандак* номида мешавад.**

**Мисол**: Ҳар кӣ бо бадон нишинад, некӣ набинад (*Зарб*). Кайвонӣ бисёр шуд, хона норӯфта монд (*Зарб*).

Дар ин гуна ҷумлаҳои мураккаб ҷумлаҳои соддаи таркиби онҳо бепайвандак алоқаманд мешаванд. Дар ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак оҳанг воситаи алоқаи ҷумлаҳои содда мебошад.

Дар ифодаи муносибатҳои маъноӣ имконияти ҷумлаҳои мураккаби пайвандакдор назар ба ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак бештар аст. Дар ҷумлаи мураккаби пайвандакдор муносибати маъноӣ хеле рӯшан ва барҷаста ифода мегардад. Дар чунин ҷумлаҳо пайвандакҳо имкони рӯшантар ифода гаштани муносибатҳои маъноиро фароҳам меоваранд. Масалан, пайвандаки «*агар*» муносибати шарт, «*азбаски*» муносибати сабаб, «*вақте ки*» муносибати замон, «*аммо*» муносибати хилофиро ифода менамояд. Сабаби дигари барҷаста ифода нагаштани муносибатҳои маъноӣ дар ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак дорои тобишҳои гуногуни маъноӣ будани ҷумлаҳои пайрав мебошад. Чунончи, муносибати маъноии ҷумлаи «*Вай ояд, ман меравам*»-ро шартӣ гуфтан мумкин аст, вале ин гуна ҷумлаҳо ҳам бо пайвандаки шарт (*Агар ояд, ман меравам*), ҳам бо пайвандаки замон (*ҳамин ки ояд, ман меравам*) омада метавонанд, ки дар яке маънои шарт, дар дигаре маънои замонро ифода мекунанд.

**Машқи 117.** Ҷумлаҳои мураккаби бепайвандакро нависед, сарҷумла ва ҷумлаҳои пайравашонро ёфта, хели ҷумлаҳои пайравро муайян кунед.

1. Рӯзе аввали пагоҳӣ чашм кушодам, дар паҳлӯям додарам хобида буд (*С. Айнӣ*). 2. Мо хабар дорем, роману повестҳои устодони маъруф бидуни баҳсу мунозираҳо ба нашр тавсия мешаванд (*Ф. Муҳаммадиев*). 3. Бо ин ҳол кӯча бароӣ, боз дарди поят хурӯҷ мекунад (*М. Хоҷаев*). 4. Дар вақти рафту омадани ин аждаҳо баногоҳ дар сари роҳаш касе бархӯрад, он касро зинда ва нахоида фурӯ мебурдааст (*С. Айнӣ*). 5. Мудирият ҳаракат мекард, моро дар дорулмуаллимин нигоҳ дорад (*С. Улуғзода*). 6. Ман дидам, ҳанӯз ҷароҳатҳои дирӯзаи кафи пойи ӯ намоён буданд (*С. Айнӣ*).

**Машқи 118.** Ҷумлаҳои мураккаби тобеи бепайвандакро хонед. Сарҷумла ва ҷумлаи пайравро муайян кунед. Гӯед, ки дар байни сарҷумла ва ҷумлаҳои пайрав кадом аломати китобат гузошта мешавад.

1. Садои милтиқ намебаромад хабардор намешудем (*Р. Ҷалил*). 2. Бозиашон бароям ношинос буд чизе нафаҳмидам (*Ф. Муҳаммадиев*). 3. Вай намеомад ҳоли ман чӣ мешуд (*Р. Ҷалил*). 4. Розе нест ошкор нашавад (*Р. Ҷалил*). 5. Хуб шумо намехӯрда бошед ман мехӯрам (*С. Айнӣ*). 6. Аз ҷунҷишк тарсӣ арзан макор (*зарб*). 7. Дар кушода нашуд аз берун баста буд (*С. Айнӣ*). 8. Ин қадар қомат дар ман башад кӯҳро зада талқон мекунам (*Р. Ҷалил*).

## *Савол ва супоришҳо*

1. Ҷумлаи мураккаби омехта чист?
2. Ҷумлаи мураккаби омехта аз ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб бо кадом хусусиятҳояш фарқ мекунад?
3. Дар ҷумлаҳои мураккаби омехта кадом навъҳои алоқаи наҳвӣ ба мушоҳида мерасанд?
4. Пайвандакҳои дар ҷумлаи мураккаби омехта истифодашаванда ба кадом навъҳои пайвандакҳо мансубанд?
5. Гӯед, ки фарқи ҷумлаи мураккаби омехта аз ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави чида дар чист?
6. Дар ҷумлаи мураккаби омехта кадом аломатҳои китобат истифода мешаванд?
7. Аз асарҳои бадеӣ оид ба ҷумлаҳои мураккаби омехта мисолҳо ҷамъ кунед.
8. Ҷумлаи мураккаби бепайвандак чӣ гуна ҷумлаи мураккаб аст?

## САВОЛҲОИ ТЕСТӢ

**1. Ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб бо назардошти мавқеи сарҷумла ва ҷумлаҳои пайрав чанд хел мешавад?**

А) ду хел
Б) се хел
В) чор хел
Г) панҷ хел
Д) шаш хел

**2. Қоидаи «Ҷумлаи мураккаби сертаркибе, ки аз се ва зиёда ҷумлаҳои содда тавассути алоқаи тобеъ ташкил ёфтаанд» ба кадом навъи ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб мансуб аст?**

А) ба ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб
Б) ба ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави чида
В) ба ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави ғайричида
Г) ба ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави дараҷа
Д) ба ҷумлаи мураккаб бо рабти гуногун

**3. Қоидаи «Ҷумлаи мураккаби тобеи сартаркибе, ки дар онҳо ду ва ё зиёда ҷумлаҳои пайрави гуногун ё якхела ба як сарҷумла тобеъ шуда, онро аз ҳар ҷиҳат эзоҳ медиҳанд» ба кадом навъи ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб мансуб аст?**

А) ба ҷумлаи мураккаби пайвасти сертаркиб
Б) ба ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави чида
В) ба ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави ғайричида
Г) ба ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави дараҷа
Д) ба ҷумлаи мураккаб бо рабти гуногун

**4. Қоидаи «Ҷумлаи мураккаби сертаркибе, ки аз се ва зиёда ҷумлаҳои содда дар асоси ҳар ду навъи алоқаи дастури забон ташкил меёбад» ба кадом навъи ҷумлаи мураккаби сертаркиб тааллуқ дорад?**

А) ба ҷумлаи мураккаби пайвасти сертаркиб
Б) ба ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави чида
В) ба ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави ғайричида
Г) ба ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави дараҷа
Д) ба ҷумлаи мураккаб бо рабти гуногун

**5. Ҷумлаи мураккаб бо рабти гуногун бо чанд роҳ ташаккул меёбад?**

А) бо ду роҳ
Б) бо се роҳ
В) бо чор роҳ
Г) бо панҷ роҳ
Д) бо шаш роҳ

**6. Ҷумлаи «Меҳнат кунӣ, роҳат мебинӣ» ба кадом навъи ҷумлаҳои мураккаб мансуб аст?**

А) ба ҷумлаи мураккаби пайвасти сертаркиб
Б) ба ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб
В) ба ҷумлаи мураккаби сертаркиби омехта
Г) ба ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак
Д) ба ҷумлаи мураккаби пайвандакдор

# АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ ДАР ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ БЕПАЙВАНДАК

Муносибати маънoии байни ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак ба мазмуни худи ҷумлаҳои содда ва шаклҳои феълии хабари онҳо вобаста буда, дар нутқ ба воситаи оҳанг ва дар навишт тавассути аломатҳои китобат рӯшан мегардад.

## § 32. Аломатҳои вергул ва нуқтавергул дар ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак

Ҷумлаҳои мураккаби бепайвандакро бо оҳанги мувофиқ хонед ва ҳудуди ҷумлаҳои соддаи таркиби онҳоро муайян кунед. Гӯед, ки дар ин ҷумлаҳо кадом пайвандакҳоро истифода бурдан мумкин аст.

1. Аз ин нуқтаҳо бо адибон ва хонандагон мунаққид сӯҳбат накунад, кӣ мекунад? (*Ф. Муҳаммадиев*). 2. Ароба мебуд, боз хубтар мешуд (*Р. Ҷалил*). 3. Ман ба боғ рафтам, дар он ҷо касе набуд (*С. Айнӣ*). 4. Рӯз шуд, Офтоб баромад, вақти кор расид; мардум ба сӯи канал раҳсипор гардиданд.

**Аломати вергул дар байни ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаи мураккаби бепайвандаке гузошта мешавад, ки дар онҳо ҳодисаю воқеаҳо паси ҳам воқеъ гардидаанд.**

∆ **Мисол**: Тирамоҳ гузашт, зимистони хунуки сербарф даромад (*С. Улуғзода*). Ман гурехтам, ӯ маро пеш кард (*С. Айнӣ*).

Дар байни ҷумлаҳои соддаи чунин ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак пайвандакҳои пайвасткунанда (*масалан ва*) гузоштан низ мумкин аст.

**Мисол:** Ман ба назди стол нишастам, ӯ ба ман чой дароз кард, ман гирифтам.

Аломати нуқтавергул дар ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак пеш аз ҷумлаи соддае гузошта мешавад, ки вай барои тафсили воқеаю ҳодисаҳои дар ҷумлаҳои соддаи пеш аз худ воқеъгашта омадааст ва пеш аз он аломати вергул истифода гаштааст.

**Мисол:** *Соҳиб саргарми кор буд, фикрҳо пайи ҳам омада ӯро ба ҳалли масъала наздик мекарданд; чойи пиёлаи дар наздаш истода кайҳо хунук шуда буд.*

**Машқи 119.** Ҷумлаҳои мураккаби бепайвандаки зеринро хонед, мавриди гузориши аломатҳои вергул ва нуқтавергулро муайян кунед.

1. Офтоб торҳои заррин ва навозишкори худро ба болои шаҳр бедареғ нисор мекард, насими форам аз беруни шаҳр бӯйи сабзаи навхезро меовард (*Ҷ. Икромӣ*). 2. Машшоқон боз машқҳо карданд, ҳофизон хонданд (*Р. Ҷалил*). 3. Рашидов ба ҷояш нишаст, Шодӣ ба маҷлис мурочиат кард (*Ҷ. Икромӣ*). 4. Тан ба ҷон зинда аст, ҷон зинда ба илм (*Н. Хисрав*). 5. Гап аз чӣ сар шуда ба куҷо мерафт, ҳоло касе аҳамият намедод (*Р. Ҷалил*). 6. Дар куҷо бо чӣ кор мегаштед, ман он вақт намедонистам (*Ҳ. Карим*). 7. Ҳаво соф буд, осмон ба ранги нилобии беғубор медурахшид; Офтоб пахн шуда тамоман ёбонро дар нури пурсурури худ ғарқ карда буд (*Ҷ. Икромӣ*).

**Машқи 120.** Ҷумлаҳои мураккаби бепайвандакро нависед, сабаби гузошта шудани аломатҳои вергул ва нуқтавергулро шарҳ диҳед. Гӯед, ки дар ин ҷумлаҳо кадом пайвандакҳоро истифода кардан мумкин аст.

1. Рӯз торик мешуд, домани Офтоби ба мағриб сармонда гулобиранг метофт (*Ҷ. Икромӣ*). 2. Шинакҳо сохта шуданд, дар онҳо ҷавонони мусаллаҳ ҷой гирифтанд (*С. Айнӣ*). 3. Шодӣ ба сари стол нишаст, Рашидов чой кашида монд (*Ҷ. Икромӣ*). 4. Қудрат расида омад, ҳама аз ҷой хеста бағал кушода бо вай вохурдӣ карданд (*С. Айнӣ*). 5. Акнун барф монда буд, ҳаво кушода, абрҳо бартараф гардида буданд (*С. Айнӣ*). 6. Вай барои ҳаёт мубориза мебурд, дар ин муҳориба ғолиб омад (*М. Турсунзода*). 7. Офтоб ба фурӯ рафтан сар кард, кӯҳҳои барфӣ ранги сафеди худро ба сурх мубаддал карданд; кӯҳҳои сиёҳро торикӣ фаро гирифт, аз дара бухор баланд шуд (*А. Деҳотӣ*).

**Машқи 121.** Зарбулмасалҳоро хонед ва шарҳ диҳед. Гӯед, ки барои шарҳи онҳо кадом пайвандакҳо заруранд. Ин зарбулмасалҳо ба кадом навъи ҷумлаҳои мураккаб мансубанд.

1. Кор кунӣ, нон мехӯрӣ. 2. Ба уштур савор шавӣ, роҳи дурро андеша кун. 3. Уштур гурусна монад, гарданашро дароз мекунад. 4. Бародари ман бошӣ, баробари ман бош. 5. Илм хоҳӣ, такрор кун, ҳосил хоҳӣ, шудгор кун. 6. Шайхро ҳунар нест, хонақоҳ танг аст. 7. Тоқати меҳмон надошт, хона ба меҳмон гузошт. 8. Аз гург тарсӣ, ба саҳро нарав. 9. Дарро задам, девор кафид. 10. Бофанда мурд, кафан наёфт.

## § 33. Аломати баён дар ҷумлаи мураккаби бепайвандак

Ҷумлаҳои мураккаби бепайвандаки зеринро хонед, муносибати маъноии ҷумлаҳои соддаи таркиби онҳоро шарҳ диҳед. Гӯед, ки ба ҷойи аломати баён кадом пайвандакҳоро истифода бурдан мумкин аст.

1. Хоби Ятим намебурд: ҳаво гарм ва дим буд (*С. Айнӣ*). 2. Шодигул рақсро бо шавқу завқ тамошо мекард: вай рақсҳои европагиро кам дида буд (*С. Улуғзода*). 3. Одаташ ҳамин: дар ҳавои вайрон ҳар вақт рафта, пахтаашро хабар мегирад (*Ф. Муҳаммадиев*). 4. Бегоҳии дер пинҳонӣ ба он ҷо рафта бо теша ва корди ош дар таги сафедори калон ду чуқурӣ кофтем: якташ хурдакак, дигараш калонтар ва чуқуртар (*С. Улуғзода*).

Аломати баён дар байни ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак дар мавридҳои зерин гузошта мешавад:

**1. Ҷумлаи соддаи дуюм сабаби амали ҷумлаи якумро эзоҳ диҳад:** Раҳим ҳеҷ касро наёфт: ҳамаи онҳо дар правления буданд (*С. Улуғзода*). Барои мошин телефон кардан лозим нест: ҳоло вақт бисёр аст.

**2. Ҷумлаи соддаи дуюм (ё гурӯҳи ҷумлаҳо) барои эзоҳи амали ҷумлаи якум воқеъ гашта, мазмуни онро баён кунад:** Шаҳр идона зинат дода шуда буд: дарвозаи ҳамаи ҳавлиҳоро байрақҳои сурх зеб медоданд, дар деворҳои муассиса ва идораҳо шиор ва портретҳо овехта буданд, боғу растаҳо оро ёфта буданд.

**3. Ҷумлаи дуюм мазмуни ҷумлаи якумро пурра кунад:** Худашон ба шумо гуфтагианд: соле се моҳ вақташон дар ҳамин ҷо мегузарад (*Ф. Муҳаммадиев*).

**Машқи 122.** Ҷумлаҳои мураккаби бепайвандакро хонед, ҳудуди ҷумлаҳои соддаи таркиби онҳоро муайян карда, мавриди гузориши аломати баёнро шарҳ диҳед.

1. Аммо ҳикояташ бароям ҳеҷ шавқовар набуд: вай аз бозор, аз дегҳои палав, аз нонҳои сафеди ширмол, аз кабобҳои хушбӯй сухан меронду халос (*С. Улуғзода*). 2. Ҳаминро гуфтанӣ ҳастам: ҷавонмардони ба аскарӣ рафтаистодаи мо боварии моро хуб медонанд (*Ф. Ниёзӣ*). 3. Баъд вазъияти ҷисмониаш ҳам дигар шудан гирифт: ӯ рӯз аз рӯз аз гӯшт мефуромад, лоғар мешуд, пӯсти баданаш ба халтаи холӣ монандӣ пайдо мекард (*С. Айнӣ*). 4. Ин гармии мулоқот шояд аз рӯйи анъанаи дери-

на бошад: бо ҷавонони дар аскарӣ хизмат кардаомада аз рӯйи таомул ва оҳанги махсус муомила мекунанд (*Ф. Муҳаммадиев*). 5. Хӯрҷини пур дар китфаш, вай тез-тез қадам монда роҳ мерафт, аз афти кор шитоб мекард: охир, дар хона ба ӯ ҳама кайҳо боз мунтазиранд! (*С. Улуғзода*).

**Машқи 123.** Ҷумлаҳои мураккаби бепайвандаки зеринро нависед, сабаби дар байни ҷумлаҳои соддаи онҳо гузошта шудани аломати баёнро шарҳ диҳед.

1. Қади ин одамҳо паст ва танаашон ғафс буда, либосашон ба либоси аҳли дарбор монандӣ надошт: ба сари онҳо телпаки мӯйрафтаи гӯсфандӣ, ба барашон ҷомаи серпахтаи кӯтоҳи ресмонӣ, миёнашон бо чилбур аз рӯй баста ва ба пояшон мӯзаи булғории пошнабаланд буд (*С. Айнӣ*). 2. Инак чил рӯз гузашт: аз вай дарак набуд (*С. Улуғзода*). 3. Муаммои ҳарина ниҳоят ҳал шуд: баробари сар шудани соати аёдат ба палата зани солхӯрдаи ситорагарме ворид гардид (*Ф. Муҳаммадиев*). 4. Дили Сайфидинов саҳл ором ёфт: инҳо ревизор набуданд (*С. Улуғзода*). 5. Ман дида истодаам: он се нафар сӯҳбаткунон меоянд.

## § 34. Аломати тире дар ҷумлаи мураккаби бепайвандак

Ҷумлаҳои мураккаби бепайвандаки зеринро хонед, муносибати маъноии ҷумлаҳои соддаи таркиби онҳоро маънидод кунед. Ба мавриди гузориши аломати тире зеҳн монед.

1. Ҷӯра ва Пӯлод аз мактаб баромаданд — аз ақиби онҳо бачаҳо хандиданд (*Р. Ҷалил*). 2. Ҳамаи ин чизҳо мурдаанд — танҳо ишқи зан зинда аст (*А. Деҳотӣ*). 3. Аз осмон борони сел меомад — вай ба ҳавлӣ намедаромад (*Р. Ҷалил*) 4. Ҳурмат кунӣ — ҳурмат мебинӣ (*Зарб.*).

**Аломати тире (—) дар байни ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаи мураккаби бепайвандак дар мавридҳои зерин гузошта мешавад:**

**1. Ҷумлаи якум замон ё шарти амали ҷумлаи дуюмро ифода намояд:** Субҳ дамад — ба роҳ мебароем. Кор кунӣ — нон мехӯрӣ.

**2. Ҷумлаҳои содда мазмунан хилофи якдигар бошанд:** Мошин ба роҳ баромаданӣ буд — сел омад. Вай мебоист имтиҳон медод — касалӣ халал расонд. Аъзои баданаш дард мекард — ба духтур намерафт.

**3. Ҷумлаи дуюм ифодагари хулосаву натиҷаи амали ҷумлаи якум бошад:** Ҳаво имсол хеле хуб омад — ҳосили фаровон гирифтем.

**Машқи 124.** Ҷумлаҳои мураккаби бепайвандаки зеринро хонед, муносибати маънонии ҷумлаҳои соддаи таркиби онҳоро муайян кунед ва сабаби гузошта шудани аломати тиреро шарҳ диҳед.

1. Ин хонаи мо нест — хонаи ҳамин духтарак аст (*Р. Ҷалил*). 2. Мурод ҷавони хуб аст — тарсончак ҳам мебошад (*Ф. Муҳаммадиев*). 3. Ҳукумат дорам — чӣ ғам дорам (*Зарб.*). 4. Вай ба мо нигоҳ кардан намехост — аз нигоҳ пинҳон шудан мехост (*Ф. Муҳаммадиев*). 5. Меҳнат фаровон мекунад — танбалӣ вайрон мекунад (*Зарб.*). 6. Вай намехандад — ҳаёт ба вай механдад (*А. Деҳотӣ*). 7. Об нашавад — алаф намешавад (*Зарб*). 8. Ҷону мол равад — номус наравад.

**Машқи 125.** Зарбулмасалу мақолҳои зеринро нависед ва шарҳ диҳед. Сабаби гузоштани аломати тиреро муайян кунед.

1. Одаму либос — хонаву палос. 2. Олими беамал — занбӯри беасал. 3. Сукут — аломати ризо. 4. Харидӣ — бурдӣ, фурӯхтӣ — сӯхтӣ. 5. Тарки одат — амри муҳол. 6. Кори шаб —хандаи рӯз. 7. Гӯсола бо гӯсола — ошнои садсола. 8. Аҳмади порина — савдогари Кармина. 9. Кӯшиши ҷавонӣ — роҳати пирӣ. 10. Рӯйи хуш — калиди дарҳои баста.

**Машқи 126.** Ҷумлаҳои мураккабро хонед, таркибашонро муайян кунед ва воситаи алоқаро нишон диҳед. Гӯед, ки онҳо ба кадом хели ҷумлаҳои мураккаб мансубанд.

1. Ман аз ин байти амир пай бурдам, ки ӯ мақсади маро фаҳмидааст ва тир ба нишон расидааст (*С. Айнӣ*). 2. Як кас пуштак истод, дигарон аз болои ӯ ба сари девор баромада, ба ҳавлӣ фуромаданд (*С. Айнӣ*). 3. Парраи чилик ба пешонаи бой расида кафонд ва аз он ҷо хун ҷорӣ шуд (*С. Айнӣ*). 4. Дар мо бояд моҳҳои мизон, ақраб ва қавс хушк ояд, вагарна мо ҳосилоти тирамоҳиамонро, хусусан пахтаро, ғундошта гирифта наметавонем ва шудгори тирамоҳӣ карда наметавонем ва инчунин агар дар мо моҳи ҳут ва ҳамал гарм наёяд, замин намерасад, пахта ва сабзавотро дар вақташ кишта наметавонем (*С. Айнӣ*). 5. Зан пари мурғеро, ки ҷонаш баромада буд, канда гирифт, Содиқ бошад, ҳар мурғеро, ки сар мебурид, пас аз баромадани ҷонаш ба пеши занаш ҳаво дода, дигарашро сар мебурид (*С. Айнӣ*).

**Машқи 127.** Аз ҷумлаҳои ҷуфти зерин ҷумлаҳои гуногуни пайваст ва тобеи пайвандакдору бепайвандак тартиб диҳед.

1. Рӯз торик шудан гирифт. Ҳабиба чароғро даргиронд.
2. Борон монд. Мо ба майдон баромадем.

Намуна: Ҳамаи аъзоёни шӯрои омӯзгорони мактаб ҳозир шудаанд. Маҷлис сар шуд.

**Бо воситаи пайвандак**

1. Ҳамаи аъзоёни шӯрои омӯзгорони мактаб ҳозир шуданд ва маҷлис сар шуд.
2. Вақте ки ҳамаи аъзоёни шӯрои омӯзгорони мактаб ҳозир шуданд, маҷлис сар шуд.
3. Маҷлис сар шуд, чунки ҳамаи аъзоёни шӯрои омӯзгорони мактаб ҳозир шуданд.

**Бе пайвандак**

Ҳамаи аъзоёни шӯрои омӯзгорони мактаб ҳозир шуданд, маҷлис сар шуд.

**Машқи 128.** Ҷумлаҳои мураккаби бепайвандакро нависед. Аломатҳои китобатро гузоред ва мавриди гузориши онҳоро шарҳ диҳед.

1. Дарбон ғур-ғуркунон аз ҷо бархоста дарвозаро кушод ман ҳам як оҳи сабук кашидаму ба кӯча тохтам (*Ҷ. Икромӣ*). 2. Модаркалонам машиначигӣ мекард ба кори кӯчаву бозор машғул мешуд модарам тӯппӣ медӯхт (*Р. Амонов*). 3. Бештар вай гап мезанад ман гӯш мекунам (*М. Фарҳат*). 4. Хоҳиш бошад ҳама кор буд мешавад (*С. Улуғзода*). 5. Донистам гунаҳкор ҳамон мӯйсафеди одамсирати ҳайвонтабиат будааст донистам (*Ҳ. Карим*). 6. Шамсӣ ба хотир овард вай чанд рӯз пеш аз ин дар дасти як пирамард кабкеро дида буд... 7. Об бошад ободонӣ мешавад.

### *Савол ва супоришҳо*

1. Фарқи ҷумлаи мураккаби бепайвандак аз ҷумлаҳои мураккаби пайвандакдор дар чист?
2. Мавриди гузориши аломатҳои вергул ва нуқтавергулро дар ҷумлаи мураккаби бепайвандак шарҳ диҳед.
3. Сабабҳои дар ҷумлаи мураккаби бепайвандак гузошта шудани аломати баёнро эзоҳ диҳед.
4. Дар ҷумлаи мураккаби бепайвандак дар кадом мавридҳо аломати тире гузошта мешавад?

## САВОЛҲОИ ТЕСТӢ

**1. Дар байни ҷумлаҳои соддаи ҷумлаи мураккаби бепайвандаки «Дар кушода нашуд аз берун бастагӣ буд» кадом аломати китобат гузошта мешавад?**

А) вергул
Б) нуқтавергул
В) баён
Г) тире
Д) сенуқта

**2. Дар байни ҷумлаҳои соддаи ҷумлаи мураккаби бепайвандаки «Хоби ятим намебурд ҳаво гарм ва дим буд» кадом аломати китобат гузошта мешавад?**

А) вергул
Б) нуқтавергул
В) баён
Г) тире
Д) сенуқта

**3. Дар байни ҷумлаҳои соддаи ҷумлаи мураккаби бепайвандаки «Хуб шумо намехӯрда бошед ман мехӯрам» кадом аломати китобат гузошта мешавад?**

А) вергул
Б) нуқтавергул
В) баён
Г) тире
Д) сенуқта

**4. Дар байни ҷумлаҳои соддаи ҷумлаи мураккаби бепайвандаки «Ҳаминро гуфтанӣ ҳастам ҷавонмардони ба аскарӣ рафтаистодаи мо боварии моро хуб медонанд» кадом аломати китобат гузошта мешавад?**

А) вергул
Б) нуқтавергул
В) баён
Г) тире
Д) сенуқта

**5. Дар байни ҷумлаҳои соддаи кадом ҷумлаи мураккаби бепайвандак аломати баён гузошта мешавад?**

А) Рӯз шуд Офтоб баромад...
Б) Раҳим ҳеҷ касро наёфт ҳамаи онҳо дар идора буданд
В) Ҳурмат кунӣ ҳурмат мебинӣ
Г) Тан ба ҷон зинда аст ҷон зинда ба илм
Д) Ҳукумат дорам чӣ ғам дорам

# УСЛУБИЁТ ВА МАДАНИЯТИ НУТҚ

∆ Забони миллӣ сарват, маданият ва ифодагари рӯҳи халқ мебошад. Забони тоҷикӣ аз зумраи забонҳои қадима буда, ба яке аз халқҳои қадими Осиё Марказӣ — тоҷикон мансуб аст.

Барои он ки забони миллӣ вазифаи асосии худ—мубодилаи афкорро иҷро кунад, зарур аст, ки он барои тамоми аъзоёни ҷомеа ва соҳибзабонон ягона ва фаҳмо бошад. Ба ин маънӣ забони адабӣ чун

воситаи алоқа ва муошírати намояндагони лаҳҷаҳои гуногун амри вуҷуд намудааст. Вай шакли ривоҷёфта ва олии забони миллӣ, нишонаи худшиносии халқ, муарриф ва миёнарави фарҳангу тамаддун мебошад. Ин аст, ки мо бояд забони модарии худро омӯзем ва барои тозагию пайдории он мубориза барем.

Дар иҷрои ин мақсад зарурати баланд бардоштани дараҷаи маданияти сухани соҳибзабонон ба миён меояд. Омӯхтани қоидаҳои савтию овозӣ, калимасозӣ, сарфию наҳвӣ кам аст. Забонро дар дараҷаи баландтаре омӯхтан ва аз асрори салосату балоғати он огоҳӣ ёфтан барои тозагӣ ва рушду камоли забони модарии худ мубориза бурдан имкониятро фароҳам меоварад.

Ба ин маънӣ омӯхтани услубиёти забон ва маданияти нутқ шуморо ба олами балоғату фасоҳати забон раҳнамун месозад.

Дар ҷараёни тараққиёти ҷомеа вобаста ба соҳаҳои гуногуни шуғли одамон услубҳои нутқ ба вуҷуд меоянд. Қисми асосии луғати умумихалқии забони миллӣ дар ҳамаи услубҳои забон баробар мустаъмал аст, вале қисми дигари ин вожаҳо бештар ба ягон соҳаи фаъолияти одамон мансубанд. Аз ҳамин ҷиҳат донистан ва мавридшиносона истифода бурдани онҳо аҳамияти калон дорад.

Забони адабии тоҷик дорои шохаҳои услубӣ буда, он аз услубҳои гуфтугӯӣ ва китобӣ: услуби илмӣ, услуби расмии коргузорӣ, услуби бадеӣ ва услуби рӯзноманигорӣ иборат аст.

## § 35. Услуби гуфтугӯӣ

Ҷумлаҳои зеринро хонед ва гӯед, ки дар онҳо унсурҳои кадом услуби забон мавҷуданд. Кадом нишонаҳои услубӣ фикри шуморо собит менамоянд.

1. Занак маъюб ва дилшикаста шуда аз дӯкони ҷаллоб баргашта буд (*С. Айнӣ*). 2. ...як аспи зӯри дигарро шатак карда базӯр кашола карда овардам (*С. Айнӣ*). 3. Боз ду маротиба худам пойи пиёда ба хонаи амаки Эдик рафтам. Аз пули оҳанини болои вокзал гузашта. Дар як тараф харгӯшхона. Қариб садта харгӯш. Кумур-кумур алаф ё карам хӯрданаша бинед, ҳавасатон меравад (*Ф. Муҳаммадиев*).

Услуби гуфтугӯӣ услуби ғайрихаттии забон буда, ба нутқи даҳонӣ мансуб аст. Дар ин услуб воситаҳои забонӣ бе тайёрии махсус дар рафти сӯҳбат озодона истифода мешаванд.

Муҳимтарин хусусиятҳои забони услуби гуфтугӯӣ чунин аст: саволу ҷавоб, кӯтоҳбаёнӣ, истифодаи ҷумлаҳои мухтасару нопурра,

озодии ҷойи аъзоҳои ҷумла, фаровонии воҳидҳои луғавии гуфтугӯйӣ, иштироки воситаҳои ғайризабонӣ, аз қабили ҳаракати чашму абрӯ, имову ишорат...

Дар ин услуб навъи гуфтугӯии калимаҳо (*балохӯр, каллаварам, мурданӣ, кӯрсавод, говҷигар, шатта, шаллоқ, ҳафтафаҳм, сабил, ҷаккидан...*) ва воҳидҳои фразеологӣ (*патаку пайтоба шудан, оби даҳан рафтан, об карда хӯрдан, димоғ сӯхтан...*) фаровон истифода мегарданд. Аз воситаҳои сарфӣ зиёдтар аз ҳама истифодаи ҳиссачаҳо ва нидоҳо ба назар мерасанд. Мисол: А, ин кист-а? гӯён такрор пурсид (*С. Айнӣ*). — Ҳа, ҳа, — гуфт чӯпон, — барои ҳамин шумо аз саг ин қадар тарсида будед-дия (*С. Айнӣ*).

Дар услуби гуфтугӯӣ дараҷаи истеъмоли ҷумлаҳои мураккаб маҳдуд буда, хелҳои гуногуни ҷумлаҳои содда мавриди истифода қарор мегиранд: Дар тарафи дигар дар паси олуболузор мурғҳои марҷон. Ҳар кадомаш уштурмурғи африкоӣ барин. Пеши ин хона симтӯр кашидагӣ (*Ф. Муҳаммадиев*).

**Машқи 129.** Ҷумлаҳои зеринро хонед. Гӯед, ки дар онҳо кадом воҳидҳои луғавӣ ва фразеологии ба нутқи гуфтугӯӣ мансуб истифода гаштаанд.

1. Наҳри майдаи қишлоқамон луччак буд (*Ҳ. Карим*). 2. Ӯ моро дар диёри худамон ғариб карда, бехонумон кард (*С. Улуғзода*). 3. Шояд «кал — додари кӯр» гуфтагӣ барин, дар ҳаринагӣ мо аз якдигар намонем (*Ф. Муҳаммадиев*). 4. Теғ ба даст гир. Теғ наёбӣ, таёқ бигир (*С. Улуғзода*). 5. Ҳеҷ кас ба ҳеҷ кас аз бинӣ боло гап зада наметавонад (*С. Айнӣ*). 6. Ҷавру зулм аз ҳад гузашт, мулк ҷазирбод шуд, халқон хору зор (*С. Улуғзода*).

**Машқи 130.** Ҷумлаҳоро нависед. Гӯед, ки кадом калимаю ибораҳо ба услуби гуфтугӯӣ мансуб будани онҳоро собит менамоянд.

1. Коре кун, ки ман дигар башараи наҳси туро набинам (*С. Улуғзода*). 2. Кори худатро дону ба кори дигарон фукатро натиққон (*Р. Ҷалил*). 3. Ӯҳӯ, се-чор соат хобида мондаам-а? (*С. Айнӣ*). 4. Ин не, вай не, каҳратон наояд, шумо гӯл, ноӯҳдабаро, кашола, ландаҳур... (*Р. Ҷалил*). 5. — Ту, тирмизаки тиррончак, маро «ту-ту» мегӯйӣ! (*Р. Ҷалил*). 6. Ин навозиш кампирро тамоман ёзонд (*Ҳ. Карим*). 7. Хоҳ-ҳо!!! Гап дар ин ҷо будааст, — гуфт мударрис (*С. Айнӣ*).

## § 36. Услуби китобӣ. Услуби илмӣ ва расмии коргузорӣ (идорӣ)

Услуби китобӣ услуби нутқи хаттӣ буда, чор хел мешавад: ***илмӣ, расмии коргузорӣ, бадеӣ ва рӯзноманигорӣ.***

Порчаҳои зеринро хонед. Гӯед, ки онҳо ба кадом шохаҳои услубии забон мансубанд. Аломатҳои ба услубҳои китобӣ марбути порчаҳоро шарҳ диҳед.

Яке аз он чизҳое, ки ходимони матбуот хеле дӯст медоранд, бо суффикси **-ӣ** ба сифат гардонидани исм аст. Дар мавридҳое ҳам, ки мақсадро бо исм адо кардан мумкин ва лозим аст, бо сабаби номаълуме, албатта ба исм як **-ӣ** илова менамоянд. Эҳтимол, ин ҳам аз ҳамон хоҳиши вазнину дабдабанок кардани калимаю ибора сар зада бошад. Вале натиҷаи он ҳамин аст, ки бисёр ибораҳои дурушт ва нодуруст пайдо шуданд (*М. Шукуров*).

Ман, ки мусаммоти Бибиоиша бинти Шоҳмурод ҳастам, аз барои харҷи мурдаи падари набераи худам Одинаи сағир валади Бобокалон, аз Арбоб Камол васоятан даҳ тангаи роиҷа қарздор шудам, аз ҷониби Одинаи сағир ба гардан гирифтам, ки ҳар вақт ӯ калон ва аз дасташ кор меомадагӣ шавад, ба бадали маблағи мазкур ба Арбоб Камоли мазкур хизмат мекунам (*С. Айнӣ*).

△ **Услуби илмӣ** яке аз муҳимтарин шохаҳои услуби хаттӣ буда, дар таълифи мақола, рисола, китобҳои дарсӣ ва ғайра оид ба илму техника истифода мешавад. Асарҳои мухталифи илмӣ, сарфи назар аз гуногунии вазифа, аз рӯйи хусусиятҳои умумӣ шабеҳи якдигаранд.

Хусусиятҳои асосии услуби илмӣ чунин аст: Дар услуби илмӣ истилоҳҳои илмӣ (*ҳамсадо, садонок, ибора, ҷумла, пуркунанда* ...), калима, таркиб, ибора ва ҷумлаҳои туфайлӣ (*хулоса, пас, ба ин тариқ, аз як тараф, аз тарафи дигар, қайд кардан лозим аст ки*), ҷумлаҳои мураккаби тобеъ фаровон истифода мешаванд. Дар ин услуб таъбироти фразеологии дорои обуранги эҳсосӣ аҳёнан, баръакс баъзе ибораҳои устувор, аз қабили «хулласи калом», «бояд қайд кард»... бештар кор фармуда мешаванд. Дар услуби мазкур ҷонишини шахси якуми ҷамъи «**мо**», дар як маврид, ба маънои хоксорӣ ва фурӯтанӣ (ба фикри мо, ин ақида чандон дуруст нест), дар ҳолати дигар ба маънои умумӣ (*Барои ин мо коғазеро гирифта, ба андозаи*

*80←60 ҳисса ҷудо мекунем*) ба ҷои ҷонишини «ман» истифода мешавад.

**Услуби расмии коргузорӣ** услуби навишти хуҷҷатҳои мансуби қонунгузорӣ, коргузории идорӣ ва муносибатҳои дипломатӣ мебошад.

Хусусиятҳои махсуси забонии ин услуб чунинанд: Тарзи ифодаҳо соддаву мӯҷаз буда, воситаҳои сершумори ҳамранги қолабӣ, пешояндҳои номӣ (*мисли, дар бораи, дар боби, оид ба, роҷеъ ба...*), пайвандакҳои таркибӣ (*аз сабаби он ки, бинобар ин ки, ба ин сабаб, ба ин тариқа*) ва аъзоҳои чида фаровон истифода мешаванд. Майл барои истифодаи ҷумлаҳои мураккаб зиёд аст.

Ин услуб низ дарои истилоҳоти худ аст, ки дар навиштаҳои марбути онҳо сахт риоя мешаванд. Дар ин услуб воситаҳои эҳсосӣ раво нест.

**Машқи 131.** Порчаҳои зеринро хонед, ба кадом шохаи услубии забон мансуб будани онҳоро муайян кунед ва хусусиятҳои забонии услубҳои муайянкардаатонро шарҳ диҳед.

1. Чун айёми ҳукумати Темуриён дар Ҳиндустон дар вақти авҷ гирифтани низои шиаву суннӣ ва шохчаҳои зиёд пайдо кардани тариқатҳои машоих дар Эрон ва Осиёи Миёна рост омад, дар қатори муҳоҷирон ин низоъҳои мазҳабӣ ва маслакӣ ҳам ба Ҳиндустон даромаданд ва монанди аҷирик ва ғумойи аз ҷойе ба ҷойи дигар кӯчонидашуда зуд ривоҷ гирифтанд (*С. Айнӣ*).

2. Ба милиса барои иҷрои вазифаҳои ба зиммааш гузоштошуда ҳуқуқ дода шавад, ки:

1) аз шаҳрвандон ва мансабдорон риоя намудани тартиботи ҷамъиятӣ, қатъ гардонидани қонуншиканиҳо ва амалҳоеро, ки барои иҷрои ваколатҳои милиса халал мерасонанд, талаб кунад ва дар сурати иҷро накардани ин талабҳо чораҳои иҷбории дар қонун пешбинишударо ба кор барад.

**Машқи 132.** Ҷумлаҳои зеринро нависед, хусусиятҳои забонии онҳоро муайян кунед. Гӯед, ки ин ҷумлаҳо ба кадом шохаҳои услубии забон мансубанд.

1. Назар ба қавли Бедил, баъд аз давраи ширхорагиаш падараш вафот карда, ӯ ятим мондааст (*С. Айнӣ*). 2. Хуллас ки, дар забони тоҷикӣ шаклҳои табрик хеле гуногун аст (*М. Шукуров*). 3. Дар осори Сорбон эҷодиёти халқ чун воситаи дарки бадеии воқеияти ҳаёт корбаст ме-

шавад (*А. Сайфуллоев*). 4. Масалан, «манзилободсозӣ» (аз феъли «сохтан»), «манзилободгардонӣ» (аз феъли «гардондан»), инчунин «дилхаробсозӣ» ё «дилхаробгардонӣ» гуфтан ниҳоят бетабъӣ мебуд (*М. Шукуров*). 5. Конференсия 22 декабри соли 2014 дар маҷлисгоҳи Донишгоҳи давлатии Самарқанд кушода хоҳад шуд. 6. Намаки ош ба бадани мо асосан ба воситаи гӯшт ворид мешавад, аммо ин кофӣ нест («*Кимиёи ғайриорганикӣ*», синфи 9). 6. Ҳуҷҷатҳои органҳои маҳаллии ҳокимият ва идораи давлатӣ, ҳуҷҷатҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба забони давлатӣ қабул гардида, ба забонҳои дигар чоп мешаванд.

## § 37. Услуби бадеӣ ва публитсистӣ (рӯзноманигорӣ)

Порчаҳои дар ҳар ду сутун овардашударо хонед. Гӯед, ки онҳо ба кадом шохаҳои услубии забон мансубанд. Хусусиятҳои забонии фарқкунандаи онҳоро муайян кунед.

Сухан кӯтоҳ, Бибиоиша то як ҳафта бе он ки овозе баланд кунад, чун мӯйи оташдида ба худ мепечид, аз ғайри он ки шӯълаи равшан барорад, чун тӯдаи коҳи ба зераш ахгар гузошташуда дарун-дарун месӯхт:

«Не тоқати он ки сабр орад,
Не ёрое, ки фиғон барорад».

*С. Айнӣ.*

Ба ҳамагон аён аст, ки кирмакпарварони вилояти Сурхондарё дар ҷумҳурият яке аз аввалинҳо шуда, аз иҷрои ӯҳдадории шартномавии худ баромаданд. Онҳо аз ҳар яки 21200 қуттӣ беш аз 40-43-килограммӣ пилла супурданд. Алҳол кирмакпарварон аз пайи аз ҳар қуттӣ бардоштани 50-килограммӣ пилла ва ба 930 тонна расондани ҳаҷми умумии онанд... (аз рӯзномаи «*Овози тоҷик*»).

**Услуби бадеӣ** яке аз навъҳои услуби китобӣ буда, барои таъмини талаботи маънавии олами ботинии одамон ба вуҷуд омадааст. Ба ин маънӣ услуби бадеӣ хоси адабиёти бадеӣ буда, воситаҳои забонӣ барои эҷод ва офаридани образҳои бадеӣ хизмат мекунанд. Ин услуб аз воситаҳои эҳсосӣ ва муассири сухан саршор аст, зеро ки таъсир расонидан ба олами ботинии хонанда аз вазифаҳои мубрами ин услуб маҳсуб меёбад. Дар таълифи асарҳои илмӣ ҷиҳати иртиботии забон муҳим буда, воситаҳои забонӣ, далелу бурҳонҳо барои зуҳури хулосаҳои илмӣ равона гашта, ба ақл таъ-

сир кунанд, дар тасвири бадеӣ воситаҳои забонӣ барои ҳодисаю воқеаҳоро ба тарзи бадеӣ нигорида, ба ҳиссиёти инсон, ба олами ботинии ӯ таъсир расонидан нигаронида мешавад. Аз ин рӯ, истифодаи воситаҳои гуногуни тасвири бадеӣ (*маҷоз, ташбеҳ, истиора, ташхис, муболиға, муколама...*), калимаҳои образнок, воҳидҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақолҳо ва хелҳои мухталифи ҷумлаҳои соддаю мураккаб амри воҷиб аст.

Дар ин услуб унсурҳои дигар (*услуби гуфтугӯӣ, илмӣ, расмии коргузорӣ ва публитсистӣ*) омезиш ёфта, вазифаи тозаи услубӣ касб менамоянд, зеро ки онҳо барои иҷрои вазифаи эстетикӣ ва мароми эҷодии нависанда нигаронида мешаванд.

Ҳамин тавр, услуби бадеӣ услуби адабиёти бадеӣ — санъати суханварӣ буда, дар жанрҳои гуногуни адабӣ — рубоӣ, ғазал, қитъа, қасида, мусаммат, роман, повест, ҳикоя, мазҳака ва монанди инҳо зоҳир мегардад:

Якеро мекушад килкам, якеро зинда медорад,
Намеояд зи шамшер он чӣ зи дасти забон ояд.

*С. Насафӣ*

**Услуби публитсистӣ (рӯзноманигорӣ)** ба услуби китобӣ мансуб буда, дар навиштаҳои иҷтимоию сиёсӣ, матбуот (рӯзномаву маҷаллаҳо), баромадҳои ташвиқотӣ (дар радиову телевизион), гуфтори шифоҳии арбобони сиёсию давлатӣ ва илму адаб дар назди омма истифода мегардад. Азбаски воситаҳои забонӣ дар ин услуби нутқ ду вазифаи сухан (иттилоъ — хабаррасонӣ ва ташвиқот)-ро дар зимма дорад, воситаҳои ба ақл таъсиркунанда (*далелу бурҳонҳо, рақаму таърих, ҳар гуна ҷадвалҳо, нишон додани маъхазу сарчашмаҳо...*) ва воситаҳои муассири сухан — маҷоз, тавсиф, ташбеҳ, ташхис ва ғайра омезиш меёбанд, яъне воситаҳои ақлӣ ва бадеӣ якҷоя воқеъ мегарданд.

Ин буд, ки дар жанрҳои мансуби рӯзноманигорӣ далелҳои шайъ, мантиқи қавӣ, забони содда, аммо муассир ва пуробуранг бо ҳам созгор омада ба ақлу ҳиссиёти хонанда таъсир мекунанд, ӯро ба ваҷд меоваранд.

Сарфаи воситаҳои забонӣ, ғунҷоиш додани мазмуни васеъ дар суханҳои мухтасар, корбурди силсилаи калима ва ибораҳои тайёру қолабӣ (исмҳои хоси марбут ба маҳал, сарлавҳаи якранги умумӣ, аз қабили «Тозаахбор», «Театр», «Кино», «Эълон»), фаровонии истилоҳ ва ибораҳои фразеологии сиёсию иҷтимоӣ, кор-

бурди калимаҳои нав, сермаъно ва муассир, истифодаи санъатҳои бадеӣ (ташбеҳ, тавсиф, киноя, саволҳои риторикӣ, такрор, инверсия (мақбул)...), омезиши аломатҳои услубҳои дигар (услуби илмӣ, идорӣ, бадеӣ ва гуфтугӯйӣ) аз хусусиятҳои асосии услуби публитсистист. Аломатҳои мазкур дар риштаҳои услуби публитсистӣ (очерк, фелетон, мусоҳиба...) вобаста ба талаби мавзӯъ ба тарзи гуногун падид меоянд.

**Машқи 133.** Порчаҳои зеринро хонед, ба кадом шохаҳои услубии забон тааллуқ доштани онҳоро муайян кунед. Гӯед, ки мансубияти онҳоро ба услубҳои муайянкардаи шумо кадом аломатҳои забонӣ собит менамоянд.

1. Ин андеша ва мулоҳизаҳо хирмани сабр ва шикебоии Бибиоишаро ба бод медод. Баъд аз соате, ки Одина аз хона дур шуд, Бибиоиша хост ҳой-ҳой гириста нола ва фарёд бароварад, лекин аз он ҷойе, ки ин гуна фарёди бемаҳал сабаби фош гардидани рози Одина ва боиси гирифториаш мешуд, ночор оҳи сарде аз дили пурдард кашида лаб фурӯ баст. Аммо чунон лаб фурӯ бастане, ки дарунаш аз оташи ҷудоӣ ва фироқ чун кӯраи ангиштгарон аланга мезад. Оре, аз ду чашми хунбораш сиришк равон шуда, кӯшиш мекард, ки ин оташро қадре фурӯ нишонад (*С. Айнӣ*). 2. Ин ҷо водии ободон аст. Доманаи кӯҳ ва канори дарё заминҳои ҳамвор буда, ҳама ҷоро кишти шолӣ фаро гирифтааст...

Ғарамҳои шолӣ ва хирманҳои нокӯфтаи он ба назар монанди хомаҳои реги сурхи дурушти ҳамвор сар ба ҳаво кашидаанд.

Имсол ҳосили шолӣ аз одат берун зиёд аст....

...Роҳи мо аз печу хами кӯҳсор меравад. Роҳ морпеч аст. Мошина ҳам маҷбур аст, ки морвор ҳаму рост шуда ва печутоб хӯрда роҳ равад... (*С. Айнӣ*).

**Машқи 134.** Ҷадвали зеринро хонед ва шарҳ диҳед.



**Машқи 135.** Мисолҳои зеринро нависед, хусусияти забонии онҳоро мушоҳида карда, гӯед, ки мисолҳо ба кадом шохаҳои услубии забон мансубанд.

1. Қувваи «Хорпуштак» дар робитаи вай бо оммаи хонандагон ва мухбирони шаҳру деҳот буд. Осори адибони ҳаҷвнавис боиси пуртаъсиру завқовар гаштани шумораҳои он, мӯҷиби зинату ороиши он буд... (*Ф. Муҳаммадиев*). 2. Даричаи киштӣ кушода гардид. Темурмалик бо табарзин, ки монанди моҳи чор-панҷрӯза бар рӯйи оби зулол дар ҳавои соф бо акси нури Офтоби шаъшаапоши нимрӯзӣ медурахшид, намоён шуд (*С. Айнӣ*). 3. Коргарони бригада бо кӯмаки аҳолии деҳа дар 88 гектар боғи себу зардолу, чормағзу бодом, челону шафтолу бунёд карданд (*аз рӯзнома*). 4. Агар ғамро чу оташ дуд будӣ, Ҷаҳон торик будӣ ҷовидон (*А.Балхӣ*).

## § 38. Муродифот — асоси услубиёт

Ҷумлаҳоро нависед, муродифҳои луғавиро ёфта, тобишҳои маъноии онҳоро муайян кунед.

1. Алимардонбек андеша мекард, ки ба чӣ андоза корчаллони ҳунарманд будани худро чӣ гуна ва ба чӣ роҳ пеши хӯҷаин исбот кунад, то барои хизмате, ки баъд аз ин ба хӯҷаин карданист, хизматонаи дуруст ситонда тавонад (*С. Айнӣ*). 2. Одами қозӣ аз пушти ин шахс расида, бо чанг задан таппончаро аз дасташ рабуд (*С. Айнӣ*). 3. Ман ин романро барои хондан тобистон аз китобхона гирифтам.

Δ Балоғат ва фасоҳати сухан аз падидаҳои рӯзгори суханварону сухансанҷон буда, на танҳо дақиқ баён кардан ва сухан писандида гуфтан, балки суханпардозӣ ва суханороӣ намудан низ мебошад.

Балоғати сухан, ки мавриди омӯзиши фанни услубшиносӣ қарор гирифтааст, асосан мавзӯъҳоеро фаро мегирад, ки дар се ҷанбаъ баррасӣ мегардад: шохаҳои услубии забон, фарқи воситаҳои ҳаммаъно, воситаҳои муассир.

Омӯхтани воситаҳои ҳаммаъно, яъне муродифот, ки ба вуҷуди умумияти маъно аз ягон ҷиҳат (*таносуби услуб ва ё ҷилои маъно*) аз ҳамдигар тафовут доранд, вазифаи мубрами услубшиносӣ мебошад.

Забони мо аз зумраи забонҳои қадим буда, аз воҳидҳои ҳаммаъно ё худ муродифот саршор аст. Услубшиносӣ тафовути маъ-

ноӣ ва услубии муродифотро ошкор сохта, ба соҳибони забон тавсия мекунад, ки ҳар кадоми он воситаҳоро дониста ва мавридшиносона корбаст намоянд. Ин буд, ки олимони сухансанҷ бо ҳамфикрии тамом ин нуктаро таъкид менамоянд, ки таҳқиқ ва таълими муродифот мавзӯи асосӣ ва маркази услубшиносӣ ба шумор меравад.

Муайян намудани фарқи маъноии муродифот ва тавсифи илмии мавриди истифодаи онҳо бо таърифи зерини услуб, ки бунёди илми услубшиносиро ташкил медиҳад, алоқаи мустаҳкам дорад: услуб хосияти воҳидҳои забониро фаро мегирад, ки онҳо на ба тарзи оддӣ, балки барои беҳтар ва муассиртар ифода намудани матлаб хизмат мекунанд.

**Ду ва ё зиёда калимаҳое, ки дар шаклҳои гуногун маънои якхела ва ё ба ҳам наздикро ифода мекунанд, *муродиф* номида мешаванд.**

Муродифҳо ҳаммаъно ва наздикмаъно мешаванд. Муродифҳои ҳаммаъно аз ҷиҳати таносуби услубӣ фарқ доранд, аммо дар мавридҳои дигар шабеҳи якдигаранд. Чунончи, *аср, қарн, сада; нағз, хуб, нек; хеле, басо, бағоят...*

Дар муродифҳои наздикмаъно аз ҷиҳати ифодаи маънӣ тафовут ба назар мерасад. Дар байни қисме аз ин гуна муродифҳо тафовут бештар буда, дар байни қисми дигари онҳо фарқи андаке ба назар мерасад: *макидан, ҷаббидан; Офтоб, Меҳр; хондан, мутолиа кардан; кӯр, нобино...*

**Машқи 136.** Ҷумлаҳои зеринро хонед, муродифҳоро муайян кунед. Гӯед, ки онҳо ба кадом хелҳои муродифҳо мансубанд.

1. Ин кори гадоёни бекасу кӯй аст ва пешаи одамони сарватманди чанд ҳуҷрадор (*С. Айнӣ*). 2. Қалам метавонад байрақи ситамкоронро ба хоки сиёҳ сарнагун ва алами ситамдидагонро ба авҷи ғалаба афрозад (*Т. Зеҳнӣ*). 3. Пас аз соате фиғону вовайло кардан хомӯш монд. 4. Лекин барои нола ва шеван кардан баҳонае даркор буд (*С. Айнӣ*). 5. Овардаанд, ки ӯ дар кӯҳансолӣ издивоҷ кард ва соҳиби ду фарзанд гардид, ки яке бо номи Шоҳ Нӯъмон дар сафари Ҳиндустон вафот ёфт ва дигаре дар синни кӯдакӣ дар Шероз даргузашт. Ҳамсафари Ҳофиз низ пеш аз худи шоир бо ҷаҳон падруд гуфт (*М. Турсунзода*). 6. Дар хотирҳост, ки Одина модаркалони худ — Бибиоишаро як ранг тасаллӣ ва

таскин дода ба сафар баромада буд (*С. Айнӣ*). 7. Ёдгор ба Гулнор чӣ қадар майлон карда бошад, ин ҳам ба он ҳамон қадар моил шуда буд (*С. Айнӣ*).

**Машқи 137.** Мисолҳои зеринро хонед, тобишҳои маънoии муродифҳои «калон», «бузург» -ро маънидод кунед.

1. Калонро бибояд ғами хурд хӯрд. Як бор калонони ноҳия омада, ваъда доданд, ки ба қишлоқ оби водопровод мегузаронем. Дашт калону паҳновар буд.

2. Оҳи касон хурд набояд шумурд,
Оташи сӯзон чи бузургу чи хурд.
*Хусрави Деҳлавӣ*

3. Фиристода шуд назди Соми бузург,
Фиристод посух ба Золи сутург.
*А. Фирдавсӣ*

4. Бузургаш нахонад аҳли хирад,
Ки номи бузургон ба зиштӣ барад.
*С. Шерозӣ*

## § 39. Муродифҳои луғавӣ ва иборагӣ

Муродифҳои зеринро хонда маънидод кунед. Гӯед, ки фарқи муродифҳои сутуни дуюм аз муродифоти сутуни якум дар чист

| | |
|---|---|
| 1) паҳн кардан, густурдан, партофтан | 1) дар курта нағунҷидан, курта-курта гӯшт гирифтан, сари худро дар осмон дидан |
| 2) камбағал, қашшоқ, бечора | 2) бо як тир ду нишон задан, аз ду чашма обнӯш шудан |
| 3) хасис, мумсик, мурданӣ | 3) чашми рӯз накафида, хурӯс ҷеғ назада |

Δ Дар забон воҳидҳои луғавии ҳаммаъно ва наздикмаъно мавҷуданд, ки муродифшавии чунин воҳидҳои луғавӣ аз ҷавҳари маънoии онҳо сар мезанад. Масалан, воҳидҳои луғавии «*мурдан*», «*ва-*

*фот кардан*», «*фавтидан*»-ро гирем, аз мафҳуми ифодакардаи онҳо бармеояд, ки се воҳиди луғавӣ дорои як маънӣ мебошанд. Азбаски ҳаммаъноӣ дар байни воҳидҳои луғавӣ зоҳир гаштааст, онҳоро муродифи луғавӣ мегӯянд. Дар ифодаи маънӣ дар байни ин воҳидҳои луғавӣ тафовуте ба назар намерасад. Аз ин рӯ, онҳо ба муродифҳои луғавии ҳаммаъно мансубанд. Вале, ҳарчанд ки калимаҳои мазкур ба як силсилаи муродифот мансубанд, вобаста ба талаботи баён хусусияти маъноӣ зоҳир мекунанд ва аз нигоҳи услубӣ зарурати истифодаи мавридшиносонаи онҳо ба миён меояд. Барои мисол воҳидҳои луғавии «мурдан» ва «вафот кардан»-ро аз ин нуқтаи назар мушоҳида кунем, маълум мегардад, ки калимаи аввал (мурдан) ба сифати воҳиди умумистеъмолӣ дар ҳама маврид (ҳам нисбат ба инсон ва ҳам нисбат ба предметҳои дигар) метавонад истифода гардад. Вале луғати дуюм — «вафот кардан» маҳзи инсон аст. Аз ин рӯ, «Фалонӣ мурд», «Гӯсфанд мурд» гуфтан ҷоиз аст, аммо ҳеҷ мумкин нест, ки «Гӯсфанд вафот кард» гӯем.

Калимаҳои силсилаи муродифоти луғавӣ аз нигоҳи услубшиносӣ — аз ҷиҳати мансубияташон ба шохаҳои услубии забон (чеҳра — китобӣ, башара — гуфтугӯйӣ) ва аз лиҳози дорои тобишҳои ҳиссию муассирӣ будан (чеҳра — мусбат, башара — манфӣ) низ фарқ доранд.

Воҳидҳои забоние мавҷуданд, ки онҳо аз пайванди ду ва зиёда калимаҳо иборат буда, таркибан устувору тағйирнопазиранд ва чун воситаи тайёри забонӣ дар қолаби рехтаи маъмул истифода мешаванд. Ин гуна воҳидҳо дар шакли ибора воқеъ мегарданд ва бо номи воҳидҳои фразеологӣ маълуманд. Асоси корбасти воҳидҳои фразеологӣ маҷоз аст: *мурғи посӯхта, ба пӯст нағунҷидан, барги сабз, даст шустан ва монанди инҳо.*

Монанди воҳидҳои луғавӣ воҳидҳои фразеологӣ низ дорои муродиф мебошанд. Муродифоти воҳидҳои фразеологиро муродифҳои иборагӣ меноманд. Масалан, воҳидҳои фразеологии ҳаммаънои «ҷойи сӯзан задан набудан», «саг соҳибашро наёфтан», «замин кафида одам баромадан» ба маънои зиёд будани предмет — одамон силсилаи муродифоти иборагиро ташкил медиҳанд.

Воҳидҳои фразеологӣ низ хусусиятҳои услубӣ зоҳир мекунанд:

1. Воҳидҳои фразеологӣ ба услубҳои гуногуни нутқ тааллуқ доранд: «патаку пайтоба шудан», «ба таги бинӣ задан», «қанд задан» ба услуби гуфтугӯйӣ, «қадам ранҷа кардан», «барги сабз», «ба олами хаёл ғӯта задан» ба услуби китобӣ мансубанд.

2. Воҳидҳои фразеологӣ дорои хусусиятҳои ҳиссию муассирӣ мебошанд. Масалан, аз воҳидҳои фразеологии *«ба таги бинӣ задан» — ҳарисона хӯрдан, «патаку пайтоба шудан» — хушомад задан* тобиши ҳиссию муассирии манфӣ падид меояд.

**Машқи 138.** Ҷумлаҳоро хонед, муродифҳои луғавиро муайян карда, тобишҳои маъноии онҳоро шарҳ диҳед.

1. Дар ин дам чашмони ӯро ашкҳои хашму ғазаб, сиришкҳои интиқом, ниқор фаро гирифта буданд (*Ҳ. Карим*). 2. Аммо тез-тез ба Офтоб нигоҳ мекард, ба хамидани он диққат менамуд ва фурӯ рафтани Хуршедро мепоид (*Ҳ. Карим*). 3. Расонданд, аммо чӣ шудааст, як кампир мурд, мурд-дия, бо зуд рафтани ту магар ӯ зинда мешавад? 4. Пас аз як моҳ шунидам, ки ӯ реҳлат кардааст (*Р. Ҷалил*). 5. Гапҳои ин мӯйсафед низ ба монанди суханони бесарунӯги дигарон дар ин талотуми садоҳо ғарқ шуда рафт (*Ҳ. Карим*). 6. Бечора Одина бо ин ҳама сахтиҳо аз хӯҷаин ягон бор забони хуше ва рӯйи кушодаеро надид, балки ҳар вақт ки ба ӯ рӯ ба рӯ мешуд, бесабаб ва бебоис ҷанг, дашном ва ҳақорат мешунид (*С. Айнӣ*).

**Машқи 139.** Ҷумлаҳоро нависед, муродифҳои иборагиро ёфта, хусусиятҳои услубии онҳоро муайян кунед.

1. Бечора тамом аз ҳол рафта қариб буд, ки қолиб тиҳӣ кунад (*С. Улуғзода*). 2. Солҳои гузашта аз истеъмоли ин оби муборак бисёр хоҷиён аз остонаи Маккаи Мукаррама берун нарафта дар ҳамин ҷо по дароз мекарданд (*Ф. Муҳаммадиев*). 3. Духтарчаи ҳамсояи ӯ касал будаасту домулло ба вай доруе додааст, ки ҳамоно по накашидааст (*Р. Ҷалил*). 4. Ӯ шитоб менамуд, ки аз забон мондан пештар дар гувоҳии занонаш ба гуноҳаш иқрору аз онҳо пок шуда, бо хотири осуда рахти сафар барбандад (*Р. Ҷалил*). 5. Пас аз як моҳ шунидам, ки ӯ реҳлат кардаст (*Р. Ҷалил*). 6. Вай ҳам кайҳо ҷонашро ба ҷаббор супорида аз ин дунё ба он дунё ҳиҷрат кард (*Ф. Ниёзӣ)*.

## § 40. Муродифҳои сарфӣ ва наҳвӣ

Мисолҳои ҳар ду сутунро хонед, муродифшавии воситаҳои калимасоз, ифодагари категорияҳои дастурӣ ва ибораю ҷумлаҳоро мушоҳида кунед. Сабаби муродифшавии онҳоро шарҳ диҳед.

1) *-ҳо,-он (-гон, -ён, -вон)*: дарахтҳо — дарахтон, моҳиҳо — моҳиён, талабаҳо—талабагон, гесӯҳо — гесӯвон;

2) *-е, як, ягон:* касе, як кас, ягон кас;

3) *-ӣ,-ин*: оҳанӣ—оҳанин, сафолӣ — сафолин;

4) *-нок, ба-*: маърифатнок —бамаърифат.

1. Маро дандон — дандони ман, Аҳмадро асп — аспи Аҳмад.

2. Мактаб рафта будам. —Ман ба мактаб рафта будам.

3. Кабӯтари дубома набояд шуд. — Кабӯтари дубома нашав.

4. Бороне, ки шаб борид, резаборон буд. Борони шаб боридагӣ резаборон буд.

Хусусияти муродифшавӣ ба пешванду пасвандҳои калимасоз ва воситаҳои ифодаи маъноҳои дастурӣ низ хос аст. Масалан, пасванди **-ӣ** бо пасвандҳои ***-она, -вар, -ин...*** як вазифаи калимасозиро иҷро карда, муродиф мешавад: *модарӣ—модарона, номӣ— номвар, чӯбӣ—чӯбин.*

Дар ифодаи мафҳуми номуайянӣ дар исмҳо артикли **-е** бо калимаҳои «*як*» ва «*ягон*» муродиф мешавад. Ба ин маънӣ-**-е** ба услуби китобӣ мансуб буда, «*як*» ва «*ягон*» умумиистеъмолӣ мебошанд: *чизе, як чиз, ягон чиз.*

Монанди ҳамин, пасванди ҷамъбандии **-ҳо** дар ифодаи шумора бо пасванди *-он* (*-гон, -ён, -вон*) муродиф аст: *дарахтҳо— дарахтон, талабаҳо— талабагон, лӯлиҳо — лӯлиён, абрӯҳо— абрӯвон.*

Дар боби сифат дар ифодаи дараҷаи олӣ пасванди **-тарин** бо таркиб (аз ҳама) ва калимаҳои «*бениҳоят*», «*басо*», «*хеле*» хусусияти муродифӣ дорад: *баландтарин — аз ҳама баланд, бениҳоят баланд, басо баланд, хеле баланд*. Зиёда аз ин, пасванди ***-нок*** дар сохтани сифатҳо бо пешвандҳои ***бо-***, ***ба-*** хусусияти муродифӣ зоҳир менамояд: *ақлнок— боақл, бaақл; саводнок— босавод.*

Муродифшавии феълҳо дар ифодаи категорияҳои дастурӣ (тарз, намуд, шумора, замон, сиға...) ба амал меояд. Масалан, феъли замони ҳозира-ояндаи сиғаи хабарӣ бо феъли замони ҳозираи давомдор айнан як замонро ифода карда хусусияти муродифӣ зоҳир менамояд. Мисол: *Шариф дар синфи нӯҳум мехонад. Шариф дар синфи шашум хонда истодааст.*

**Воситаҳои калимасозу шаклсоз ва ифодагари маънои дастурии ҳиссаҳои нутқ, ки хусусияти ҳаммаъноӣ зоҳир карда, ҳамвазифа гардидаанд, ба муродифоти сарфӣ мансубанд.**

Ибораю ҷумлаҳои содда ва ҷумлаҳои мураккаб низ хусусияти муродифӣ зоҳир мекунанд. Масалан, ибораҳои шаклан тағйирёфта барои ифодаи як маънӣ истифода мешаванд: *Рӯдакиро сухан— сухани Рӯдакӣ, овози пасти форам—овози паст, вале форам...*

Ҷумлаҳои яктаркибаи муайяншахс бо ҷумлаҳои дутаркибае, ки мубтадои онҳо бо ҷонишинҳои шахсӣ ифода ёфтаанд, муродиф мешаванд: Аз қишлоқ омадам. — *Ман аз қишлоқ омадам.* Ҷумлаи аввал хоси услуби гуфтугӯӣ буда, ҷумлаи дуюм ба услуби китобӣ мансуб аст.

Монанди ҳамин, ҷумлаҳои бешахс муродифи ҷумлаҳои номуайяншахс ва умумишахс шуда метавонанд. Мисол: *Кори имрӯзаро ба фардо набояд гузошт. Кори имрӯзаро ба фардо магузор. Кори имрӯзаро ба фардо нагузоштаанд.*

Хусусияти ҳаммаъно гаштани ҷумлаҳои мураккаби пайваст бо ҷумлаҳои мураккаби тобеъ низ ба мушоҳида мерасад. Масалан, ҷумлаи мураккаби пайвасти «*Борон борид ва Замин лой шуд*» бо ҷумлаи мураккаби тобеи «*Азбаски борон борид, Замин лой шуд*» муродиф аст.

Зиёда аз ин, ибораҳои сифати феълӣ ва масдарӣ низ бо ҷумлаҳои пайрав муродиф мешаванд. Масалан, ҷумлаҳои зерин собит менамоянд, ки ибораи сифати феълӣ муродифи ҷумлаи пайрави муайянкунанда мебошад: Кӯҳи боҳашамате, ки аз дур менамояд, кӯҳи Фурӯш аст. —Кӯҳи боҳашамати аз дур менамудагӣ кӯҳи Фурӯш аст. Ҷумлаи аввал хоси услуби китобӣ буда, ҷумлаи дуюм ба услуби гуфтугӯӣ мансуб аст. Ҷумлаҳои зерин собит менамоянд, ки ибораи масдарӣ муродифи ҷумлаи пайрави пуркунанда мебошад: *Вай фаҳмид, ки зиндагиаш дар шаҳр нағз намегузарад.— Вай дар шаҳр нағз нагузаштани зиндагиашро фаҳмид.*

**Воҳидҳои наҳвиеро, ки хусусияти ҳаммаъноӣ зоҳир намудаанд, *муродифи наҳвӣ* меноманд.**

**Машқи 140.** Ҷумлаҳои зеринро хонед, муродифҳои сарфиро муайян карда, хусусиятҳои услубии онҳоро шарҳ диҳед.

1. Вай дар ҳама ҷо бо марду занҳои пир ва ҷавон сӯҳбат карда... навишта мегирифтааст (*С. Улуғзода*). Занон, духтарон, писарбачагон ва мардон... бо диққат гӯш медоданд (*Ф. Ниёзӣ*). 2. Фаррошҳо бо табақҳои сафолии бесир оши палав овардан мегиранд, «дарихоначиён» ба ги-

рифтани он табақҳои ош аз дасти фаррошон бо якдигар талош мекунанд (*С. Айнӣ*). 3. Шаберо ба сар бурдам ба хорӣ (*П. Сулаймонӣ*). Як шаб аввали шаб ҳанӯз кӯчаҳо пуродам ва дӯконҳои сари бозори Қӯшмадраса кушода буданд, ки Абдусаттор аз ҳавлиаш барои гӯштхарӣ баромад... (*С. Айнӣ*). 4. Зокир одами босавод буд, то он дам дар милитсияи Тӯс хизмат мекард (*С. Улуғзода*). Мардуми саводнок ба рӯзнома обуна шуда буданд.

**Машқи 141.** Ҷумлаҳоро нависед, муродифоти наҳвиро муайян карда, хусусиятҳои услубии онҳоро эзоҳ диҳед.

1. Ту набояд аз ман миннатдор шавӣ. Аз ман миннатдор шуданат лозим нест (*С. Айнӣ*). 2. Ман мумкин аст, то бевақтии шаб дар маркази район монам. То бевақтии шаб дар маркази район монданам мумкин аст (*Р. Ҷалил*). 3. Ба гапи душман фирефта шудан лозим нест. Ба гапи душман фирефта набояд шуд. 4. Ба ин муддати дуру дароз Зайнабро ба хона руст карда мондан дуруст нест. Ба ин муддати дуру дароз Зайнабро ба хона руст карда мондан нашояд (*Ҷ. Икромӣ*). 5. Дурбинро бояд эҳтиёт шуда кор фармуд. Дурбинро эҳтиёт шуда кор фармудан лозим (*Ф. Муҳаммадиев*).

**Машқи 142.** Мисолҳоро хонед ва муродифотро муайян кунед. Гӯед, ки онҳо ба кадом хели муродифот мансубанд.

1. Бар овози чанг орамидан хуш аст,
Зи пирон насоеҳ шунидан хуш аст.
*А. Бедил*

Мешавад охир сари бемағз помоли ҳаво,
Ин садо бар гӯши ман аз табли султонӣ бувад.
*С. Насафӣ*

Баровард бонгу ғиреву хурӯш,
Замон то замон з-ӯ намерафт хуш.
*А. Фирдавсӣ*

2. Дар вақти набудани Зебинисо дар маҳалла ва гирду атроф чӣ воқеаҳо рӯй додааст, чашми киҳо равшан шудаасту киҳо аз дунё чашм пӯшидаанд, як ба як нақл карда дод. (*Ҳ. Карим*). Дар яке аз рӯзҳои нағзи соли гузашта мувофиқи тамоми қонуну қоидаҳои табиат пӯкид, яъне мурд (*Р. Ҷалил*).

3. Гунохе надошта бошанд, барои чӣ онҳоро бароварда сар мезананд? Ягон гуноҳ надошта бошанд, барои чӣ онҳоро бароварда сар мезананд? (*Ҷ. Икромӣ*).

4. Аз мӯйсафед ҷавоб нашуд, чунки ӯ маънии ҳазёнро намефаҳмид (*Р. Ҷалил*). Аз мӯйсафед барои маънии ҳазёнро нафаҳмиданаш ҷавоб нашуд.

## *Савол ва супоришҳо*

1. Муродиф чист? Услубшиносӣ кадом ҷиҳатҳои муродифҳоро меомӯзад?
2. Муродифҳо чанд хел мешаванд? Хелҳои муродифотро номбар кунед.
3. Муродифоти луғавӣ чист?
4. Кадом хели муродифотро муродифи ибороғӣ мегӯянд?
5. Муродифи ибороғӣ бо кадом хусусиятҳояш аз муродифи луғавӣ фарқ мекунад?
6. Муродифи сарфӣ чист?
7. Кадом навъи муродифотро муродифи наҳвӣ меноманд?
8. Фарқи муродифи наҳвӣ аз муродифи сарфӣ дар чист?
9. Кадом хусусиятҳои услубии муродифотро медонед?
10. Услуби гуфтугӯйӣ чист?
11. Кадом услуби забонро услуби китобӣ меноманд?
12. Ба хелҳои услуби китобӣ — услуби илмӣ, услуби расмии коргузорӣ, услуби бадеӣ ва услуби публитсистӣ маълумот диҳед.

## САВОЛҲОИ ТЕСТӢ

**1. Дар кадом ҷавоб услуби ғайрихаттии забон оварда шудааст?**

А) услуби гуфтугӯӣ
Б) услуби илмӣ
В) услуби расмии коргузорӣ
Г) услуби бадеӣ
Д) услуби рӯзноманигорӣ

**2. Калимаҳои балохӯр, каллаварам, сабил, шатта, шаллоқ, мурданӣ, кӯрсавод ба кадом навъи услуби забон мансубанд?**

А) ба услуби гуфтугӯӣ
Б) ба услуби илмӣ
В) ба услуби расмии коргузорӣ
Г) ба услуби бадеӣ
Д) ба услуби рӯзноманигорӣ

**3. Дар кадом услуби забон ҷонишини шахси якуми ҷамъ (мо) дар ифодаи хоксорию фурӯтанӣ ба ҷои ҷонишини шахси якуми танҳо (ман) истифода мешавад?**

А) дар услуби гуфтугӯӣ;
Б) дар услуби илмӣ;
В) дар услуби расмии коргузорӣ;
Г) дар услуби бадеӣ;
Д) дар услуби рӯзноманигорӣ.

**4. Дар кадом услуби забон унсурҳои услубҳои дигар омезиш ёфта, воситаҳои эҳсосию муассири забон ва воситаҳои гуногуни тасвири бадеӣ зиёда истифода мешаванд?**

А) дар услуби гуфтугӯӣ
Б) дар услуби илмӣ
В) дар услуби расмии коргузорӣ
Г) дар услуби бадеӣ
Д) дар услуби рӯзноманигорӣ

**5. Калимаҳои рӯй, рух, рухсор, чеҳра ораз, андом, лиқо ба кадом навъи муродифот мансубанд?**

А) ба муродифи луғавӣ
Б) ба муродифи фразеологӣ
В) ба муродифи сарфӣ
Г) ба муродифи услубӣ
Д) калимаҳои мазкур муродиф нестанд

**6. Калимаҳои «моҳиҳо» ва «моҳиён» ба кадом навъи муродифот мансубанд?**

А) ба муродифи луғавӣ
Б) ба муродифи фразеологӣ
В) ба муродифи сарфӣ
Г) ба муродифи наҳвӣ
Д) ба муродифи услубӣ.

## Маълумоти умумӣ дар бораи забон

Забон муҳимтарин воситаи алоқаи инсон аст. Вай чун воситаи муоширати байни одамон дар замони қадим ба сифати падидаи рӯзгори дастаҷамъона ва атои табиати хуҷастарой амри вуҷуд намуд.

Чун дар инсон забони овозӣ падид омад, онҳо тавассути нерӯйи тавонои забон аз олами ҷонварони безабон ҷудо шуда, соҳибтафаккур гаштанд.

Забон ба халқ тааллуқ дорад, зеро офаридгор ва соҳиби забон халқ мебошад. Ин буд, ки забони миллӣ сарват, маданият ва ифодагари рӯҳи халқ, миллат мебошад.

Забони тоҷикӣ аз зумраи забонҳои қадима буда, дар рӯзгори миллати тоҷик чун василаи иттиҳоди ҳамзабонон ва пояи миллат хизмати арзанда дорад.

**Забон ва ҷамъият.** Забон ҳодисаи иҷтимоӣ буда, бо ҷомеа алоқаи ногусастанӣ дорад. Мубодилаи фикр зарурияти доимӣ ва ҳаётии одамон мебошад. Онҳо дар кору зиндагии ҳаррӯза тавассути забон бо ҳам дар мубодилаи афкор мешаванд, афзори кору меҳнат месозанд, илмеро инкишоф медиҳанд, неъматҳои моддӣ меофаранд ва бо ин васила зиндагиро равнақ мебахшанд. Беҳуда нагуфтаанд, ки забон ҳамсафари доимии ҷамъият аст. Кори муташаккилонаи одамон бо воситаи забон ба амал меояд. Дар натиҷаи чунин амалиёти одамон ҷамъият тараққӣ мекунад. Тараққии ҷамъият ва равнақи зиндагӣ дар мубориза

ба даст меояд ва ин мубориза дар ҷамъият бо иштироки бевоситаи забон рух медиҳад.

Забон, ки олоти алоқа аст, дар айни замон олоти мубориза ва тараққии ҷамъият низ мебошад. Забон чун муҳимтарин воситаи тараққии ҷамъият хизмат мекунад. Аз ҷониби дигар, ҳар дигаргуние, ки дар зиндагӣ падид меояд, мустақиман дар забон акс ёфта, барои тағйир ва такмили он таъсир мерасонад.

Дар офариниш ва равнақи забон тамоми аъзоёни ҷомеа, синфҳо ва табақаҳои гуногуни он саҳм мегузоранд. Забон ба ҳама, қатъи назар аз мансубияти онҳо ба синфу табақаҳои мухталиф, баробар хизмат мекунад. Бинобар ин забон «қатъан ҳодисаи синфӣ» нест, балки ҳодисаи комилан умумиҷамъиятист.

**Забон ва тафаккур.** Забон бо тафаккур алоқаи бевосита дорад. Ҳар фикре, ки дар майнаи мо падид меояд, тавассути маводи забон шакл мегирад. Ба ин маънӣ фикрҳои лучу урён, фикрҳое, ки аз маводи забон озод ва фориғ бошанд, вуҷуд надоранд. Аз ҷониби дигар, забон воситаи ягона ва шакли асосии ифодаи фикр аст. Ин буд, ки дар байти зерини Абдураҳмони Ҷомӣ иртиботи узвии забон ва тафаккур ба тариқи зайл таъкид гаштааст:

Ҳар чӣ ба дил ҳаст поку палид,
Дар сухан ояд асари он падид.

**Забон ва маънавиёт.** Саргузашт ва вазъи илму дониши ҳар халқу миллат дар забони вай таҷассум меёбад. Он миллате, ки соҳиби фарҳанги мутараққист, забони ғанӣ хоҳад дошт.

Пас, забони мо оинаи фарҳанги миллат ва мояи ифтихор аст, зеро вай аз ҷумлаи забонҳои сарватманд буда, хеле барвақт бештар аз ҳазор сол қабл аз ин, соҳиби шохаи адабии худ гашта буд. Сурудаҳои соҳибқирони шоирӣ — устод Рӯдакӣ, «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ зодаи ин забон аст. Асбоби эҷоди асарҳои илмию бадеии суханварони забардасте чун Форобӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Носири Хусрав, Ҷомӣ, Бедил, Сайидо, Аҳмади Дониш, Айнӣ, Лоҳутӣ, Турсунзода ва ғайра низ забони тоҷикӣ буд. Пас, ҳеҷ ҷойи шубҳа нест, ки забони ҳар як миллат оинаи равшаннамои фарҳанги ӯст.

Ин буд, ки мо бояд забони модарии худро омӯзем ва барои тозагию пойдории он мубориза барем. Ба ин маънӣ Ҳофизи бузургвор чунин ишора карда буд:

Зи шеъри дилкаши Ҳофиз касе бувад огоҳ,
Ки лутфу табъи сухан гуфтани дарӣ донад.

**Инкишофи таърихии забон.** Забони тоҷикӣ яке аз қадимтарин забонҳои ҷаҳон буда, таърихи хеле бой дорад ва роҳи печ дар печу дуру дарозро тай намудааст. Таркиб ёфтани асосҳои забони тоҷикӣ ба замони хеле қадим рост меояд. Ҳанӯз дар асри VII дар байни қабилаҳое, ки на танҳо умумияти ҳудудию фарҳангӣ, балки забонӣ низ доштанд, иттиҳод ба даст омада, халқе ташаккул ёфта истода буд, ки он баъдтар дар арсаи таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ бо номи халқи тоҷик маъруф гашт. Забони ин халқро порсӣ (форсӣ), дарӣ, тоҷикӣ номиданд.

Ҳамаи калимаҳое, ки дар забон мавҷуданд, якҷоя таркиби луғавии забонро ташкил медиҳанд. Азбаски истеҳсолот, илм, фарҳанг дар тағйирёбии доимӣ аст, таркиби луғавии забон низ тағйир ёфта меистад. Баъзе калимаҳо кӯҳна шуда, аз истеъмол мебароянд, аз ҷониби дигар калимаҳои нав ба вуҷуд меоянд.

Дар таркиби луғавии забон чизи асоситарин фонди луғавии забон аст, ки ба он, пеш аз ҳама, калимаҳои решагӣ дохил мешаванд: об, замин, кӯҳ, дарахт, падар, модар, асп, гов, рафтан, кардан, гуфтан...

Хазинаи луғавии забон бо устувориаш фарқ мекунад. Вай муддати дароз, дар тӯли қарнҳо умр мебинад. Фонди луғавӣ ҳам тағйирёбанда аст, зеро ки вай дар давоми асрҳо ғанӣ шуда, тараққӣ мекунад.

Таркиби луғавии забон дар танҳоӣ ҳанӯз забонро ташкил намедиҳад. Вақте ки вай ба ихтиёри сарфу наҳви забон—дастури забон медарояд, аҳамияти калон пайдо мекунад.

Сохти сарфию наҳвӣ — дастури забон назар ба хазинаи луғавии он хеле сусттар тағйир меёбад. Ин тағйирот аз он иборат аст, ки сохти дастурӣ қоидаҳои худро беҳтар, саҳеҳтар мекунад, бо қоидаҳои нав бой мешавад.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки забон тағйирёбанда буда, инкишофи он ба омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ марбут аст.

Асоси забони адабии тоҷикро забони адабии ҳазорсолаи халқи тоҷик ташкил медиҳад. Дар забони адабии тоҷик калимаҳо, қонуну қоидаҳои сарф, ҳама гуна навъҳои ҷумлаҳо, ки дар наҳв таърихан ҷой дошта, хусусиятҳои забонро инъикос менамоянд, истифода шудаанд. Инкишоф ва такмили забони тоҷик аз ҳисоби забони адабии классикии тоҷик идома дорад.

Забони зинда сарчашмаи дигари забони адабии тоҷик аст. Суханварони тоҷик аз худи соҳибқирони шоирӣ — устод Рӯдакӣ сар карда, то рӯзҳои мо шоир ва нависандагони тоҷик забони бойи халқро манбаи асосии забо-

ни осори худ қарор додаанд, зеро забони зинда дар бобати инкишофи забони адабии ҳозираи тоҷик мақоми арзанда дорад.

Сарчашмаи дигари инкишофи забони адабии тоҷик калимасозӣ мебошад. Калимасозӣ дар асоси қонунҳои дохили забони тоҷикӣ сурат мегирад. Тағйироти таърихии забони тоҷикӣ нишон медиҳад, ки воридшавии калимаҳои вомӣ низ яке аз роҳҳои инкишофи забон аст. Дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ калимаҳои вомии арабӣ, ӯзбекӣ ва русӣ ба назар мерасанд. Мавҷудияти калимаҳои арабӣ ба истилои арабҳо вобаста буда, калимаҳои ӯзбекӣ дар натиҷаи аз замони қадим дар як сарзамин зистани намоядагони ду халқ — тоҷикону ӯзбекон рух додааст. Ҷой доштани калимаҳои русӣ бошад, ба робитаи халқи рус ва тоҷик марбут аст.

Хизмати нависандагон низ дар инкишофи забони адабии тоҷик калон аст. Хизмати устод Садриддин Айнӣ дар бобати инкишофи забони адабии ҳозираи тоҷик беҳамтост. Вай, аз як тараф, бо асарҳояш ба бойшавии таркиби луғавӣ, такомули баъзе ҷиҳатҳои сохти дастурии забон ҳиссаи арзанда гузошта бошад, аз тарафи дигар, дар матбуот барои инкишофи минбаъдаи забони адабии тоҷик ва тозагии он бо як қатор мақолаҳо баромад кардааст.

**Забон ва хат.** Хат бозёфт ва дастоварди азими фарҳанг ва тамаддуни башарият мебошад. Вай имкон медиҳад, ки фикр мураттаб ва бомаром сурат пазирад, гирду ғун шавад ва асрҳои аср маҳфуз монад. Хат фикреро, ки тавассути забон ифода меёбад, ба масофаи дуродур ба замонҳои дарозу тӯлонӣ ва аз насл ба насл интиқол медиҳад.

Хати тоҷикӣ ҳам монанди дигар хатҳо хеле дертар аз забон барои таъмини эҳтиёҷи ба масофаи дур расонидани фикр ба вуҷуд омадааст.

Хат роҳи дуру дарози тараққиро паси сар карда, то ба шакли ҳозирааш расидааст. Аввалҳо барои ин мақсад сангчаҳо, ресмон, устухон, чормағз ва дигар чизҳо истифода мешуданд.

Дертар хати расмҳо ба вуҷуд омад, ки фикр ба воситаи суратҳо, тасвирҳо ифода мегардид. Намунаи чунин хати ба сангу устухонҳо кандашуда ба даст оварда шудаанд. Баъдҳо хати расмҳо ба хати аломатҳои алоҳида (аломатҳои тасвирот) тадбил ёфт. Дар ин навъи хатҳо аломатҳо калимаҳоро ифода мекарданд. Дар асоси хати аломатҳо оҳиста-оҳиста хати ҳарфӣ — овозӣ ба вуҷуд меояд, ки дар ин навъи хат калимаҳо аз маҷмӯи овозҳо иборатанд ва калимаҳо ифодагари мафҳуми мафҳумҳост.

Пеш аз истилои араб қабилаҳои тоҷик аз алифбои суғдӣ, тохарӣ ва монанди инҳо истифода мебурданд. Пас аз истилои араб алифбои арабиа-

соси тоҷикӣ ҷорӣ карда мешавад, ки он зиёда аз ҳазор сол дар истифода буд.

Моҳи апрели соли 1928 алифбои арабиасос бо алифбои лотинӣ иваз карда мешавад, ки он то соли 1940 мавриди истифода қарор гирифт.

Аз соли 1940 алифбои нав, ки дар асоси алифбои русӣ (кириллӣ) тартиб дода шуда буд, ҷорӣ гашт, ки он то имрӯз дар амал аст.

**Забони адабӣ ва шева.** Забони халқ худ ба худ ташаккул намеёбад. Вай дар маҳалҳои гуногун дар натиҷаи зуҳури ҳодисаҳои алоҳида ба вуҷуд омадааст. Масалан, агар қабилае ба қисмҳо ҷудо шаваду ҳар кадоми ин қисмҳо минбаъд қабилаҳои ҷудогонаро ташкил кунанд, дар байни онҳо хусусиятҳои забони маҳаллӣ инкишоф ёфтан мегирад ва дар натиҷа дар заминаи як забони як вақтҳо ягона чандин шеваҳои ба якдигар наздик ба вуҷуд меоянд. Вале, баръакс, дар асоси қабилаҳои забонашон ба якдигар наздик иттифоқи қабилавӣ ба вуҷуд ояд, ин гуна қабилаҳо минбаъд барои ташаккули халқҳо асос мешаванд. Ин маънӣ боиси ташаккули забони халқ низ мегардад. Дар ин ҳолат забони қабилаҳо ба сифати шеваҳои забони халқ амал мекунанд.

Ҳоло баробари забони адабии тоҷик, ки дорои шаклҳои хаттию шифоҳист, забони маҳаллӣ — шеваҳои забони тоҷикӣ низ чун василаи муоширати мардуми маҳалҳои муайян истифода мешаванд.

Шеваҳои забони тоҷикӣ ба чор гурӯҳ ҷудо мешаванд:

**1. Шеваи шимолӣ**. Ҳудуди паҳншавии ин шева Ашт, Чуст, Косонсой, Шаҳристон, Панҷакент, Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Конибодом, Бойсун, Дарбанд, Қаротоғ, қисми кӯҳии Ҳисор ва ғайра аст.

**2. Шеваи мобайнӣ.** Ба ин шева лаҳҷаҳои тоҷикони саргаҳи Зарафшон — маҳалҳои ноҳияҳои Айнӣ ва Мастчоҳ (Мастчоҳи Боло, Мастчоҳи Поён, Айнӣ, Понғоз, Ворух ва ғайра) дохил мешаванд.

**3. Шеваи ҷанубӣ**. Ин шева дар маҳалҳои зерин интишор ёфтааст: қисми Варзоб, қисми Ҳисор (лаҳҷаҳои водӣ), Қаротегин, Чилдара (Вахёи Поён), Кӯлоб, Ғарм ва монанди инҳо.

**4. Шеваи ҷанубӣ-шарқӣ.** Ин шева воситаи муоширати тоҷикони маҳалҳои зерин аст: Ванҷ, Дарвоз (қишлоқҳои Ҷорф, Кирговат, Пошхарв, Пишхарв, Зинг, Дуробак, Ширговат, Ёгед, Равнов ва ғайра).

Ин ҷо қайд бояд кард, ки агар меъёрҳои лаҳҷавӣ дар маҳалле интишор дошта, истифодаи онҳо дар такаллум барои тамоми бошандагони ин маҳал расм ва зарур бошад, меъёри забони адабӣ дар тамоми қаламрави забони тоҷикӣ густариш дорад ва риояи он дар нутқи хаттӣ ва шифоҳии

адабӣ, сарфи назар аз ҷойи истиқомат, барои ҳамаи соҳибони забон амри воҷиб аст.

## Шаклҳои хаттӣ ва шифоҳии забони адабӣ

Забони адабӣ муҳимтарин воситаи муошиирати байни одамон буда, вазифаи худро чун василаи мубодилаи афкор ва ба тарзи хаттӣ ва шифоҳӣ адо мекунад. Бояд гуфт, ки шаклҳои хаттӣ ва шифоҳии забони адабӣ барои иҷрои вазифаи фавқуззикр арзи вуҷуд намудаанд.

**Шакли хаттии забони адабӣ.** Забони адабии хаттӣ назар ба мубодилаи шифоҳӣ устувор буда, оҳиста ва тадриҷан тағйир меёбад. Ҳангоми ифодаи хаттии фикр имкони бомулоҳиза интихоб намудан ва сара карда гирифтани калимаву ибораҳо, шаклу воситаҳои дастурии забон, қолибҳои ифодаи фикр ва монанди инҳо вуҷуд дорад. Дар тарзи хаттии ифодаи фикр нигоранда (нависанда) ба истифодаи ҳар сухан аҳамият медиҳад, таносуби маънони калимаҳоро ба назар мегирад, бе мутобиқати, шаклҳои дастурӣ эътибор дода, пойдории мантиқи суханро таъмин менамояд.

Ҳангоми ифодаи хаттии фикр кор фармудани ҳама гуна имконоти дастурию услубии оҳанги гуфтор, ки дар шакли шифоҳии забон ба мушоҳида мерасад, имконпазир нест, зеро ки бо ёрии он чанд аломати китобат ҳамон маъною вазифаҳои оҳанги забони гуфтугӯро ба тарзи хаттӣ ифода кардан мумкин намегардад. Ин буд, ки нигоранда дар вақти ифодаи хаттии фикр тартиби муқарарии аъзоҳои ҷумларо тағйир дода, ҷойи задаи мантиқиро кӯчонда, баъзе ҳиссаҳои ҷумларо такроран оварда кӯшиш мекунад, ки матлабро саҳеҳ, мукаммал ва пуртаъсир ифода намояд.

Шакли хаттии забони адабӣ асосан ҳангоми таълифи асарҳои илмӣ, бадеӣ, жанрҳон мансуби рӯзноманигорӣ, дар навишти ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ, коргузории идорӣ ва муносибатҳои дипломатӣ мавриди истифода қарор мегирад.

**Шакли шифоҳии забони адабӣ.** Мубодилаи шифоҳӣ одатан ба тариқи муколама сурат мегирад. Маълум аст, ки унсурҳон оҳанг дар муколама нақши худро мегузоранд. Ин буд, ки оҳанги гуфторро тағйир дода ба мазмуни ҷумла тобишҳои гуногуни маъноӣ бахшидани мутакаллим (гӯянда) имконпазир мегардад. Зиёда аз ин, дар нутқ воситаҳои ғайризабонӣ (аз қабили имову ишора, ҳаракатҳои лабу даҳон, бинӣ, чашму абрӯ, ҷабин ва монанди инҳо) низ барон рӯшантару барҷастатар ифода намудани матлаб мусоидат менамоянд. Барои аниқу рӯшан фаҳмидани мақсаду матлаби якдигар мароми сухан (вазъияти нутқ) низ ёрӣ мерасонад.

Қайд бояд кард, ки бар акси тарзи ифодаи хаттӣ дар нутқи шифоҳӣ калимаву ибораҳои халқӣ, лафзҳои лаҳҷавӣ, суханҳои дурушти кӯчагӣ, калимаву ифодаҳои бегона ва монанди инҳо ҳам мавриди истифода қарор мегиранд.

Ҳангоми бо ҳар ду тарз (хаттӣ ва шифоҳӣ) ифода гаштани матлаб (тавассути ҷумлаҳо) калима нақши арзанда дорад.

# ТАКРОР

## § 41. Овозшиносӣ ва имло

Ба саволҳо ҷавоб диҳед, ҷавобҳоятонро бо мисолҳо собит намоед.

1. Овозшиносӣ  чиро меомӯзад?
2. Дар алифбои тоҷикӣ чанд овоз ва чанд ҳарф ҳаст?
3. Кадом узвҳои нутқро медонед?
4. Овозҳои нутқ чӣ гуна ҳосил мешаванд?

**Машқи 143.** Матнро хонед, ба имлои овозҳои «*у*» ва «*ӯ*» зеҳн монед. Вазифаи «*ӣ*» -ро дар калимаҳо шарҳ диҳед. Дар калимаҳои ишоратшуда овоз ва ҳарфҳоро муайян кунед.

Дигар ба тундиву тезӣ одат макун ва аз ҳилм холӣ мабош. Лекин якбора чунон нарм мабош, ки аз хушиву нармӣ бихӯрандат ва низ чунон дурушт мабош, ки ҳаргизат ба даст бинасованд ва бо ҳама гурӯҳ мувофиқ бош, ки ба мувофиқат аз дӯсту душман мурод ҳосил тавон кард. Ва ҳеҷ касро бадӣ маёмӯз, ки бад омӯхтан дуввуми бадӣ кардан аст. Агарчи бегуноҳ касе туро биёзорад, ту ҷаҳд кун, ки ӯро наёзорӣ, ки хонаи камозорӣ дар кӯйи мардумист. Ва асли мардумӣ гуфтаанд, ки камозорист.

Пас, агар мардумӣ, камозор бош ва дигар кирдор бо мардумон накӯ дор. Аз он чи мардум бояд дар оина нигаранд, агар дидораш хуб бувад, бояд ки кирдораш чун дидораш бувад, ки аз накӯ зиштӣ назебад. Нашояд, ки аз гандум ҷав рӯяд ва аз ҷав гандум.

*(Аз* «Қобуснома»*).*

### *Шарҳи луғат*

**Ҳилм** — нармдилӣ, мулоимат
**Мардумӣ** – инсонпарворӣ, мурувват кардан
**Совидан** — соидан, молидан

**Машқи 144.** Ба зери калимаҳои тезӣ лекин якбора, ҳеҷ маёмӯз бегуноҳ, биёзорад, наёзорӣ, назебад, нашояд, гӯяд хат кашидан лозим.

Ҳавливу хона аз шӯълаи шамъу чароғу қандил монанди рӯз равшан ва музайян буд. Дар шохаҳои дарахтон қафасҳои булбулу қумрӣ овезон ва он паррандагон аз шӯълаи шамъ ва атру райҳон ба завқ даромада ғулғула ва шӯр барпо карда буданд. Ба даруни хона даромада дидам, ки фаршу палосҳо бисёр аъло паҳн карда шуда, дастархонҳои атлас ва заррин кашида... Дар шамъдонҳо шамъҳои кофурӣ месӯхт. Навозандагони хушсимо ва хушнавоз ба ҷойи худ нишаста, соқиёни маъқул ба по истода, пешхизматони хушлибос аз ҳама ҷо бохабар ва ҳушёр... (аз «*Чор дарвеш*»).

### *Шарҳи луғат*

**Музайян** — зебу зиннат додашуда, ороста
**Кофурӣ** — сафед, сафедранг

**Машқи 145.** Калимаҳои зеринро хонед. Гӯед, ки дар вақти талаффуз чӣ ҳодиса ба шумо аён гашт? Тарзи навишти онҳоро шарҳ дода, дар хотир нигоҳ доред.

**Шанбе, занбӯр, занбар, чанбар, анбӯр, анбор, гунбад, ҷунбидан, дунба.**

**Супориш:**

Тарзи ба сатри дигар гузаронидани ҳиссаи калимаҳоро аз рӯйи мисолҳои *инқилобӣ, даъват, овардем* шарҳ диҳед.

**Машқи 146.** Матнро хонда калимаҳои ишоратшударо ба дафтаратон нависед, садоноку ҳамсадоҳои онҳоро муайян кунед. Ҳамсадоҳои муайянкардаатонро ба ҷарангдору беҷаранг ҷудо кунед.

Манзараи бошукӯҳи сохтмони банди об. Ҳама ҷо аз одамоне, ки бо каланду бел кор мекунанд ва бо хару аробаю уштур хок мекашонанд, пур аст. Як гурӯҳ одамон дар занбарҳо ва халтаҳо хок мекашонданд. Аз ҳар чоҳар ҷойи ин маъракаи серодами пурғалоғула дуди танӯрҳо ва оташдонҳо печ хӯрда боло мебарояд: нонвойҳо нон ва ошпазҳо ош мепазанд. Дар қафо оби сурхтоби қаҳваранги дарёи Аму ҷараён мекунад ва дар он, қад-қади соҳил, қаиқҳои қадимии бодбонҳояшон сиёҳранги хоразмиён шино менамоянд (*С. Улуғзода*).

## § 42. Калима

Ҷумлаҳоро хонед, калимаҳои сермаъно, муродифоти луғавӣ, ҳамгунаҳо ва мутазодҳоро муайян карда, хусусиятҳои услубии онҳоро шарҳ диҳед.

1. Ману Исрофил ҳам оби яктоӣ шишаро аз гулӯяш ба гулӯямон рехта холӣ кардем (*Ф. Муҳаммадиев*). Бори сабуки ашёро ба хар ва бори гарони ғамро ба дил ниҳода равон шудем (*С. Улуғзода*).

2. Дар ин дам чашмони ӯро ашкҳои хашму ғазаб, сиришкҳои интиқом, ниқор фаро гирифта буданд (*Ҳ. Карим*).

3. Нишаста ба чоҳ андарун май ба чанг,
Дилу гӯш дода ба овози чанг.

*А. Фирдавсӣ*

4. Барои онон ҳастӣ зиндон буд. Рӯзи равшан шаби торик буд (*Ҳ. Карим*).

**Машқи 147.** Ҷумлаҳои зеринро нависед, калимаҳои сермаъно, ҳамгунаҳо, муродифот ва мутазодҳоро муайян карда, ба кадом маънӣ истифода шудани онҳоро шарҳ диҳед.

1. Бечора Одина бо ин ҳама сахтиҳо аз хӯҷаин ягон бор забони хуше ва рӯйи кушодае надид (*С. Айнӣ*). Забони пахтаро ёфта, донista, сонӣ дар ин бора гуфтугӯ кардан лозим меояд (*Алихуш*). Ду ҷавон забони дар даҳонашон бударо аз ҳаракат боздошта бо забони дилҳошон бо якдигар гуфтугузор карда мерафтанд (*С. Айнӣ*).

2. Баромад Меҳр гарм аз қалби ховар,
Барои диданат чун меҳри модар.

*М. Турсунзода*

3. Офтоб бо ғурур қадампартоӣ менамуд, ҷилванамоӣ мекард... Сабзаҳои навхези баҳор ба истиқболи Хуршед механдид (*Ҳ. Карим*).

4. Шумо, ки қозии доно ҳастед, бояд ба доди мани нодон мерасидед, дар он вақт ба пеши командир рафтани ман лозим ҳам набуд (*С. Улуғзода*).

**Машқи 148.** Байтҳои зеринро ифоданок хонед, муродифот, ҳамгунаҳо ва мутазодҳоро муайян намуда, маъниашонро шарҳ диҳед.

1. Ба овози чанг оромидан хуш аст,
Зи пирон носеҳ шунидан хуш аст.

*А. Ҷомӣ*

Мешавад охир сари бемағз помоли ҳаво,
Ин садо дар гӯши ман аз табли султонӣ бувад.

*С. Насафӣ*

2. Тори зулфатро ҷудо машшота гар аз шона кард,
Дасти он машшота мебояд ҷудо аз шона кард.

*Х. Деҳлавӣ*

Биё ба сайри гулистон нигар ба боғу бӯстон,
Намуда шохи гул макон ҳазорҳо ҳазорҳо.

*Ҳ. Юсуфӣ*

3. Поёни шаби сиёҳ сафед аст,
Аз ноумедиҳо басе умед аст.

*Ҳ. Шерозӣ*

То ғами талхе нахӯрӣ, аз ғами ширин магӯ,
То ғами фардо нахӯрӣ, аз ғами дерин магӯ.

*Л. Шералӣ*

**Машқи 149.** Ибораҳои сутуни чапро бо ибораҳои сутуни рост муқоиса карда, маънои аслӣ ва маҷозии калимаҳоро шарҳ диҳед.

| | |
|---|---|
| ангури ширин | сухани ширин |
| навдаи овезон | қавоқи овезон |
| барфи сафед | бахти сафед |
| меваи хом | одами хом |
| ранги сиёҳ | дили сиёҳ |
| чормағзи пуч | сухани пуч |
| ҳавои гарм | дили гарм |
| ҳавои хунук | гапи хунук |

## § 43. Калимасозӣ ва имло

**Ба саволҳо ҷавоб диҳед, ҷавобҳоятонро бо мисолҳо собит намоед.**

1. Реша чист?
2. Чӣ гуна калимаҳо ҳамреша мебошанд?
3. Кадом ҳиссаҳо маънои калимаро тағйир медиҳанд?
4. Пешванд, миёнванд ва пасванд аз ҷиҳати мавқеи истеъмол чӣ фарқ доранд?

5. Кадом ҳиссаҳои калима асос шуда метавонанд?
6. Бандак аз пешванд, миёнванд ва пасванд чӣ фарқ дорад?
7. Кадом бандакҳоро медонед?

**Машқи 150.** Калимаҳоро хонед, реша, пешванд, миёнванд ва пасвандҳои онҳоро нишон диҳед. Калимаҳои ҳамрешаро навишта гиред.

Гулистон, ҳақиқатан, ҳамсинф, поя, гуфтугӯй, рафтуомад, чинакчӣ, ҳамқишлоқӣ, нотавон, бовафо, синфӣ, кашокаш, саросар, маълум, маълумот, маълумотнок, номаълум, кирм, кирмак, панҷа, тунука, дандона, лаболаб, ҷустуҷӯй, чарогоҳ, гулшан, барҳаво, гулдон, гулзор.

**Машқи 151.** Калимаҳои зеринро нависед. Гӯед, ки дар кадом калимаҳо -*а* ва -*ӣ* пасванд асту дар кадомашон не.

Сабза, кӯза, арра, рӯза, панҷа, забона, бода, шона, хона, қумрӣ, сиёҳӣ, дӯстӣ, бадӣ, аҳолӣ, шӯхӣ, гуфтӣ, ваҳшӣ, кӯҳӣ, тӯтӣ.

**Машқи 152.** Матнро хонед, бандакҳоро муайян карда, хели онҳоро номбар кунед.

Падарам бо амакам борро аз харҳо фуроварда, ба чойхона даромаданд. Ману Азизхон ба хатти роҳи оҳан шитофтем. Мо рӯ-рӯйи релси ҷилодор медавидем. Релсҳо аз истгоҳ ба ду ҷониб рафта, дар уфуқи дашт ғоиб мегардиданд. То вақти говгум мо дар болои релсҳо даводав кардем. Баногоҳ аз дур ду оташак намудор шуд. Падарам, ки ба назди мо меомад, гуфт, ки поезд омада истодааст...

Амакам, занаш ва як писараш дар соли гуруснагӣ вафот карда буданд, писари дигараш, ки ланг шуда монда буд, баъди зан гирифтан ба деҳаи ҳамсоя кӯчида, дар он ҷо ба касби қошуқтарошӣ рӯз мегузаронд. Агар ба ҳаёт боз ду духтар ва зани дуюми бевамондаи амакам ҳақи мерос намедоштанд, эҳтимол амакзодаи қошуқтарошам онро кайҳо фурӯхта мехӯрд (*С. Улуғзода*).

**Машқи 153.** Порчаҳои зеринро нависед, таркиби калимаҳои ишоратшударо муайян карда, тарзи сохта шудани онҳоро нишон диҳед.

Моҳи октябр даромада, барги дарахтон зарду норинҷӣ метофтанд ва бо андак вазиши бод аз шоху навдаҳо канда шуда ба зери по мерехтанд. Бозору дӯконҳо аз нозу неъмати тобистонӣ пур буданд.

*  *  *

— Чӣ тирамоҳи бобаракат дорад, Ӯзбекистон!

Шамоли сарди пагоҳӣ мевазид. Барфҳои рӯйи Замин, навдаҳои ҷомаи барфин пӯшидаи дарахтон аз шуои Офтоби тобон, ки паси теғаи кӯҳ сар бардошта, аввало ба осмони нилгун, баъд ба гӯшаи нуқрапӯши олам чашми муҳаббат медӯхт, медурахшиданд.

**Машқи 154.** Ибора ва ҷумлаҳои зеринро бо як калима ифода кунед, сохт ва таркиби калимаҳои ифодагари ибораю ҷумлаҳоро муайян намоед.

Дарёи Аму; бахти хуш; духтари тоҷик; сари сахт; ҷойе, ки китоб мехонанд; шахсе, ки моҳӣ гирифтан ихтисосаш аст; ҷойи бурида гузаштани чор роҳ; хабари хуш; ноҳияе, ки асосан пахта мекорад; автомобиле, ки бор мекашонад; ҷое, ки хӯрок мепазанд; рӯзи баъди шанбе; сад ҷамъи сад; одаме, ки муомилааш бад аст; алафе, ки бӯйи бад дорад; хонае, ки болохона дорад; хонаи сағирон.

## § 44. Сарф

Ба саволҳо ҷавоб диҳед ва бо мисолҳо фикратонро тасдиқ намоед.

1. Илми сарф чиро меомӯзад?
2. Дар забони тоҷикӣ чанд ҳиссаи нутқ ҳаст?
3. Ҳиссаҳои нутқ ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд? Чаро?
4. Кадом ҳиссаҳои нутқро ҳиссаҳои мустақили нутқ меноманд?
5. Ҳиссаҳои ёвари нутқ кадом ҳиссаҳои нутқанд? Барои чӣ?

**Машқи 155.** Нақшаро хонед ва бо мисолҳо шарҳ диҳед.



**Машқи 156**. Калимаҳоро ба тартиби зерин навишта гиред: *исм, сифат, шумора, ҷонишин, феъл, зарф.*

Деҳқон, баланд, ким-кадом, рафтан, ночор, имрӯз, хоҳам гуфт, чоряк, шашум, онҳо, дувист, хушбахт, моҳпайкар, муҳандис, саъба, Тошканд, хушҳол, рангоранг, даҳ-панздаҳ, шашяк, се, ҳамин, он, чӣ хел, худ, резондан, буридан, хоҳад рафт, оромона, нохост, фардо, қасдан, Баҳром, бинӣ, осмон, Офтоб, дилсоф, сарбаланд, пойлуч, лойолуд, дувоздаҳ, шашсад, бисту панҷ, ҳазор, ҳар гуна, ин, ҳеҷ кадом, аз они, хобидан, гуфта истодан, хандида фиристодан, томошо кардан, хоб рафтан, барқасд, ноилоҷ, ҷо -ҷо, дина, андак, тӯтивор, Муштарӣ, зебо, чилум.

**Машқи 157.** Калимаҳоро бо тартиби зерин навишта гиред: *пешоянду пасояндҳо, пайвандакҳо, ҳиссачаҳо, нидо.*

Оббо, эй, ҳа, оре, магар, ва, аммо, барин, -ро, барои, аз, бо, дар, бар, боз, қатӣ, азбаски, зеро ки, вагарна, лекин, мисли он ки, наход, фақат, ҳатто, ана, не, оё, бай-бай, воҳ, эҳе, туф, ҳм, аё, ҷигӣ-ҷигӣ.

**Машқи 158.** Ҷумлаҳои зеринро хонед, шаклҳои замонии феълҳои ишоратшударо муайян карда, шарҳ диҳед.

1. Акнун ман рафтам, шаб ҳам бевақт шуд (*Ф. Ниёзӣ*). 2. Дар он зиёфат ошро ман мепухтам ва дигар хизматҳоро ҳам ман мекардам (*С. Айнӣ*). 3. Одамони мо ба меҳмони асабонӣ бо мулоимат гап мезананд, аммо ӯ торафт баландтар аланга мегирифт ва тозиёнаи худро гоҳ ба камарбанди пахнаш мехалонду гоҳ дар болои сараш таҳдидкорона афшонида, фарёд мекашид (*Ф. Муҳаммадиев*). 4. Модарам як ҷуволча тутмавиз хушконда монда буд (*С. Айнӣ*). 5. Дар ин ҷо сӯҳбати онҳо ба охир расид, зеро ки ба дами дарвозаи ҳавлиашон расида буданд (*Ҷ. Икромӣ*). 6. Ман аввалин бор буд, ки дар Бухоро ин гуна одамони зиндадил ва адабиётчиро дида истода будам (*С. Айнӣ*). 7. Хола Анбар худ ба худ хандида истода буд, ки аз берун Оими Шоҳ омада даромад (*Ҷ. Икромӣ*).

**Машқи 159.** Зарфҳоро бо тартиби зерин навишта гиред: зарфи тарзи амал, зарфи монандӣ, зарфи миқдору дараҷа, зарфи замон, зарфи макон, зарфи сабаб, зарфи мақсад.

Қасдан, саҳван, ҷо-ҷо, ҳозир, ҳоло, андак, хеле, тирвор, зуд, нохост, якбора, ҳалқавор, саъдиёна, қадре, басо, мудом, порсол, поён-

тар, болотар, тасодуфан, ноилоҷ, барқасд, пуштнокӣ, оромона, даррав, якзайл, алмосвор, шоирона, лаълсифат, барзиёд, кам, бисёр, кам андар кам, баъд, ҳанӯз, фардо, ҳамеша, ҳама ҷо, ночор.

## § 45. Наҳв

Ба саволҳо ҷавоб диҳед, ҷавобатонро бо мисолҳо собит намоед.

1. Илми наҳв чиро меомӯзад?
2. Ибора чист?
3. Кадом хелҳои ибораро медонед?
4. Ҷумла чист?
5. Кадом хелҳои ҷумларо медонед?
6. Ҷумлаҳои содда чанд хел мешаванд?
7. Кадом хелҳои ҷумлаи мураккабро медонед?

**Машқи 160.** Аз калимаҳои зерин ибора созед, калимаҳои тобеъкунанда ва тобеъшавандаашонро муайян карда, ба кадом хели ибора мансуб будани онҳоро гӯед.

**Намуна:** пахтаи маҳиннах — ибораи исмӣ

Пахта, кӯҳсор, китоб, ранг, хуб, зебо, сабз, чароғ, равшан, панҷара, Замин, боб, Офтоб, барф, Раҳим, қалам, талаб кардан, чашидан, парвоз кардан, сайр кардан, хандидан, ёд кардан, чидан, тоза кардан, ман, кадом.

**Машқи 161**. Порчаро хонед, ба оҳанги онҳо диққат диҳед. Хелҳои ҷумлаҳоро муайян кунед.

Фармон медиҳам, ки то омадани ёрмандӣ аз Тошканд ё аз Самарқанд қалъа дар даст нигоҳ дошта шавад! Фаҳмидед? Бимиред ҳам то омадани ёрдам қалъаро нигоҳ доред! Фаҳмидед? Тамоми қувваро сафарбар намоед! Ҳатто ба солдатҳои бемор ҳам яроқ диҳед! Пулемётро тахт карда монед! Тӯпҳоро тайёр карда монед!

Хуб шудааст! Ба кӣ телеграмма диҳам? Ман панҷ маротиба пай дар пай телеграмма додам. Сардори стансия гурехтагӣ барин менамояд. Ҳеҷ ҷавоб нест. Ба ин ҳолат ҳама ҳайрон ҳастем. Чӣ кор кунам? Барои маслиҳат ба ин ҷо омадам (*Ҳ. Карим*).

**Машқи 162.** Ҷумлаҳоро тарзе хонед, ки дар як мавриди ҳикоягӣ ва дар мавриди дигар саволӣ шаванд, сабаби ин ҳодисаро шарҳ диҳед.

1. Шодигул ҳам гӯш меандохт (*С. Улуғзода*). 2. Онҳо якдигарро шинохтанд (*Р. Ҷалил*). 3. Мо ҳар ду хомӯш будем (*Р. Ҷалил*). 4. Дар деҳаҳо ҳам ҳеҷ кас наменамуд (*С. Айнӣ*). 5. Дар ҳамин вақт Заҳро расида омад (*Ҳ. Карим*). 6. Моҳ наменамояд (*А. Деҳотӣ*). 7. Панҷ рӯз гузашт (*Ҷ. Икромӣ*).

**Машқи 163.** Ҷумлаҳои хулласи зеринро ба ҷумлаҳои тафсилӣ гардонида нависед.

1. Тирамоҳ расид. 2. Борон борид. 3. Меваҳо пухтанд. 4. Нақша иҷро мешавад. 5. Офтоб баромад. 6. Пахта бисёр аст. 7. Мевачинӣ сар шуд.

**Машқи 164.** Ҷумлаҳоро бо тартиби зерин навишта гиред:

1) ҷумлаи дутаркиба,
2) ҷумлаи яктаркиба:
   а) муайяншахс,
   б) номуайяншахс,
   в) умумишахс,
   г) бешахс,
   д) унвонӣ.

1. Зали калони хонаи маданият аз одам пур буд (*С. Улуғзода*). 2. Шояд дар он ҷойҳо ин тавр набошад (*Р. Ҷалил*). 3. Дар вақти гузаштани ҳукумати Бухоро аз Аштархониён ба дасти Манғитиён тамоми кӯҳистон ба сари худ мустақил буд (*С. Айнӣ*). 4. Дар рӯйи ҳавлӣ ба Шамсия ва Фирӯза супоришҳои лозимиро дода, ҳамроҳи меҳмон ҳар ду фаранҷиҳоро ба сар гирифта берун баромаданд (*Ҷ. Икромӣ*). 5. Ёрӣ расониданд ва равғани палавро доғ мекарданд. Дар як гӯшаи ошхона як деги нимманиро шинонда дар он об гарм мекарданд (*С. Айнӣ*). 6. Тан ба бечорагию гуруснагӣ бидеҳу даст пеши сифла мадор (*С. Шерозӣ*). 7. Дар поён канали Сувайш. Гӯё ба рӯйи коғази зарди нақшакашӣ ҷадвали кабудеро ниҳодаанд (*Ф. Муҳаммадиев*). 8. Қасри шоҳи Ҳиндустон. Шоҳ бар тахт нишаста бо вазир гуфтугӯ мекунад. Аз вазъияти онҳо асабият, изтироб ва парешонҳолӣ зоҳир мешавад (*А. Деҳотӣ*). 9. Инро ҳатман бояд гуфт (*Ф. Муҳаммадиев*). 10. Коргарро дар кор тавон шинохт (*Зарб*).

**Машқи 165.** Ҷумлаҳои мураккабро нависед, сарҷумла ва ҷумлаҳои пайравро муайян кунед. Гӯед, ки кадом хели ҷумлаҳои пайрав истифода шудаанд.

1. Ҳар кӣ бо дег ҳамнишин гардад, домани хеш сиёҳ кунад (*Зарб*). 2. Маънии ҳазорсола шудани як одам он нест, ки ӯ дар зиндагии худ ҳазор солро аз сар гузаронад (*С. Айнӣ*). 3. Чӣ тавр дилат шуд, ки кӯдаки сесоларо монда як рӯзи дароз дар шаҳр гардӣ? (*Р. Ҷалил*). 4. Ҳар аспе, ки гӯсоларо аз тӯда кашида мебаровард, ба чапандози он асп ҷома ва пул мукофот медоданд (*С. Айнӣ*). 5. Посе аз шаб гузашта буд, ки раъду барқ ба ҳунарнамоӣ сар кард (*Ҷ. Икромӣ*). 6. Гӯё табиат бо камоли ҳавсала чун намунаи гулдастаи худ духтаре офаридааст, то ба ҳунармандии ӯ тан бидиҳанд (*Р. Ҷалил*). 7. Азбазки ман дар вақтҳои охир дар ҳаққи ӯ бадгумон шуда будам, акси гапи ӯро кардам (*С. Айнӣ*).

## § 46. Аломатҳои китобат

Ба саволҳо ҷавоб диҳед ва ҷавобатонро бо мисолҳо асоснок кунед.

1. Кадом аломатҳои китобатро медонед?
2. Дар кадом мавридҳо дар охири ҷумла аломати нуқта, савол ва хитоб гузошта мешавад?
3. Аломати вергул дар кадом мавридҳо гузошта мешавад?
4. Мавриди гузориши аломатҳои қавсайн, тире ва баёнро медонед?
5. Аломатҳои нуқтавергул ва нимтире дар кадом мавридҳо гузошта мешаванд?
6. Дар кадом мавридҳо аломати сенуқта гузошта мешавад?

**Машқи 166.** Ҷумлаҳоро хонед, мавридҳои гузориши аломати вергулро шарҳ диҳед

1. Дар ягон ҷойи кӯчаи шаҳр шамъе, чароғе, фонусе набуд (*С. Айнӣ*) 2. Ҷавонон, савор шавед (*С. Айнӣ*). 3. Хӯш, ҷони бобо, ин чӣ будааст? Канӣ, ман ҳам бинам (*А. Деҳотӣ*). 4. Ман модарарӯсаш мешавам, бачем (*Ф. Ниёзӣ*). 5. Оббо, гӯр пирӣ шавад, қариб ки нашиносам-а? — гуфт охир Юнусбобо (*Ф. Ниёзӣ*). 6. Не, ба фикрам, ҳеҷ гап не (*Ф. Ниёзӣ*). 7. Ана, ин ниҳолҳоро, албатта, сел хобондааст (*Р. Ҷалил*). 8. Фаррухзод яке сахт ҳуҷуми ҷавобӣ кард, лекин ҳуҷумаш барор нагирифт (*С. Улуғзода*). 9. Одина, вақте ки аз баргашта рафтани Ибод хотирҷамъ шуд, ба модаркалонаш гуфт (*С. Айнӣ*). 10. Чӯбина донист, ки кори зиште кардааст (*С. Улуғзода*) Фарзандонам ҳастанд, бародарам ҳаст (*С. Айнӣ*).

**Машқи 167.** Ҷумлаҳоро нависед, мавридҳои гузориши аломати тиреро шарҳ диҳед.

1. Давои қурут — оби ҷӯш (*Зарб*). 2. Оҳангару мисгар, машкоб, нонвой, саис, ҳезумкаш — ҳама лашкари моанд (*С. Улуғзода*). 3. Кор кунӣ — нон мехӯрӣ (*Зарб*). 4. Меҳнат фаровон мекунад — танбалӣ вайрон мекунад (*Зарб*). 5. Наход ки шумо аз ман хафа бошед? — гуфт Ҳошим — Корвон (*С. Улуғзода*). 6. Ашъори Фонӣ — Навоӣ байни туркзабонон ғулғула андохт (*С. Айнӣ*).

**Машқи 168.** Ҷумлаҳоро хонед, сабаби гузошта шудани аломати баёнро шарҳ диҳед.

1. Хола бо дасташ ишора кард: мардум оҳиста-оҳиста хомӯш шуданд (*Ҷ. Икромӣ*). 2. Содиқ-ака, биёед, шумо ҳам ба маҷлиси мо иштирок кунед: аз таҷрибаи шумо фоида барем (*С. Айнӣ*). 3. Аз аввал то охири баҳор дар боғ ҳамаи дарахтҳо: зардолу, себ, гелос, анор, анҷир бо навбат гул мекунанд (*Ф. Муҳаммадиев*). 4. Дили Сайфиддинов саҳл ором ёфт: инҳо ревизор набуданд (*С. Улуғзода*). 5. Падарам ба ман насиҳат карда гуфт: «Ту бояд ҷавони кордон ва зирак шавӣ!» (*С. Улуғзода*). 6. Ҳаминро гуфтанӣ ҳастам: ин ҷавонмардони ба аскарӣ рафтаистодаи мо боварии маро хуб медонанд (*Ф. Ниёзӣ*).

**Машқи 169.** Ҷумлаҳоро нависед, мавриди гузошта шудани аломати қавсро шарҳ дихед.

1. Зардолуҳои пешпазак (ҷавпазак, моҳтобӣ, лучак) кайҳо пухтаанд (*С. Айнӣ*). 2. Дар он ҷо коллективона лӯбиёшӯрак пухта мехӯрдем (ман лубиёшӯракпазиро дар қисми дуввуми романи «Ғуломон» тасвир кардаам) (*С. Айнӣ*). 3. Офтоби форами моҳи мизон (сентябр) ҳавои Ёвонро монанди ҳавои баҳорони беборон хушу хуррам гардонида буд (*С. Айнӣ*). 4. Хати «настаълиқ» (хате, ки аз хатҳои «насх» ва «таълиқ» ба вуҷуд омадааст) пеш аз замони Навоӣ баромада буд (*С. Айнӣ*). 5. Рӯдакӣ (шарфаи пойи онҳоро шунид): − Меҳмонони нав омаданд магар? Маҳ онҳоро пазироӣ бикун! (*С. Улуғзода*).

**Машқи 170.** Ҷумлаҳоро нависед, аломатҳои китобатро гузоред.

1. Афсӯс имрӯз омада надид (*Р. Ҷалил*). 2. Хушбахтона мардум аз ботини вай бохабар шуданд (*Ҷ. Икромӣ*). 3. Ба ақидаи ман ҳамин рӯз киштро сар кардан лозим (*С. Улуғзода*). 4. Вай намеомад ҳоли ман чӣ мешуд (*Р. Ҷалил*). 5. Бозиашон бароям ношинос буд чизе нафаҳмидам (*Ф. Шерозӣ*). 6. Ҳар чӣ зуд барояд дер напояд (*С. Шерозӣ*). 7. То чанд сол ҳар гоҳ

дунё ба дилам зада дилтанг шавам ба сари қабри Ҳайрат баромада гириста дили худро холӣ мекардам (*С. Айнӣ*). 8. Андак бехабар монад онҳо ӯро даррав мазоқ мекарданд (*С. Улуғзода*). 9. Ин қадду қомат дар ман бошад кӯҳро зада талқон мекунам. 10. Тирҳо бетартиб метарканд резаҳояшон жолавор мерезанд (*Р. Ҷалил*).

## САВОЛҲОИ ТЕСТӢ

**1. Дар забони тоҷикӣ чанд овози садонок мавҷуд аст?**

А) 5 овози садонок
Б) 6 овози садонок
В) 7 овози садонок
Г) 8 овози садонок
Д) 9 овози садонок

**2. Дар кадом ҷавоб калимаҳои сермаъно дода шудааст?**

А) шаб—рӯз, паст—баланд, дур—наздик
Б) чашм, рӯй, сар, забон, бор
В) чанг, шона, ҳазор, май
Г) Офтоб, Хуршед, Шамс, Меҳр
Д) мисраъ, қасида, рубоӣ, мухаммас.

**3. Дар калимаи «кашокаш» ҳиссаи -о- кадом вазифаро иҷро кардааст?**

А) реша
Б) пешванд
В) пасванд
Г) миёнванд
Д) бандак

**4. Кадом гурӯҳи калимаҳо ба исм мутааллиқ аст?**

А) омӯзгор, гӯсфанд, булбул, мӯрча, рама
Б) ширин, фарбеҳ, сурх, калон, занона
В) чил, панҷоҳу се, чордаҳ, панҷ, сеюм
Г) сохтан, дӯхтан, хонондан, сӯхтан
Д) ноилоҷ, фардо, ҷо-ҷо, тирвор, имрӯз

**5. Дар ҷумлаи «Ман имрӯз бо акаам ба шаҳр меравам» калимаи «имрӯз» ба вазифаи кадом аъзои ҷумла омадааст?**

А) мубтадо
Б) хабар
В) муайянкунанда
Г) пуркунанда
Д) ҳол

**6. Ҷумлаи «Ман омадам, то ки туро бинам» ба кадом навъи ҷумлаи мураккаб мансуб аст?**

А) ба ҷумлаи мураккаби пайвасти пайиҳам
Б) ба ҷумлаи мураккаби пайвасти хилофӣ
В) ба ҷумлаи мураккаби пайвасти ҷудоӣ
Г) ба ҷумлаи мураккаби тобеи пайвандакдор
Д) ба ҷумлаи мураккаби тобеи бепайвандак

# МУНДАРИЧА

**Муқаддима** ... 3

**Такрор.** Ибора, ҷумла ва аъзоҳои ҷумла

§ 1. Ибора ва ҷумла ... 4
§ 2. Аъзоҳои ҷумла ... 5

**Ҷумлаи мураккаб**

§ 3. Маълумоти умумӣ дар бораи ҷумлаи мураккаб ... 8
§ 4. Хелҳои асосии ҷумлаҳои мураккаб ... 10

**Ҷумлаҳои мураккаби пайваст. Ҷумлаҳои мураккаби пайвандакдор.**

§ 5. Маълумоти умумӣ дар бораи ҷумлаҳои мураккаби пайваст ... 13
§ 6. Хелҳои асосии ҷумлаи мураккаби пайвасти пайвандакдор ... 14

**Ҷумлаи мураккаби тобеъ**

§ 7. Маълумоти умумӣ дар бораи ҷумлаи мураккаби тобеъ ... 23
§ 8. Сарҷумла ва ҷумлаи пайрав ... 26

**Хелҳои ҷумлаи пайрав**

§ 9. Ҷумлаи пайрави мубтадо ... 27
§ 10. Ҷумлаи пайрави хабар ... 30
§ 11. Ҷумлаи пайрави муайянкунанда ... 32
§ 12. Ҷумлаи пайрави пуркунанда ... 35

**Ҷумлаҳои пайрави ҳол**

§ 13. Ҷумлаи пайрави тарзи амал ... 39
§ 14. Ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа ... 41
§ 15. Ҷумлаи пайрави монандӣ ... 44
§ 16. Ҷумлаи пайрави замон ... 46
§ 17. Ҷумлаи пайрави макон ... 49
§ 18. Ҷумлаи пайрави сабаб ... 51

§ 19. Ҷумлаи пайрави мақсад ........ 53
§ 20. Ҷумлаи пайрави шарт ........ 56
§ 21. Ҷумлаи пайрави хилоф ........ 58
§ 22. Ҷумлаи пайрави натиҷа ........ 60

**Ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб**

§ 23. Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб ........ 65
§ 24. Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави чида ........ 67
§ 25. Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави ғайричида ........ 69
§ 26. Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави дараҷа ........ 71
§ 27. Пайвандак ва аломати китобат дар ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб ........ 73
§ 28. Ҷумлаҳои мураккаб бо рабти гуногун (Ҷумлаҳои мураккаби омехта) ........ 75
§ 29. Роҳҳои ташаккули ҷумлаи мураккаби омехта ........ 78
§ 30. Аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои мураккаби омехта ........ 80
§ 31. Ҷумлаи мураккаби бепайвандак ........ 81
**Аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак**

§ 32. Аломатҳои вергул ва нуқтавергул дар ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак . 85
§ 33. Аломати баён дар ҷумлаи мураккаби бепайвандак ........ 87
§ 34. Аломати тире дар ҷумлаи мураккаби бепайвандак ........ 88

**Услубиёт ва маданияти нутқ**

§ 35. Услуби гуфтугӯӣ ........ 92
§ 36. Услуби китобӣ. Услуби илмӣ ва расмии коргузорӣ (идорӣ) ........ 94
§ 37. Услуби бадеӣ ва публитсистӣ (рӯзноманигорӣ) ........ 96
§ 38. Муродифот — асоси услубиёт ........ 99
§ 39. Муродифҳои луғавӣ ва ибораги ........ 101
§ 40. Муродифҳои сарфӣ ва наҳвӣ (Синонимҳои морфологӣ ва синтаксисӣ) . 103
Маълумоти умумӣ дар бораи забон ........ 108
Забони тоҷикӣ ........ 113

**Такрор**

§ 41. Овозшиносӣ (фонетика) ва имло ........ 114
§ 42. Калима ........ 116
§ 43. Калимасозӣ ва имло ........ 117
§ 44. Сарф ........ 119
§ 45. Наҳв ........ 121
§ 46 Аломатҳои китобат ........ 123

## Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда

| № | Ному насаби хонанда | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | | |
| 2 | | | | | | |
| 3 | | | | | | |
| 4 | | | | | | |
| 5 | | | | | | |
| 6 | | | | | | |

Ҷадвали болоӣ аз тарафи раҳбари синф ҳангоми ба иҷора додан ва дар охири соли хониш дар вақти бозгирифтан аз рӯйи меъёрҳои зерин баҳогузорӣ мешавад:

| Нав | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан. |
|---|---|
| Хуб | Муқоваaш бутун, аз қисми асосӣ ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, надаридааст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноатбахш | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир гаштааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир гаштааст, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудааст. |
| Ғайриқаноатбахш | Дар муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир гаштааст.<br>Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда шудааст, китобро барқарор кардан ғайриимкон аст. |